# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ЯНВАР-МАРТИ 2020

ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES

**Умеда Ятимова,** иқтисодчӣ
**Беҳзод Ҷӯраев,** бонкдор
**Фарҳод Одинаев,** коршиноси IT
**Шоира Содиқова,** бонкдор



ҲИССАИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ НИСБАТ БА ОХИРИ СОЛИ 2018 БА АНДОЗАИ 4,8ФОИЗ КОҲИШ ДОДА ШУД 40

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПРОТСЕССИНГИИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ВА ЗАРУРАТИ ТАЪСИСИ ОН 36

ШОИРА СОДИҚОВА: “МУШКИЛОТ ВА МОНЕАҲОЕ, КИ ПАСИ САР МЕНАМОЕМ, МОРО БОЗ ҲАМ ҚАВИТАР МЕГАРДОНАНД” 62

*Ҷашни Рӯзи модар ва фарорасии баҳори накӯпайкар муборак бод!*



# 2019–2021
## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

**Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ДАР ИН ШУМОРА:


**3**

**ПРЕЗИДЕНТ МОДАР АВВАЛИН ОМӮЗГОРЕСТ, КИ БАРОИ ФАРЗАНД ДАРҲОИ ИЛМУ МАЪРИФАТРО БОЗ МЕКУНАД.**

**12**

**ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2020 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ**

Дар соли 2019 идома ёфтани низоъҳои геосиёсӣ ва тиҷоратӣ байни давлатҳои . . .

**56**

**ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ДАРХОСТҲОИ МИЗОҶОН БАРОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗ**

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадкиқотӣ таҳлили маълумотро оид ба дархостҳои пешниҳодшуда, радшуда ё маъқулнакарда . . .





**36**

**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПРОТСЕССИНГИИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ВА ЗАРУРАТИ ТАЪСИСИ ОН**

**47**

**ТАРТИБИ ИНТИҚОЛИ ФАРОМАРЗИИ МАБЛАҒҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМҲОИ ПАРДОХТИИ АНҶОМДИҲАНДАИ ЧУНИН ИНТИҚОЛҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бонки миллии Тоҷикистон маҳфуз нигоҳ доштани иттилооти ба Маркази миллӣ воридшуда, саривақт ва . . .

**40**

**ҲИССАИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ НИСБАТ БА ОХИРИ СОЛИ 2018 БА АНДОЗАИ 4,8 ФОИЗ КОҲИШ ДОДА ШУД**

Муҳимтар аз ҳама, меъёри фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар соли 2019 нисбат ба . . .

**54**

**БМТ ФАЪОЛИЯТРО ДАР САМТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ ИДОМА МЕДИҲАД**

Маърифати молиявӣ танҳо дониш нест, мегӯянд мутахассисон. Ин қобилияти назорат . . .

**73**

**ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ БЮРОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ:...**

Имрӯз Бюрои таърихи қарзӣ як қисми ҷудонопазири бозори қарзҳои бонкист, зеро . . .





**62**

ШОИРА СОДИҚОВА:
**«МУШКИЛОТ ВА МОНЕАҲОЕ, КИ ПАСИ САР МЕНАМОЕМ, МОРО БОЗ...»**

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:



**69**

**ФАРОГИРИИ МОЛИВӢ ВОСИТАЕСТ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ БОВАРИИ АҲОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКӢ**



**30**

**ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ОМИЛИ МУҲИМИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА МЕБОШАНД**

**34**

**ХАТМКУНАНДАГОНИ БАРНОМАИ ДАСТГИРИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТИҶОРАТӢ СОҲИБИ ШАҲОДАТНОМА ШУДАНД**

Ҷамъомади тантанавии супоридани сертификат ба иштирокдорони “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ” . . .

**55**

**ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ БАРОИ СОЛИ 2020**

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 27 январи соли 2020 таҳти №16, дар асоси банди 16-и “Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз. . .

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (88) ЯНВАР-МАРТ, 2020

**Тел:** +992 (44) 600- 31- 24
**Факс:** +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt. tj**

**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ. Нурмаҳмадзода
Аъзои Шӯрои машваратӣ:
Ҷ. Нуралиев, Ф. Ҳамрализода,
Л. Салимова, А. Миралиев,
Н. Абибуллоев, А. Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З. Ҷамолов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 511 нусха.
Дар матбааи
ҶСП «НАШРИЁТИ МУОСИР»
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.

# Модар аввалин омӯзгорест, ки барои фарзанд дарҳои илму маърифатро боз мекунад



*Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар*

*07.03.2020, шаҳри Душанбе*

**Модарону хоҳарони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Модар сароғози ҳастии башар, офаранда ва идомабахши ҳаёти инсоният мебошад. Замири ӯ аз меҳру муҳаббат ва лутфу меҳрубонӣ сиришта шудааст, ки ин хислатҳои наҷиб модарро мавҷуди бузургу муқаддаси тамоми давру замонҳо гардонидаанд. Бузургони олам аз қадим то ба имрӯз раҳму шафқат, фазилату порсоӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, заҳмату бедорхобиҳои модарро ситоиш мекунанд ва ба номи покаш ҳамду сано мехонанд. Мо низ рисолати инсонофариву ҳаётбахши модаронро ҳамеша қадр мекунем ва ба сиришти поку номи неки онҳо арҷ мегузорем.

Имрӯз, ки мо ба ифтихори яке аз ҷашнҳои зебову фараҳбахш – Рӯзи модар ҷамъ омадаем, модарону бонувони арҷманд ва занону духтарони азизу меҳрубони кишвар, инчунин, шумо - ҳозирини гиромиро самимона ва сидқан табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо ва ба ҳамаи шумо, ки дар ин толор ҳузур доред, саломатӣ, бахту иқболи баланд, хонаободӣ ва саодати рӯзгорро орзу менамоям.

Ҷашни фархундаи модарону бонувон ҳамасола аз омадани фасли баҳор ва ҷашни Наврӯзи Аҷам мужда мерасонад. Дар ин айём табиат аз нав эҳё шуда, хурраму дилкаш мегардад. Ин рангорангии табиат ба ҳусни модарону бонувони мо зебоиву назокати бештар зам мекунад. Яъне фасли баҳор, ки ба табиати модарону хоҳарони мо созгор мебошад, сиришти зебоипарастии онҳоро таровати баҳорона мебахшад.

Мехоҳам дар ин лаҳзаҳои пурнишот бо ифтихору сарфарозӣ хотирнишон намоям, ки иффату маърифат ва сабру таҳаммул ҳамчун сифатҳои беҳтарини миллӣ мақому манзалати занону бонувони моро дар ҷомеа баланд бардошта, онҳоро азизи ҳар як оила ва қуввати дили аҳли хонавода гардонидаанд.

Зан - Модар бо сад мушкилӣ, вале бо нияти неку умеди зиёд инсонро ба дунё меорад, ӯро тарбия мекунад ва ба камол мерасонад. Доир ба ин масъала дар яке аз суханрониҳои худ таъкид карда будам, ки "модар гаҳвора ва оламро ба ҳам мепайвандад ва бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд".

Модар чунон дили пур аз меҳр дорад, ки дар бисёр ҳолатҳо бо меҳрубониву бахшояндагии хоси худаш аз гуноҳи фарзанд мегузарад ва ӯро мебахшад. Сухане, ки модар ба фарзанд мегӯяд, дӯстдориву меҳрубонӣ ва ғамхорие, ки нисбат ба фарзанд зоҳир мекунад, чунин суханонро ҳеҷ каси дигар намегӯяд ва чунин ғамхориву дӯстдориро ҳаргиз шахси дигар карда наметавонад.

Барои падару модар авлотарин давлат фарзанди солиму солеҳ ва хушбахт аст ва барои фарзанд низ падару модар доштан беҳтарин сарват мебошад. Мо, фарзандон чӣ қадаре, ки ба модар хизмат накунем, ҳатто якшаба ранҷи шабзиндадориҳои ӯро ҷуброн карда наметавонем.

Модар барои фарзанд дарҳои илму маърифатро боз мекунад, яъне аввалин омӯзгори фарзанд мебошад, ба хотири орому осуда ва пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат беминнат талош меварзад. Аз ин рӯ, модар барои фарзанд ҳам умеду орзу, ҳам қалбу рӯҳ, ҳам дармони ҷисму ҷон, яъне меҳрубонтарину ғамхортарин ва муқаддастарин шахс мебошад.

Беҳтарин туҳфа барои модар на гулу гулдаста, на молу сарвати дунё, балки хушбахтиву саломатии фарзанд ва як меҳрубониву навозиши ӯ мебошад.

Ҳамчунин, мехоҳам хотирнишон созам, ки мафҳумҳои муқаддаси "Модар" ва "Ватан" бо ҳам тавъам буда, фарзандони ватандӯстро маҳз модар ба дунё меорад ва муҳаббати Ватанро бо шири сафедаш дар вуҷуди фарзанди худ ҷой мекунад.

Дар Тоҷикистони азизи мо хурду бузург заҳмату фидокориҳои модарону бонувонро қадр мекунанд. Зеро бонувони мо имрӯз бо нангу номуси ватандорӣ

дар соҳаҳои гуногун баробари мардон фаъолият доранд. Саҳми бисёр арзишманди онҳо ва натиҷаи заҳмати софдилонаашон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мушоҳида мегардад.

Мо ҳар яки шумо, модарону бонувони азизро дӯст медорем, бо занону духтарони ватандӯст ифтихор мекунем ва бовар дорем, ки шумо вазифаҳои бадӯшдоштаи худро минбаъд низ сарбаландона иҷро карда, дар рушду ободии кишвари азизамон саҳми боз ҳам бештар мегузоред. Занону модарони мо ҳанӯз дар оғози даврони истиқлоли давлатӣ ба хотири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ва ба эътидол овардани вазъи кишвар азму талош карда, дар роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Ҳоло ҳазорҳо нафар занону бонувони қавиирода ва ҷасуру далери мо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хизмати Модар – Ватанро адо карда, дар ҳифзи марзу буми кишвар ва тартиботу оромии ҷомеа баробари мардон адои вазифа карда истодаанд. Мо бо чунин занону бонувони матиниродаи миллат ифтихор мекунем ва ба садоқати онҳо ба Ватан аҳсан мехонем.

Ҳукумати мамлакат барои мунтазам беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии занону бонувон ва дастгирии ин табақаи бонуфузи ҷомеа ҳамаи тадбирҳои заруриро андешида истодааст. Занону духтарони лаёқатманд ва кордону ташаббускор ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ торафт бештар ҷалб гардида истодаанд. Ба ҳолати аввали марти соли 2020 аз шумораи умумии қариб 19000 нафар хизматчиёни давлатӣ 4500 нафар ё 25 фоизро занон ташкил дода, аз ҷумла 1100 нафар ё 19 фоизи онҳо имрӯз дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд. То охири соли 2019 бонувону занон дар ҳайати Ҳукумати мамлакат ҳамагӣ 4,7 фоизро ташкил медоданд, вале ин нишондиҳанда имрӯз ба 14,7 фоиз расидааст. Мо минбаъд низ ба занону бонувон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа такя мекунем ва барои ҳалли мушкилоти ин табақаи бонуфузи иҷтимоӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонем. Ҳоло дар ин самт татбиқи якчанд стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатӣ идома дорад.

Илова бар ин, барои дастгирии занону духтарони соҳибкор грантҳои Президентӣ таъсис дода, тавассути маблағҳое, ки бо ин мақсад ҷудо мегарданд, саҳми занон дар рушди иқтисоди миллӣ торафт меафзояд. Ғайр аз ин, солҳои охир дар бисёр шаҳру ноҳияҳо корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳазорон нафар бонувону духтарон бо ҷойи кор таъмин шуда истодаанд. Имрӯзҳо садҳо нафар занону бонувон дар бунёди неругоҳи барқии обии "Роғун" ва дигар сохтмонҳои азими мамлакат софдилона заҳмат мекашанд. Масалан, дар иншооти аҳаммияти стратегидоштаи неругоҳи барқи обии "Роғун" 750 нафар занону бонувон, аз ҷумла 40 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, беш аз 260 нафар дар неругоҳҳои "Норак", "Бойғозӣ" ва 1500 нафар дар корхонаи "Алюминийи Тоҷик" кор мекунанд, ки зиёда аз 150 нафари онҳо роҳбарони бахшҳои гуногун мебошанд.

Дар деҳоти кишвар низ корҳои вазнину заҳматталаб ба дӯши занону бонувон қарор доранд. Имрӯз аксари хоҷагиҳои деҳқониро дар мамлакат занон роҳбарӣ мекунанд. Ҳоло дар кишвар роҳбарони 32 ҳазору 200 хоҷагии деҳқонӣ занон мебошанд ва онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат саҳми шоиста мегузоранд. Бонувону духтарони мо иқдоми "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" - ро самимона дастгирӣ карда, бо эҳёи касбу ҳунарҳои қадима дар тамоми қаламрави мамлакат марказҳои ҳунармандӣ ташкил менамоянд ва ҳоло ба шарофати ташаббусҳои онҳо ҳазорҳо нафар занону духтарони дигар ба омӯзиши касбу ҳунар ҷалб шуда истодаанд.

Умедворам, ки бонувону занони тоҷик дар асоси дастуру супоришҳои дар паёми навбатии Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ гузошташуда доир ба азхудкунии касбу ҳунар амал карда, дар панҷ соли оянда бо тамоми роҳу воситаҳо барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва косибӣ дар байни занону духтарон саъю талош мекунанд ва дар беҳтар гардонидани шароити зиндагии ҳар як оила саҳми шоиста мегузоранд.

Дастовардҳои занону бонувони мо дар соҳаи саноат низ қобили таҳсину офарин мебошад. Онҳо дар корхонаҳои хурду бузурги мамлакат заҳмат кашида, дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръат фаъолона иштирок доранд. Ҳазорҳо нафар занони ботаҷрибаю қавиирода солҳои охир корхонаҳои хусусӣ, аз ҷумла коргоҳу марказҳои нассоҷиву дӯзандагӣ таъсис дода, барои даҳҳо ҳазор нафар бонувону духтарон ҷойҳои корӣ муҳайё кардаанд.

Бонувони соҳибкори тоҷик дар бунёди марказҳои хизматрасониву тиҷоратӣ ва сохтмони иншооти иҷтимоӣ, аз қабили муассисаҳои томактабӣ, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ фаъолона ширкат меварзанд. Саҳми занону духтарон дар рушди соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар торафт афзун шуда истодааст.

Тавре ки дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ишора кардам, имрӯзҳо дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 67 фоиз ва фарҳанг 51 фоиз занону бонувон фаъолияти пурсамар доранд. Тибқи маълумот дар соҳаҳои гуногуни кишвар 116 нафар докторҳои илм ва 1124 нафар номзадҳои илм, аз ҷумла 15 доктор ва 133 номзади илм дар соҳаи илмҳои дақиқ аз ҳисоби занон фаъолият мекунанд. Беш аз 82000 нафар занону духтарони тоҷик касби бошарафи омӯзгориро ба ухда дошта, дар таълиму тарбияи насли ояндасози кишварамон нақши арзанда мегузоранд. Занони боиродаи тоҷик ҳатто дар дурдасттарин деҳоти кишвар ба сифати таҳсилот диққати ҷиддӣ дода, баробари волидайн дар тарбияи хонандагон ҳиссагузор мебошанд.

Занону бонувони мо ҳамчун табибу ҳамшираи шафқат барои саломатии аҳли ҷомеа заҳмат кашида, беморонро шифо мебахшанд ва як қисми онҳо ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғул шуда, дар рушди

илми тиб ҳиссаи худро гузошта истодаанд. Бо вуҷуди ин, бонувони табибро зарур аст, ки нозукиҳои соҳаро боз ҳам беҳтар аз худ намоянд, барои солимии ҷомеа бештар кӯшиш кунанд ва ба сокинони мамлакат содиқона, бо дониши баланди касбӣ ва муоширати хуб хизмат расонанд. Зеро барои давлат миллати солим даркор аст ва саломатии мардум боигарии давлат мебошад.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир майли духтарон ба таҳсил ва гирифтани маълумоти олии касбӣ торафт бештар шуда истодааст. Ҳоло қариб 150 ҳазор нафар духтарон машғули омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ибтидоиву миёнаи касбӣ мебошанд. Аз ибтидои таъсис додани квотаҳои Президентӣ то соли хониши 2019-2020 зиёда аз 11 000 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо истифода аз ин имтиёз ба мактабҳои олӣ дохил шуда, беш аз 10 000 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ ва касбу ҳунар гардида, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ муваффақона фаъолият карда истодаанд. Сафи духтарони соҳибмаърифати тоҷик, ки дар муассисаҳои олии кишварҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, сол ба сол меафзояд. Аз 30 ҳазор нафар донишҷӯёне, ки ҳоло дар хориҷи мамлакат машғули таҳсил мебошанд, 12300 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Духтарони соҳибистеъдоду болаёқати мо ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон номи модар ва зани тоҷик, миллат ва давлати тоҷикон ва Ватани азизамонро баланд бардошта, қисме аз онҳо таҳсилро дар муассисаҳои бонуфузи илмӣ идома дода истодаанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар интихоботе, ки чанд рӯз пеш баргузор гардид, номзадии шумораи зиёди бонувони фаъоли мо ба вакилии парламенти мамлакат ва маҷлисҳои маҳаллӣ пешниҳод шуда, аксари мутлақи онҳо ба пирӯзӣ ноил гардиданд. Ин боз як нишонаи эътирофи мақому манзалати зан аз ҷониби шаҳрвандон ва давлату Ҳукумат мебошад. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ ҳоло шумораи занон дар мақоми олии қонунгузори мамлакат, яъне Маҷлиси намояндагон ба 24 фоиз, дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Душанбе ба 41,5, вилоятҳои Хатлон 34,8, Суғд 33,3, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 34,4 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 29,4 фоиз расида, илова бар ин, дар дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ беш аз 50 нафар занону духтарон фаъолият доранд. Аз шумораи умумии номзадҳое, ки мо дар Анҷумани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ кардем, 50 фоизашон бонувону занони фаъол ва ташаббускоранд. Умедворам, ки вакилони нав интихобшуда дар таҳияи қонунҳое, ки ба пешрафти минбаъдаи кишварамон мусоидат менамоянд, саҳми сазовор мегузоранд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла бонувони шарафманд, ҷавонони ватандӯст, ҳамватанони бурунмарзӣ, инчунин, ҳизбҳои сиёсии кишвар, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ ва умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ширкати фаъолонаашон дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот сидқан миннатдорӣ баён намоям. Чорабинии мазкур, воқеан, нишонаи болоравии фарҳанги сиёсии ҷомеа, дарки масъулияти ватандорӣ ва рамзи возеҳу равшани анъанаи таҳаммулгароиву ҳамдигарфаҳмии



сокинони кишвари маҳбубамон ба хотири сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва осоиши ҷомеа гардида, ба таҳкими нуфузу эътибори давлати тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар ҷомеаи мо ҳанӯз баъзе мушкилоту масъалаҳое низ ба назар мерасанд, ки мо бояд онҳоро бо кӯшиши якҷоя ҳаллу фасл намоем. Алалхусус, афзоиш ёфтани ҷудошавии оилаҳои ҷавон солҳои охир боиси ташвиши ҷиддии аҳли ҷомеа гардидааст. Аз рӯи таҳлилҳои мутахассисон сабаби асосии сар задани низоъҳо байни зану шавҳар дар оилаҳои ҷавон ба ҳаёти мустақилона омода набудани духтарон ва ҷавонон мебошад. Иддае аз падару модарон фарзандонро ба зиндагии мустақилона ҳоло ҳам дуруст омода намесозанд, онҳоро соҳиби касбу ҳунар намекунанд ва дар тафаккурашон сабру таҳаммулро ҷой намедиҳанд. Кумитаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш ва сохторҳои онҳо дар маҳалҳо, занони ботаҷриба, Шӯрои ҷамъиятӣ, шӯроҳои куҳансолон, зиёиён ва падару модарон бояд дар самти тарбияи дурусти ахлоқии ҷавонон ва ба зиндагии мустақилона омода кардани фарзандон бештар ва якҷо амал намоянд. Илова бар ин, ман аз шумо, модарону бонувони азиз, даъват менамоям, ки нисбат ба шавҳарони худ меҳрубону ғамхор бошед ва ба қадри заҳмати онҳо низ расед. Бовар дошта бошед, ки дар ин сурат шумо ҳатман оилаи мустаҳкам барпо карда метавонед, саломатиатон хуб мешавад ва умри бобаракат мебинед. Чунки муносибати хуби байниҳамдигарии падару модар ба фарзандон ва аҳли оила таъсири мусбат мерасонад ва ба онҳо дарси ибрат мегардад. Яъне фарзанд тарзи дурусти оиладорӣ ва муносибату муоширатро бевосита аз падару модари худ

меомӯзад. Танҳо дар чунин оилаҳо фарзандон падару модари худ ва калонсолонро эҳтиром мекунанд, дастгиру кумакрасони онҳо мешаванд ва ҳамчун шахсони хайрхоҳу савобҷӯ ба камол мерасанд.

Масъалаи дигаре, ки боиси нигаронист, ин аз таҳсил дур мондани иддае аз духтарон мебошад. Чунин рафтори баъзе падару модарон ҳаргиз қобили қабул буда наметавонад. Зеро ҳар як духтар бояд баробари писарон таҳсил намояд, дониш ва касбу ҳунар омӯзад ва соҳиби хушбахтии ояндаи хеш гардад. Падару модароне, ки ба таҳсил ва касбу ҳунаромӯзии духтарони худ монеъ мешаванд, сабабгори дар оянда бадбахт шудани фарзандон ва оилаи онҳо мегарданд. Модоме, ки падару модарон ҳамеша дар андешаи камолоту хушбахтии фарзандон бошанд, пас бояд кӯшиш кунанд, ки онҳо бесавод намонанд, соҳиби маълумот ва касбу ҳунар шаванд. Шумо тасаввур мекунед, ки дар замонаи пешрафти бесобиқаи илму техника ва технология шахсе, ки саводи кофӣ надорад ва аз дастовардҳои замони муосир огоҳ нест, чӣ гуна метавонад зиндагии худ ва оилаашро пеш барад. Фаромӯш набояд кард, ки духтарони имрӯз модарони оянда, яъне тарбиятгарони насли фардо мебошанд ва зани босавод дар оила нақши бисёр муҳим мебозад. Модарону бонувони мо, инчунин, вазифадоранд, ки ба масъалаи китобхонии фарзандон муносибати ҷиддӣ дошта бошанд ва худашон низ бояд ҳарчи бештар мутолиа кунанд. Зеро барои фарзандону набераҳоро ба китобхонӣ ташвиқу ҳидоят кардан худи модарон доир ба ин ё он асар бояд маълумот дошта бошанд.

Мо озмуни «Фурӯғи субҳи донои...» -ро бо умеди саҳми бузурги модарон дар ин кори бисёр манфиатбахш эълон кардем ва бовар дорем, ки бонувону модарони азизи мо дар ин самт низ нақши назаррас мебозанд. Вобаста ба ин, мо ду қонуни миллӣ қабул кардем, ки ҳар кадоми он ба паст рафтани шиддати хурофот ва риоя гардидани фарҳангу анъанаҳои мардумӣ мусоидат намуд.

Махсусан, Қонун "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" имкон дод, ки хароҷоти оилаҳо кам ва маросиму маъракаҳо ба меъёри муайян даровarda шаванд. Дар натиҷаи амалӣ шудани ин қонун вазъи иҷтимоии оилаҳо, пеш аз ҳама, оилаҳои камбизоат хеле беҳтар гардид. Маъракаҳо ба танзим даромада, исрофкорӣ ва хароҷоти дуюмдараҷа аз байн рафт ва дар маъракаҳо тартиботи ягона ҷорӣ гардид. Бо вуҷуди ин, ҳоло ҳам дар баъзе шаҳру ноҳияҳо, бахусус, бо айби баъзе занон аз оилаҳои мансабдорону хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон ва ходимони дин меъёрҳои танзим халалдор гардида, ҳолатҳои зоҳирпарастиву худнамоӣ ва зиёдаравию исрофкорӣ ба мушоҳида мерасанд, ки боиси нигаронӣ мебошад. Мутаассифона, имрӯз ҳам ҳастанд шахсоне, ки дидаву дониста талаботи қонунро вайрон мекунанд. Аз ин рӯ, ба занону модарони кишвар такроран таъкид карданиям, ки аз зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва маъракаҳои пурдабдаба худдорӣ кунанд, талаботи қонунро риоя намоянд ва маблағҳоеро, ки дар маъракаҳои зоҳирпарастона харҷ мекунанд, барои шароити беҳтари хонадон, оилаҳои ҷавон ва ободии хонаву кошонаи худ сарф намоянд.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба корҳои ободонӣ ва ифтихори сисолагии истиқлоли давлатӣ бо супориши Роҳбари давлат ҳар як хонаву манзили зист бояд тозаву озода ва таъмиру таҷдид карда шавад. Мардуми мо, аз ҷумла бонувону занон метавонанд маблағҳои сарфакардаи худро ба ин самт равона карда, шароити зиндагии худ ва оилаашонро беҳтар намоянд. Зеро дар баробари тарбияи фарзандон ва сарфаю сариштакорӣ дар оила, тозаву озода нигоҳ доштани манзили зист ва ба риояи қоидаҳои беҳдоштӣ одат додани аъзои хонавода, аз ҷумла кӯдакону наврасон ва нигоҳ доштани саломативу тандурустии онҳо пеш аз ҳама, вазифаи модарону занон мебошад. Тавре ки медонед, беэътиноӣ ба масъалаҳои тозагӣ, яъне риоя накардани талаботи беҳдоштӣ (гигиенаи шахсӣ) сабаби асосии паҳншавии ҳар гуна бемориҳои сироятӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, дар шароите, ки аксарияти аҳолии кишвари мо дар деҳот зиндагӣ мекунанд, бонувону занони мо бояд ба ин масъалаҳо эътибори доимӣ ва таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Рӯзҳои охир мардуми сайёраро бемории коронавирус, ки як намуди зуком мебошад, ба таҳлука андохтааст. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳон ҳар сол қариб сӣ миллион нафар одамон танҳо аз бемории вируси норасоии масунияти одам, яъне СПИД ба ҳалокат мерасанд. Дар кишвари мо фавти табиии одамон дар як сол қариб 40 – 45 ҳазор нафар ва дар як моҳ то сеюним ҳазор нафарро ташкил мекунад. Лекин бояд донист, ки дар ҷаҳон тибқи нишондиҳандаҳои расмии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ имрӯз се намуди вируси зукоми мавсимӣ, аз ҷумла намудҳои «А», «Б» ва «Ц» дар гардиш буда, хатари намудҳои зикршудаи зуком нисбат ба коронавирус бештар аст. Ҳар сол дар сайёра то 3-5 миллион нафар гирифтори шаклҳои миёна ва вазнини зуком гардида, аз ин шумора аз 300 ҳазор то 650 ҳазор нафар одамон фавт мекунанд. Дар кишвари мо сатҳи беморшавӣ бо зуком соли 2018 тақрибан 372 ҳазор ва соли 2019 - ум 374 ҳазор нафарро ташкил карда, аз ин шумора дар ду соли зикршуда 694 нафар фавтидааст, ки ҳамагӣ 0,09 фоизро ташкил медиҳад. Мехоҳам таъкид намоям, ки мардуми мо набояд ба таҳлука афтода, ба сухани шахсони воҳимаҷӣ ва ҳангоматалаб бовар кунанд, балки ба маълумоте, ки аз тарафи мақомоти расмии давлатӣ ҳар рӯз аз тариқи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои телевизион ва радио пешниҳод мегардад, такя намоянд.

Мардуми мо рӯзҳои аз ин ҳам сахту вазнинро аз сар гузаронидаанд. Масалан, давраи ҷанги шаҳрвандӣ, яъне солҳои 1992 - 1993 сокинони ноҳияҳои Фархор ва Мир Саид Алии Ҳамадонии собиқ вилояти Кӯлоб, ки аз ҷониби мухолифин бо роҳбарии ҳизби террористиву экстремистии наҳзати ислом дар муҳосираи озуқаворӣ қарор доштанд, аз

ноилоҷӣ ба истеъмоли ҳар гуна гиёҳҳо ва маводи озуқаи пастсифат маҷбур шуданд ва ба бемории гелиотроп гирифтор гардида, ҳазорҳо нафари онҳо талаф ёфтанд. Кор ҳатто ба ҷое расида буд, ки мо аз кишварҳои ҳамсоя беморхонаҳо (госпиталҳо) – и саҳроӣ оварда, беморонро дар онҳо ҷой кардем ва ба табобат фаро гирифтем. Мардуми мо бояд дар хотир дошта бошанд, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат барои ҳар гуна ҳолатҳои эҳтимолӣ захираи кофии маводи озуқаро дорад ва намегузорад, ки аҳолии кишвар беозуқа ва доруворӣ монад. Зеро таъмини амнияти ҷомеа ва осоиши шаҳрвандон бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо вазифаи аввалиндараҷаи давлат мебошад. Мо мардумро дар давоми қариб сӣ сол гурусна нагузоштем. Наход, ки дар шароити осоишта ба гуруснагӣ ва азият кашидани халқамон роҳ диҳем?

Бинобар ин, ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла шумо, ҳозирини гиромӣ муроҷиат мекунам, ки ба ҷойи бовар кардан ба ҳар гуна шахсони ҳангоматалаб ва харидории миқдори зиёди маҳсулоти хӯрокӣ ба қоидаҳои беҳдошти шахсӣ, тозагӣ ва озода нигоҳ доштани манзили зист, ҷойи кор ва маҳалли истиқомати худ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Чунки ҳама гуна бемориҳои сироятӣ дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои беҳдоштӣ ва тозагӣ паҳн мешаванд. Таъкид месозам, ки ба ҷойи оростани дастурхони пурдабдабаву намоишкорона ва гузаронидани маъракаҳои зиёдатӣ ба таъмиру таҷдиди хонаву кошона ва муҳайё кардани шароити замонавии зиндагӣ эътибор додан зарур аст.

Ҳамчунин, мехоҳам таваҷҷуҳи модарону бонувони муҳтарамро бори дигар ба масъалаи риояи расму ойинҳои миллӣ, аз ҷумла тарзи либоспӯшӣ, хусусан, дар ноҳияҳои атрофи пойтахти мамлакат ҷалб намоям. Тақлид ба либоспӯшии бегона, яъне бегонапарастӣ нишонаи возеҳи бефарҳангиву бемаърифатӣ ва гузашта аз ин, ҷаҳолат аст ва оқибати хуб надорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” масъалаҳои дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва эҳтироми арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ тарбия кардани фарзандон ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро танзим менамояд. Дар баробари ин, ки падару модар дар масъалаи таълиму тарбияи фарзанд масъулият доранд, фарзандон низ масъуланд, ки иззату эҳтироми падару модарро ба ҷо оранд ва онҳоро ҳангоми калонсоливу пирӣ нигоҳубин кунанд. Мо ин масъаларо дар Конститутсия ва дигар қонунҳо пешбинӣ кардаем. Зеро падару модар, тавре ки гуфта шуд, тамоми имкониятҳои худро ба фарзанди худ аз лаҳзаи таваллуд то ба камол расидани ӯ сарф мекунанд. Аз ин лиҳоз, фарзандон низ вазифадор ва уҳдадоранд, ки ба волидайни худ ғамхорӣ кунанд. Дар шароити кунунӣ мо бояд ба тарбияи фарзандон бештар диққат диҳем, онҳоро ба донишандӯзӣ ва аз худ кардани касбу ҳунар сафарбар созем ва фаъолияти ҳаррӯзаашонро зери назорат қарор диҳем. Мо бояд тамоми чораҳоро андешем, ки дар панҷ соли оянда ҳар як шахс ва дар навбати аввал, ҷавонон соҳиби касбу ҳунар гарданд.

Занону бонувони арҷманди мо ва тамоми сокинони мамлакат, хусусан, имрӯзҳо, ки ҷашни Наврӯз - соли нави аҷдодии мо наздик шуда истодааст, бояд ба масъалаи тозаву озода ва ободу зебо кардани манзили зист ва маҳалли истиқомати худ эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Зеро мардуми бостонии мо ҳар гуна ҷашну маъракаро бо хонаи обод ва рӯҳияи болида баргузор мекунанд.

Модарони азиз ва бонувони муҳтарам!

Боиси ифтихор аст, ки занону духтарони ҳунарманди тоҷик ғайр аз кору фаъолияти пурсамар дар соҳаҳои мухталифи кишвар дар озмунҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ иштирок карда, соҳиби ҷоизаву ҷойҳои ифтихорӣ гардида истодаанд. Маҳсули эҷоди бонувони ҳунарманд ва чеварону заргарони тоҷик низ дар якчанд намоишгоҳҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ гузошта шуда, маҳорату истеъдоди занону бонувони моҳири мо баҳои баланд гирифт. Дар ҳақиқат, занону бонувони тоҷик бо сабру таҳаммул, иффату порсоӣ, меҳру садоқат ва гузашта аз ин, бо кору пайкори созанда ва заҳмати софдилона номи Зан - Модарро маҳбуби қалбҳо гардонидаанд.

Тавре ки Аллома Иқбол мегӯяд: “Зан чароғи пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббату дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст”. Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин хонда, бовар дорем, ки онҳо дар оянда низ дар татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон нақши шоистаи худро мегузоранд.

Дар охир, бори дигар ҳамаи шумо, модарони мӯнису ғамхор, бонувони хушбахту сарбаланд ва духтарони боғайрату ватандӯстро ба муносибати Рӯзи модар самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, умри дарози бобаракат, рӯзгори обод, хушбахтӣ ва иқболи нек орзу менамоям.

Рӯзи модар муборак, модарону бонувони азиз!

**www.president.tj**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



## ▲ БМТ ВА КБМ МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 19 феврали соли равон бо мудири минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ) - Ноиби президенти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Амрикои Лотинӣ ва Ҳавзаи Кариб, Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Георгина Бейкер, менеҷери минтақавии КБМ дар Осиёи Марказӣ Хонум Кассандра Колберт, мушовири махсуси Ноиби президенти КБМ оид ба Амрикои Лотинӣ ва Ҳавзаи Кариб, Аврупо ва Осиёи Марказӣ ҷаноби Зишан Аҳмад Шайх, роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон Манижа Мамаднабиева ва коршиноси калони сармоягузорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Бозор Давлатмамадов мулоқот намуд.

Дар оғози мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода аз ҳамкории дуҷониба бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар самти рушди низоми бонкии кишвар изҳори қаноатмандӣ намуда. дар ин самт ташаббусҳои созандаи ин созмони бонуфузи ҷаҳониро дастгирӣ ва барои татбиқи он тадбирҳои судмандро амалӣ хоҳад кард. Номбурда таваҷҷуҳи намояндагони КБМ-ро ба масъалаҳои муҳим, аз қабили васеъ намудани ҳамкориҳо бо бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби маблағгузорӣ барои дастгирии бахши хусусӣ, махсусан занони соҳибкор ва рушди сайёҳӣ дар маҳалҳои дурдаст, пешниҳоди қарзҳои арзони дарозмуддат ва миёнамуҳлат, зиёд намудани ҳаҷми сармояи КБМ дар соҳаи бонкии кишвар, пешниҳоди кумаки техникӣ барои рушди соҳаи суғурта ҷалб намуда, идома додани ҳамкориҳоро дар самти таҳия ва татбиқи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дастгирӣ намуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо вобаста ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Бонки миллии Тоҷикистон ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, дурнамои рушди бахши молиявии кишвар, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахши молиявии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ ибрози назар намуданд.

Ноиби президенти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Амрикои Лотинӣ ва Ҳавзаи Кариб, Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Георгина Бейкер аз он изҳори хушнудӣ намуд, ки низоми бонкии Тоҷикистон сол то сол рушд, карда истодааст ва ин ба соҳаи соҳибкорӣ натиҷаи мусбат расонидааст. Тибқи раддабандии Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2020 дар самти пешбурди соҳаи соҳибкорӣ Тоҷикистон аз зинаи 126 ба зинаи 106 боло рафт, ки ин боиси таҳсин аст, иброз дошт Георгина Бейкер. Номбурда иброз дошт, ки КБМ бонкҳо ва ширкатҳои гуногунро тавассути тақвияти идоракунии хавфҳо, равандҳои бизнес ва назорати дохилӣ дастгирӣ намуда, барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва татбиқи принсипҳои муосири танзими бахши хусусӣ корҳои назаррасро анҷом дода истодааст. Инчунин, хонум Георгина Бейкер, бо таваҷҷуҳ ба ислоҳоти татбиқшуда дар низоми бонкии Тоҷикистон зикр кард, ки айни замон бо кӯшишҳои роҳбарияти кунунии Бонки миллии Тоҷикистон низоми бонкии мамлакат нисбат ба солҳои қаблӣ беҳтар гардида, минбаъд низ устувории он таъмин хоҳад шуд.

Инчунин ҷонибҳо оид ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ сухан ронда, иброз намуданд, ки сол то сол Тоҷикистон дар ин самт натиҷаҳои дилхоҳро ноил мегардад, ки чунин дастовард дар рушди иқтисодиёти кишвар натиҷаи мусбии худро гузоштааст.



## ▲ МУЛОҚОТИ ҶАМОЛИДДИН НУРАЛИЕВ БО ҲАЙАТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

16 январи соли 2020 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҳайати Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Ян-Петер Олтерс, коршиноси калони иқтисодӣ Гоҳар Гулюмян, мушовирони байналмилалӣ Мартин Галстян ва Вахе Мавсисянро ба ҳузур пазируфт.

Нахуст Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ба ҳайати Бонки ҷаҳонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, барои мусоидат дар татбиқи марҳилаи навбатии кумаки техникӣ оид ба ҳисоб намудани методология ва баҳодиҳии “Фаъолнокии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Economic Ectivity or Business climate)” изҳори сипос кард.

Дар идома мушовири байналмилалии Бонки ҷаҳонӣ Мартин Галстян оид ба татбиқи лоиҳаи “Фаъолнокии иқтисодиёт” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи дигар кишварҳоро дар ин самт аз солҳои 1960 ва таъсири он дар рушди иқтисодиёти кишвар рӯнамои худро манзури аҳли нишаст намуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки лоиҳаи мазкур барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар рафти таҳия ва татбиқи сиёсати пулию

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



қарзии Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Намояндагони Бонки ҷаҳонӣ дар навбати худ баён доштанд, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур диққати махсус ба пешниҳоди донишҳои методологӣ ва консептуалӣ оид ба ташхиси фазои тиҷоратӣ равона карда шуда, мақсади пурсишномае, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи “Фаъолнокии иқтисодиёт” гузаронида мешавад, омӯзиши андешаи роҳбарони ширкатҳо оид ба вазъи тиҷорати кунунӣ, инчунин нақша ва интизории онҳо барои оянда мебошад. Зеро таҷрибаи кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд нишон дод, ки чунин пурсишномаҳо на танҳо барои мақомоти давлатӣ, таҳиягарони сиёсати иқтисодӣ ва таҳлилгарон, балки барои худи посухдиҳандагон низ муфид ва дар баробари ин манбаи иттилоъ ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо дар баробари баррасии масъалаҳои таҳким бахшидани ҳамкориҳо дар самти татбиқи лоиҳаҳо дар бахши низоми бонкӣ, инчунин, дар бораи рафти амалишавии лоиҳаи “Фаъолнокии иқтисодиёт” табодули назар намуданд.

Коршиноси калони иқтисодии Бонки ҷаҳонӣ Гоҳар Гулюмян изҳор дошт, ки омодааст барои вусъат бахшидани муносибатҳои ҳамкорӣ дар самтҳои зикршуда, аз ҷумла расонидани кумаки техникӣ мусоидат намояд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев барои тақвият бахшидани ҳамкориҳои минбаъда изҳори умед карда, таъкид бар он дошт, ки таҳия ва татбиқи минбаъдаи чунин барномаҳо дар доираи кумакҳои техникӣ на танҳо барои рушди низоми бонкӣ, балки иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад.

### ▲ БА ҶСК “АЛИФ БОНК” ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

алиф бонк

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва моддаҳои 7, 10, 15 ва 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2020, таҳти №1, ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Алиф Бонк” Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дода шуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни супоридани Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ ба Раиси ҶСК “Алиф Бонк” Қурбонов Абдулло барои васеъ кардани доираи фаъолият, аз ҷумла кушодани воҳидҳои сохторӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ва зиёд кардани хизматрасониҳои бонкӣ, бахусус қарздиҳӣ дастур дод.

Тибқи қарори зикршудаи Раёсати БМТ бинобар табдилёбии ҶСК ТАҚХ “Алиф Сармоя” ба бонк Иҷозатномаи он барои иҷрои амалиёти бонкӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 05.07.с.2019, №75 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста мешавад.

Қайд карда мешавад, ки дар робита ба табдилдиҳии он ба бонк (ҶСК “Алиф Бонк”) ҶСК ТАҚХ “Алиф Сармоя” расмиёти заруриро тибқи талаботи қонунгузорӣ риоя кардааст.

### ▲ ҶДММ “РСМ ТОҶИКИСТОН” ВА ҶДММ “ОРИЁН АУДИТ С” СОҲИБИ ИҶОЗАТНОМА ГАРДИДАНД

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ва боби 19 Низомнома “Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст, 22 январи соли равон бораи ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “РСМ Тоҷикистон”додани иҷозатнома қарор қабул намуд. Дар асоси он ба ҷамъияти мазкур барои анҷом додани фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ ба мӯҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.

Ҳамчунин, бо қарори дигари раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020 мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ва боби 19-и Низомнома “Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ориён Аудит С” низ барои фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ ба мӯҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.

Дар робита ба ин, Идораи назорати суғуртавӣ вазифадор карда шуд, ки дар Феҳристи ташкилотҳои аудиторӣ, ки ҳуқуқи анҷом додани аудити ташкилотҳои суғуртавиро доранд, сабтҳои дахлдорро ворид намояд.

### ▲▲ ҶАЛАСАИ СЕЮМИ ШӮРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

Ҷаласаи сеюми Шӯрои миллии суботи молиявӣ (Шӯро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Шӯро – Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода Завқӣ Амин ва бо иштироки роҳбарони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҶСК “Тоҷиктрансгаз” 24 январи соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ибтидо рафти иҷрои

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаи дуюми Шӯро муҳокима гардида, гузориши масъулин дар самти вазъи низоми бонкӣ, фаъолияти Бонки миллӣ ҷиҳати танзими қурби пули миллӣ ва сатҳи таваррум, фаъолияти корхонаҳои азими давлатӣ ва ҳамкории аъзои Шӯро бо коршиноси Бонки ҷаҳонӣ барои пешбурди фаъолият дар самти нигоҳ доштани устувории низоми молиявӣ, инчунин оид ба мушкилиҳои ҷойдошта шунида шуданд.

Дар ҷараёни ҷаласа аъзои Шӯро масъалаҳои марбут ба хавф ва мушкилиҳои мавҷуда дар фаъолияти корхонаҳои азими давлатӣ, бахусус вазъи молиявии ҶСК "Тоҷиктрансгаз" ва накшаи истифодабарии маблағҳои қарзии корхона, ҳамчунин механизми маблағгузории касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ҳаматарафа баррасӣ карданд ва барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои мушаххас манзур намуданд.

Қайд карда шуд, ки бо суръат гирифтани рақобат байни давлатҳо ва номуайянӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, дар самти пешгӯии хавфҳои иқтисодию молиявӣ ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои муҳими иқтисодиёт, бахусус молия ва бонкдорӣ, ки аз бахшҳои калидӣ дар рушди иқтисодиёт ба шумор меравад, тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Дар ин замина, изҳор карда шуд, ки бо мақсади таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунӣ аввалин маротиба содироти молу маҳсулот тамоюли рушд ва воридот бошад, тамоюли коҳишёбандаро касб намуд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки барои нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодиёти кишвар, бахусус фаъолияти босамари корхонаҳои азими давлатӣ, ки то андозае рушди низоми молиявӣ-бонкӣ аз он вобаста аст, ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетӣ, инчунин устувор намудани бахши молиявӣ нақши муҳим мебозад.

Дар хотимаи ҷаласа, бо мақсади дар ҳамоҳангӣ татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини рушди низоми бонкию молиявӣ аз ҷониби Шӯро вобаста ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти корхонаҳои азими давлатӣ ва такмили заминаи ҳуқуқӣ оид ба амалӣ гардонидани механизми маблағгузории касри Хазина қарорҳои дахлдор қабул гардида, аъзои Шӯро барои иҷрои саривақтии онҳо, инчунин Гурӯҳи кории техникӣ ҷиҳати ташкили корҳо аз рӯи баргузории ҷаласаҳои минбаъда, мубодилаи саривақти иттилоот ва фаъолияти ҳамоҳангсозона барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, вазифадор карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо бахри коҳиш додани хавфҳо, 21 июни соли 2018 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

## ▲ ТАҚХ "ҲУМО" ВА ФҚХ "ИМОН" "РАВЗАНАИ БОНКИИ ИСЛОМӢ" МЕКУШОЯНД

Бонки миллии Тоҷикистон ба ду ташкилоти қарзии кишвар - Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" ва Фонди қарзии хурди "Имон" барои пешбурди фаъолияти бонкии исломӣ тавассути ташкил намудани "равзанаи бонкии исломӣ" иҷозатнома дод. Ҳамакнун ин ду ташкилоти қарзӣ бо иҷозатномаҳои худ дар шакли филиал бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ равзанаҳои бонкии исломӣ кушода, амалиёти бонкдории исломиро анҷом хоҳанд дод.

ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2020 бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" барои анҷом додани фаъолияти бонкии исломии зайл, аз қабили ҷалб намудан ва гирифтани амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё пешбурди суратҳисоби сармоявии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, кушодан ва хизматрасонии суратҳисоби муштарӣ (барои амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё суратҳисоби сармоявӣ, амалиётҳои кассавӣ: қабул, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, мубодила, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо, амалиётҳои интиқолӣ: иҷрои хизматрасониҳои интиқолӣ барои интиқоли маблағи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, маблағгузории тиҷорат: додани қарзи хурди исломӣ дар шакли нақдӣ ё маблағгузории хурди исломӣ (таъминшуда, таъминнашуда), аз ҷумла бидуни маҳдудияти маблағгузории истеъмолӣ ҳамчун қарзи истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ, маблағгузории хурди исломӣ барои сармоягузории асосӣ дар асоси фармоиши сармоягузор, додани кафолати бонкӣ, аз ҷумла кафолат ва эътиборномаҳо аз номи худ ва аз номи муштариён ва аҳдҳо оид ба мубодилаи асъор иҷозатнома дарёфт кард.

Ҳамин тариқ, бо қарори дигари Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2020 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" Фонди қарзии хурди "Имон" низ барои анҷом додани фаъолияти бонкии исломӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои хурди исломӣ ва маблағгузории исломӣ ва бастани қарордодҳои фаровардӣ ва своп барои худ тавассути "равзанаи бонкии исломӣ" бо пули миллӣ иҷозатнома дарёфт намуд.

Қарор аст, ки Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Душанбе ва Фонди қарзии хурди "Имон" дар шаҳри

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



Хуҷанд равзанаҳои бонкии исломии худро фаъол намоянд.

## ▲ НАТИҶАГИРӢ АЗ ЯК СОЛИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР БМТ

Дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии ташкилотҳои суғуртавӣ доир ба ҷамъбасти фаъолияти кории ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2019 баргузор гардид. Дар ин ҷаласа бо роҳбарии Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода ва бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ ва масъулини Идораи назорати суғуртавӣ вазъи яксолаи бозори суғурта мавриди таҳлил қарор гирифт.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода ҷаласаро ифтититоҳ намуда, гуфт, ки бахши суғурта яке аз унсурҳои муҳими таркибии бозори молиявӣ ба ҳисоб рафта, рушди ин бахш ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодии давлат мусоидат менамояд: "-Бахши суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, суғурта яке аз соҳаҳои муҳими бозори молиявии давлат маҳсуб ёфта, инкишоф додани он тақозои замон аст".

Дар ҷаласа сардори Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Дилбар Ҳусейнова дар мавзӯи "Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2019" суханронӣ намуда, фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии кишварро ба баррасӣ кашид. Ӯ ба ҳозирон дар бораи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба тамоюли бозори суғуртавӣ, воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ва намудҳои суғурта, пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо, сохтори сандуқи суғуртавӣ, нишондиҳандаҳои азнавсуғуртакунӣ маълумоти дақиқ ироа намуд.

Зикр шуд, ки бозори суғурта дар соли гузашта нисбат ба соли пеш рушд ёфтааст. Аз ҷумла, дар бархе ташкилотҳои суғуртавӣ ҳаҷми воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ва намудҳои суғурта, пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо, сохтори сандуқи суғуртавӣ, нишондиҳандаҳои азнавсуғуртакунӣ афзоиш ёфтаанд.

Зимнан дар ҷаласа дар бораи мушкилоти соҳа низ муҳокимарониҳо сурат гирифта, барои ҳали онҳо таклифу пешниҳодҳо ироа шуданд. Роҳбарон ва намояндагони масъули ташкилотҳои суғуртавии кишвар ба тариқи фишурда роҷеъ ба фаъолияти ташкилоти худ дар соли сипаригардида маълумот дода, дар бораи масоили гуногуни соҳа фикру андешаҳои худро баён намуданд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода дар анҷом ба ташкилотҳои суғуртавӣ барои саҳмгузорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар асоси рақобати солим ба роҳ мондани фаъолияти худ ва инъикоси пурраи фаъолият дар сомонаҳои расмии хеш дастуру тавсияҳо дода, изҳори умед кард, ки дар соли равон низ бозори суғурта ба рушд даст меёбад.

## ▲ БАРҲАМДИҲИИ ИХТИЁРИИ ҶДММ "ТС ЛИДЕР ИНШУРАНС"

Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 13 феврали соли 2020 дар асоси моддаи 14 (1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва боби 12 Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" дархости Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии Лидер Иншуранс"-ро барои барҳамдиҳии ихтиёрӣ қонеъ гардонид.

Мувофиқи қарори зикршуда иҷозатномае, ки ба ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Лидер Иншуранс" барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ 24 январи соли 2019 дода шудааст, беэътибор дониста шуд.

Идораи назорати суғуртавӣ вазифадор гардид, ки дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта тағйироти дахлдор ворид намояд.

## ▲ ИҶОЗАТНОМАҲО БОЗХОНД ШУДАНД

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарорҳои навбатии худ аз 26 феврали соли 2020 дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" дархостҳои Фонди қарзии хурди "Наҷм" ва Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Тиҷорат-Қарз"-ро оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрӣ қонеъ намуд.

Бар асоси қарорҳои зикршуда, иҷозатномаҳои ФҚХ "Наҷм" ва ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат-Қарз", ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ дода шудаанд, бозхонд мешаванд.

Мақомоти ваколатдори ФҚХ "Наҷм" ва ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат-Қарз" вазифадоранд барои анҷом додани расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бо қарздеҳони ташкилотҳои қарзӣ, бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои барҳамдиҳиро таъсис дода, ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти зарурӣро пешниҳод намоянд.

**Ин бахш аз маводи хабарнигорони маҷаллаи "БТҶ", Шуъбаи матбуоти БМТ ва Интернет таҳия шудааст.**



Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон таҳти №1508, 22 ноябри соли 2019 "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумхурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёна мухлат" қабул шуд.

# Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат

**Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии давлатро барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.**

**МУНДАРИҶА**

**Сарсухан**

**I. Шарҳи мухтасари вазъи молиявию иқтисодӣ дар соли 2019**

**II. Пешбурди сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2019**

**III. Нишондиҳандаи мақсаднок ва татбиқи механизму воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат**

*- Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати пулию қарзӣ*

*- Сиёсати фоизӣ ва фишангҳои амалиётии монетарӣ*

*- Пешбурди сиёсати пешбинишаванда ва асосноки пулию қарзӣ*

*- Идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ*

*- Идоракунии захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор*

*- Татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ*

*- Таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ*

## ◙ САРСУХАН

Дар соли 2019 идома ёфтани низоъҳои геосиёсӣ ва тиҷоратӣ байни давлатҳои абарқудрат, номуайяниҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии қурби асъор, болоравии намояи нархҳои маҳсулоти сӯзишворию хӯроквори боиси зиёдшавии хавфҳои иқтисодию молиявӣ дар ҷаҳон гардида, ба суръати рушди иқтисодиёт ва савдои ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонид.

Ҳолати бавуқӯъомада бо дарназардошти хусусияти занҷиридошта ба ҷараёни маблағгузорӣ ва гардиши сармоягузориҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва рушдкунанда монеъ гардида, фаъолнокии иқтисодиёти ҷаҳонро коста гардонид.

Бо вуҷуди фазои начандон мусоиди берунӣ дар нуҳ моҳи соли 2019 рушди устувори иқтисодиёти кишвар нигоҳ дошта шуд, ки ба ин пеш аз ҳама сатҳи муътадили рушди

истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва гардиши савдои чакана мусоидат намуд. Дар навбати худ, нисбатан суст шудани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар бахши сохтмон ба назар расид, ки сабаби асосии он дар коҳишёбии воруди сармоя ва қобилияти харидории даромадҳои аз интиқолҳои пулӣ бадастомада арзёбӣ мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ таъсири болоравии сатҳи нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама сатҳи нархи маҳсулоти воридотӣ, номутавозунии талаботу пешниҳод дар бозорҳои дохилӣ ва таъсири омилҳои мавсимӣ ба болоравии сатҳи нархҳои дохилии кишвар мусоидат намуд. Дар натиҷа, сатҳи таварруми солона ба 8,1 фоиз баробар гардид, ки ин ба ҳудуди болоии нишондиҳандаи мақсаднок 7 фоиз (+/-2 б.ф.) наздик мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ бо назардошти дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон ва вазъи имрӯзаи иқтисодиёти кишвар амалӣ шуда, баҳри то андозае маҳдуд кардани хавфҳои дар иқтисодиёт ҷойдошта равона гардид.

Бо ин мақсад, раванди ислоҳоти бахши пуливу қарзӣ ва низоми бонкӣ идома ёфта, сиёсати пайгирона ва шаффоф ҷиҳати нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат, танзими ҳаҷми пул ва идоракунии пардохтпазирӣ, такмили сохтор ва барқарор намудани устувории молиявии низоми бонкӣ амалӣ гардид, ки ин бевосита барои таъмини суботи низоми молиявӣ ва бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Ҳамзамон, идома додани ислоҳот дар самти тақвият додани механизми сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ки барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад, пешбинӣ шудааст.

Вобаста ба ин, ҳадафи рақамии таваррум барои давраи миёнамуҳлат 6,0 фоиз (+/-2 б.ф.) муайян гардида, татбиқи самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ дар Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат инъикос меёбад. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат самтҳои асосии ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини шаффофиятро дар бар гирифта, дар маҷмӯъ аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- Шарҳи мухтасари вазъи молиявию иқтисодӣ дар соли 2019;
- Пешбурди сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2019;
- Нишондиҳандаи мақсаднок ва татбиқи механизму воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат.

## ◙ I. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР СОЛИ 2019

*Вазъи макроиқтисодии берунию дохилӣ.* Рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2019 бар хилофи интизориҳо дар сатҳи нисбатан пасттар ҷараён ёфт, ки он ба коста гардидани иқтидори заминавии рушди кишварҳои рӯ ба инкишоф ва осебпазир вобастагӣ дошт. Омилҳои мухталифи дорои хусусияти сохторию даврӣ, вазъи ноустувори молиявӣ дар кишварҳои алоҳидаи бузург, тағйирёбии нархи ҷаҳонии ашёи хом, бахусус нархи нафт ва шиддатнокии вазъи геосиёсӣ садди рушди устувори иқтисодиёти ҷаҳон шуданд.

Ин омилҳо ва тамоюлҳо боиси афзоиши хавфҳои гуногуни иқтисодию молиявӣ гардида, ба фаъолнокии иқтисодӣ, унсури талабот (хусусан сармоягузорӣ ва истеъмолот) ва савдои ҷаҳонӣ низ таъсири манфӣ расониданд. Дар баробари ин раванди ноустувории қурб ва болоравии намояи нархҳо дар бархе аз давлатҳои рӯ ба инкишоф мушоҳида гардид.

Бо назардошти ин, Бонки Ҷаҳонӣ[1] ва Хазинаи Байналмилалии Асъор[2] рушди воқеии

иқтисодиёти ҷаҳонро дар солҳои 2019 мутаносибан дар сатҳи 2,6 фоиз ва 3,0 фоиз баҳо додаанд. Дар соли 2020 бошад рушди иқтисодиёти ҷаҳон мутаносибан 2,7 фоиз ва 3,4 фоиз пешбинӣ шудааст.

Дар натиҷаи таъсири хавфҳои бавуқӯъомада ва фишорҳои берунӣ тавассути коҳишёбии вуруди сармоя ва пастшавии нархҳои маҳсулоти содиротӣ, болоравии нархҳои маҳсулоти воридотӣ ба рушди бахшҳои алоҳидаи кишвар таъсири манфӣ расонид.

Новобаста ба ин, дар нуҳ моҳи соли 2019 рушди муътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва нисбатан ба эътидол омадани вазъи молиявию низоми бонкӣ ба қайд гирифта шуд.

Ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар нуҳ моҳи соли 2019 маблағи 52,9 млрд. сомониро ташкил намуда, рушди воқеии он ба 7,2 фоиз баробар гардид, ки ин дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.

Дар ин давра рушди ММД аз рӯи бахшҳои асосии иқтисодиёти кишвар, бахусус дар соҳаи саноат дар сатҳи устувор қарор дошт. Аз ҷумла, афзоиши истеҳсолоти маҳсулот дар соҳаҳои саноат 12,7 фоиз, кишоварзӣ 7,1 фоиз, гардиши савдои чакана 11,6 фоиз ва хизматрасонӣ 3,0 фоизро ташкил дода, рушди манфӣ дар маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ (бахши сохтмон) 8,0 фоиз ба қайд гирифта шуд. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар ин давра ба 3,2 млрд. долл. ИМА баробар гардида, содирот ба 768,3 млн. долл. ИМА ва воридот ба 2,4 млрд. долл. ИМА расид. Тавозуни савдои хориҷии кишвар дар нуҳ моҳи соли 2019 бо афзоиши бақияи манфӣ ҷамъбаст гардида, касри он 1,6 млрд. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

Нишондиҳандаи дигари муҳими макроиқтисодӣ - сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 ба 6,5 фоиз баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дар сохтори таварруми бавуқӯъомада саҳми маҳсулоти хӯроквори 5,2 банди фоизӣ (тағйирёбӣ 9,7 фоиз), маҳсулоти ғайрихӯроквори 0,7 банди фоизӣ (2,2 фоиз) ва хизматрасониҳо 0,6 банди фоизӣ (4,1 фоиз)-ро ташкил дод. Дар ин давра тағйирёбии нисбатан бештари сатҳи нархҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои дорои хусусияти мавсимӣ, маъмурӣ ва фишорҳои берунӣ ба амал омад. Аз ҷумла, раванди тағйирёбии қурби асъор ва болоравии сатҳи нархҳо дар миқёси ҷаҳон ба болоравии нархи маҳсулоти асосии воридотие, ки талабот ба онҳо доимӣ аст (ба монанди орд, равған, маводи шустушӯй ва доруворӣ) сабаб гардид, зеро 47,0 фоизи маҳсулоти сабади нархҳои истеъмолиро маҳсулоти воридотӣ дар бар мегирад.

Ҳамзамон, болоравии нарху тарифҳои хизматрасониҳои маъмурӣ, аз қабили манзилӣ-коммуналӣ, ки бевосита ба зиёд гардидани арзиши хароҷотҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад, ба болоравии сатҳи таваррум замина гузошт. Дар баробари ин, зиёдшавии сатҳи даромад ва хароҷоти истеъмолии аҳолӣ бо дарназардошти нокифоягии таъминоти маҳсулоти хӯроквори дар бозорҳои дохилӣ (хусусан, меваҷот, сабзавот ва маҳсулоти гӯштӣ) вобаста ба таъсири омили мавсимӣ (номусоидии обу ҳаво) ба раванди болоравии сатҳи нархҳо мусоидат кард. Дар натиҷа, меъёри солонаи таваррум дар моҳи сентябри соли 2019 раванди болоравӣ дошта, 8,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 3,1 б. ф. зиёд мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат” нишондиҳандаи мақсадноки Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи то 7,0 (+/-2 б.ф.) фоиз муайян гардида буд. Тибқи таҳлил ва баҳодиҳиҳо интизор меравад, ки то охири соли 2019 сатҳи таваррум дар ҳудуди пешбинигардида, дар атрофи 7,5 – 8,0 фоиз ҷамъбаст мегардад.

[1]Global Economic Prospects June 2019
[2]World Economic Outlook, October 2019

*Сиёсати пулию қарзӣ (монетарӣ) ва асъорӣ.* Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани раванди муътадилии ҳаҷми пул, сиёсати мутавозуни пулию қарзиро тавассути механизму фишангҳои худ ҷиҳати маҳдуд сохтани таъсири омилҳои монетарӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ татбиқ намуд. Вобаста ба ин, бо назардошти вазъи иқтисоди берунию дохилӣ, таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ва фишорҳои таваррумӣ меъёри бозтамвил дар ибтидои соли 2019 аз 14,0 фоиз то 14,75 фоизи солона баланд бардошта шуда, аз 3 июни соли 2019 дар сатҳи 13,25 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Меъёри захираҳои ҳатмӣ ки яке аз фишангҳои танзими ҳаҷми пул мебошад, дар давраи ҳисоботӣ барои пасандозҳо бо пули миллӣ 3,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9,0 фоиз бетағйир нигоҳ дошта шуд. Ба санаи 30 сентябри соли 2019 ҳаҷми пулҳои захиравӣ 16,7 млрд. сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 15,1 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол мутаносибан 7,2 фоиз ва 14,4 фоиз зиёд мебошад. Бо назардошти идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок, дар давраи ҳисоботӣ 110 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми 12,1 млрд. сомонӣ баргузор гардид. Ҳамзамон, дар ин давра 8 музоядаи векселҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 379,1 млн. сомонӣ бо меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни 0,99 фоиз баргузор гардид, ки маблағи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 254,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки рушд наёфтани бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва дар сатҳи нокифоя будани ҳаҷми барориш, мӯҳлатнокӣ ва бо фоизҳои бозорӣ пешниҳод накардани онҳо ба тақвият додани ҳамоҳангии сиёсатҳои монетарию фискалӣ ва татбиқи сиёсати самараноку пешбинишавандаи фоизӣ монеа эҷод менамояд. Ҳамоҳангии сиёсатҳои монетарию фискалӣ яке аз воситаҳои асосии такондиҳандаи рушди иқтисодиёт дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат маҳсуб ёфта, истифодаи самараноки механизму фишангҳои он ба беҳгардонии вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, дар давоми моҳҳои январ – сентябри соли 2019 фишангҳои монетарӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил дода шуда, ҷиҳати танзими ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки пардохтпазирӣ ва вусъат додани таъсирбахшии сиёсати фоизӣ амалиёти доимодастраси амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) фаъол гардонида шуд. Дар ин давра амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) дар ҳаҷми 68,4 млрд. сомонӣ ҷалб шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,0 маротиба зиёд мебошад.

Бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳаҷми 314,6 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ҷудо карда шуд. Дар нуҳ моҳи соли 2019 тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар маҷмӯъ муътадил арзёбӣ гардида, қурби расмии он (қурби миёнавазни хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ) 2,7 фоиз коҳиш ёфт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,1 банди фоизӣ кам мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳҳои феврал - майи соли 2019 қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар бозори ғайрибонкӣ раванди болоравӣ дошта, фарқияти байни қурби бозори ғайрибонкӣ ва қурби расмӣ аз меъёри муқарраршуда (2,0 фоиз) баланд гардида, дар санаи 15 майи соли 2019 то ба 6,1 фоиз баробар гардида буд. Бо мақсади бартараф намудани фишорҳои қурбӣ, маҳдуд кардани таъсири хавфҳои асъории ҷойдошта ва риояи меъёри фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА (то ба 2,0 фоиз), Бонки миллии Тоҷикистон санаи

20 августи соли 2019 тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии сомониро нисбат ба доллари ИМА ба анҷом расонид, ки дар натиҷа арзиши он ба андозаи 2,76 фоиз коҳиш ёфта, 1 доллари ИМА ба 9,70 сомонӣ баробар гашт.

Дар натиҷаи тасҳеҳоти гузаронидашуда фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА дар санаи 30 сентябри соли 2019 ба 0,4 фоиз баробар шуд. Ба ҳолати 30 сентябри соли 2019 намояи қурби самараноки воқеии пули миллӣ бо дарназардошти сатҳи таваррум ва тағйирёбии қурби шарикони асосии савдо ба ҳисоби тағйирёбии миёнасолона 5,2 банди фоизӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,0 банди фоизӣ устувор гардида, ба 90,9 фоиз баробар шуд. Бозори хариду фурӯши асъори нақди хориҷӣ тавассути хазинаҳои амалиётии муассисаҳои ташкилотҳои қарзӣ ташкил карда шуда, ба санаи 30 сентябри соли 2019 шумораи онҳо дар маҷмӯъ ба 1 265 адад баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 150 адад зиёд мебошад.

*Бозори сармоя: қарз ва пасандозҳо.* Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 6,7 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33,7 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди қарзҳои додашуда дар давраи ҳисоботӣ раванди мусбат дошт ва дар муқоиса ба моҳҳои январ-сентябри соли гузашта 34,2 фоиз ё 143,2 ҳазор адад афзоиш ёфта, ба 562,2 ҳазор адад баробар гардид. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 40,0 фоиз ба соҳибкорони истеҳсолӣ (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,1 банди фоизӣ зиёд мебошад) ва аз рӯи соҳаҳо бошад, ба соҳаҳои истеъмолот 27,3 фоиз, савдои хориҷӣ 16,7 фоиз, хизматрасонӣ 14,6 фоиз, кишоварзӣ 14,0 фоиз, саноат 13,4 фоиз, сохтмон 9,3 фоиз, нақлиёт 0,8 фоиз, миёнаравии молиявӣ 1,1 фоиз ва дигар соҳаҳо 2,8 фоиз рост меояд.

Қарздиҳии хурд дар кишвар яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба шумор меравад, ки бахри инкишоф додани он низоми бонкии кишвар тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро равона месозад. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми қарзҳои хурди аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 4,3 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,3 фоиз зиёд мебошад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи низоми бонкӣ меъёри фоизи қарзҳои ба соҳаҳои афзалиётноки иқтисодиёт додашуда раванди коҳишёбӣ дорад. Меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо пули миллӣ дар ин давра 22,1 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 15,5 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ мутаносибан 6,4 ва 1,3 банди фоизӣ паст гардидааст. Мӯҳлати миёнаи қарзҳои ба соҳибкорон додашуда раванди зиёдшавӣ дошта, дар давраи ҳисоботӣ 471 рӯзро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 119 рӯз зиёд буда, ба соҳибкорон барои татбиқи лоиҳаҳои дарозмӯҳлат имкониятҳои бештар фароҳам меорад.

Пасандоз ҳамчун сарчашмаи маблағгузории дохилӣ ва ташаккул ёфтани пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди фаъолияти низоми бонкӣ ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Ба ҳолати 30 сентябри соли 2019 бақияи умумии пасандозҳо 9,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 2,7 фоиз кам мебошад. Сабаби асосии камшавии бақияи пасандозҳо ин аз ҷониби ду бонки муаммодор (ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк") қисман пардохт намудани ӯҳдадориҳои онҳо дар назди аҳолӣ мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 5,8 фоиз афзоиш ва бо асъори хориҷӣ бошад, 10,0 фоиз коҳиш ёфт. Дар таркиби бақияи умумӣ ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 50,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 49,5 фоизро ташкил медиҳад (дар соли 2018 мутаносибан 46,4 фоиз ва 53,6 фоиз буд), ки аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикуно-

нии иқтисодиёт дар натиҷаи тадбирҳои дар ин самт анҷомдода ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

*Вазъи устувории молиявии низоми бонкӣ.* Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ дар доираи Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат ва дигар ислоҳоти дар самти солимгардонии низоми бонкии кишвар татбиқшуда, иҷрои аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ (кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, сатҳи даромаднокии дороиҳову сармоя) нисбатан беҳтар гардида, ба коҳишёбии назарраси қарзҳои ғайрифаъол боис шуд. Вобаста ба ин, ба ҳолати 30 сентябри соли 2019 меъёри кифоятии сармоя 22,0 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда 10,0 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Инчунин, нишондиҳандаи пардохтпазирии ҷории низоми бонкӣ дар ин давра меъёри муқаррарнамударо таъмин намуда, 63,7 фоизро ташкил дод. Дар маҷмӯъ, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар нуҳ моҳи соли 2019 бо фоида ба маблағи 271,4 млн. сомонӣ ҷамъбаст шуд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,6 фоиз зиёд мебошад (дар ҳамин давраи соли 2018 ба 247,7 млн. сомонӣ баробар буд). Сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя бошад, бо тамоюли мусбат ҷамъбаст гардида, мувофиқан ба 1,7 фоиз ва 5,9 фоиз баробар шуд.

Тибқи маълумот ба санаи 30 сентябри соли 2019 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли низоми бонкӣ 30,9 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,9 банди фоизӣ коҳиш ёфт.

*Низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ.* Дар нуҳ моҳи соли 2019 тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ дар маҷмӯъ 24,4 млн. адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 587,8 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 аз рӯи шумора 30 маротиба ва аз рӯи ҳаҷми амалиётҳои гузаронидашуда 62,2 фоиз зиёд мебошад.

Ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо мақсади зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ технологияҳои муосири пардохтӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва интиқоли маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, бо роҳи татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро ба муштариён бомуваффақият фароҳам овардa истодаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз тамоюли нав дар низоми бонкӣ ин аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ татбиқ шудани технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ чунин усули пардохтҳои ғайринақдиро аз соли 2018 ба муштариёни худ фаъолона пешниҳод намуда истодаанд.

Айни замон, теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ 235,2 ҳаз. ададро ташкил дода, дар нуҳ моҳи соли 2019 тавассути ҳамёнҳои электронӣ 1,01 млн. адад пардохтҳои ғайринақдӣ ба маблағи 48,6 млн. сомонӣ анҷом дода шуданд. Ба санаи 1 октябри соли 2019 миқдори умумии кортҳои пардохтии аз ҷониби бонкҳои ватанӣ ба муомилот баровардашуда зиёда аз 2 284,8 ҳаз. ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 28,4 фоиз зиёд мебошад. Миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 26,3 фоиз зиёд гардида, 2 209,9 ҳаз. нафарро ташкил намуд.

Бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии Бонки Ҷаҳонӣ “Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ” (қисмати 4 “Рушди инфрасохтори молиявӣ”) Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) аз санаи 19 июли соли

2019 мавриди истифода қарор дода шуд. Низоми нав дар асоси технологияҳои муосир сохта шуда, ба стандартҳои маъмули ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст ва дорои як қатор бартариятҳо, аз қабили идоракунии навбатнокии пардохтҳо, набудани маҳдудият ба шумораи пардохтҳо дар давоми рӯзи амалиётӣ, модулҳои муосири интиқоли пардохтҳо дар реҷаи вақти воқей, клиринг ва пардохтҳои босуръат мебошад. Татбиқи низоми зикргардида самаранокӣ ва эътимоднокии низоми пардохтии кишварро афзун намуда, барои рушди минбаъдаи инфрасохтори низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ заминаи устувор мегузорад. Инчунин, бо мақсади мусоидат ба фаъолияти мунтазаму самараноки низоми бонкӣ, зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар ва ҳавасманд кардани ташкилотҳои қарзии молиявӣ, иштирокчиёни Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо аз пардохти ҳаққи хизматрасонии ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ дар давоми нимсолаи дуюми соли 2019 озод карда шуданд.

## ◙ II. ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛИ 2019

Дар давраи ҳисоботӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ барои солҳои 2016-2020” ва “Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат” бо мақсади такмили механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар намудани идоракунии пардохтпазирӣ, вусъат додани иқтидори таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини шафофият ва раванди пешниҳоди иттилоот дар самти сиёсати пулию қарзӣ бахри гузариш ба реҷаи сифатан нави сиёсати пулию қарзӣ - “ҳадафгирии таваррум” тадбирҳои мушаххас андешид.

*Сиёсати фоизӣ.* Дар давоми соли 2019 бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва такмили механизми трансмиссионии (таъсирбахшии) он меъёри бозтамвил тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун маҳаки амалиёти монетарӣ барои танзими меъёри фоизи кутоҳмуддати байнибонкӣ дар ҳудудҳои муқарраршуда истифода бурда шуд. Меъёри фоизи ибтидоии амалиёти музоядаҳои қарзӣ дар сатҳи меъёри бозтамвил, меъёри фоизи амалиёти қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) дар сатҳи меъёри бозтамвил ҷамъи 2,0 банди фоизӣ ва меъёри фоизи пасандозҳои шабонарӯзӣ (овернайт) дар сатҳи меъёри бозтамвил тарҳи 2,0 банди фоизӣ муқаррар карда шуд.

*Идоракунии пардохтпазирӣ.* Ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолияти бозори молиявӣ, вусъат додани таъсиррасони фишанги меъёри бозтамвил, ҳавасмандгардонии иштирокчиёни музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳи зиёд намудани фоизи воқеии даромаднокӣ, механизми нави амалиёт дар бозори озод (тибқи услуби прогрессивӣ) татбиқ шуд, ки дар натиҷа талабот ба коғазҳои қиматнок зиёд ва самаранокии идоракунии пардохтпазирӣ ва танзими ҳаҷми пул беҳтар гардид. Дар баробари ин, бо мақсади диверсификатсияи иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок ва беҳтар намудани идоракунии пардохтпазирӣ аз моҳи августи соли 2019 амалиётҳои коғазҳои қиматноки 7-рӯза ҷорӣ карда шуданд, ки дар натиҷа сатҳи пардохтпазирӣ ба сатҳи талабот наздик карда шуд. Бо мақсади муайян кардани ҳаҷми амалиётҳои пешниҳоди пардохтпазирӣ дар бозори озод дурнамои пардохтпазирӣ барои давраи кӯтоҳмуддат тибқи тавсияҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор мунтазам таҳия шуда, ҳаҷми пардохтпазирии изофӣ дар муомилот тавассути амалиётҳои стерелизатсионӣ танзим гардид. Бо мақсади ҷоннок намудани амалиётҳои монетарӣ, ҳавасманд намудани бонкҳо барои иштирок дар музоядаҳои қарзӣ ва гирифтани қарзҳои шабонарӯзӣ (овернайт) тавассути механизми тамдидкунии қарзҳои мазкур

(rollover) ва васеъ намудани номгӯи предмети гарави амалиётҳои монетарӣ ба Дастурамали №220 “Дар бораи амалиёти кӯтоҳмуҳлати бозтамвил” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Вобаста ба ин, ҷиҳати таъмини шаффофият ва мутобиқ намудани амалиётҳои монетарӣ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ иштирокчиёни амалиётҳои марбут ба сиёсати монетарӣ дар Дастурамали мазкур мушаххас карда шуданд.

*Такмили иқтидори таҳлил ваояндабинии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ.* Ҷиҳати ривоҷ додани иқтидори таҳлил ва тадқиқот, ки яке аз шартҳои муҳими гузариш ба речаи “ҳадафгирии таваррум” маҳсуб мeёбад, дар доираи ҳамкориҳои техникӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд моделҳои макроиқтисодии сохторӣ ва модели макрофискалӣ таҳия ва такмил дода шуданд. Дар доираи кумаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ бори нахуст назарсанҷӣ оид ба интизориҳои аҳолӣ гузаронида шуда, дар асоси таҳлилҳои оморӣ-эконометрикӣ нишондиҳандаи интизориҳои таваррумӣ ҳисоб карда шуд. Бо мақсади пешбурди сиёсати пешбинишаванда (looking forward policy) дар асоси тадқиқотҳои эмпирикӣ вазъи макроиқтисодӣ бо моделҳои макроиқтисодӣ, бахусус нишондиҳандаи мақсаднок, сатҳи таваррум таҳлил ва дурнамо шуда, натиҷаи онҳо ба Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ барои баровардани қарорҳо оид ба мавқеи сиёсати пулию қарзӣ пешниҳод гардиданд.

*Сиёсати коммуникатсионӣ.* Стратегияи коммуникатсионии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ барои солҳои 2019-2021 дар асоси ҳуҷҷатҳои “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ва “Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат” бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №165 ба тасвиб расид, ки дар он роҳҳои таъмини шаффофияти фаъолият дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ тавассути вусъат додани робита бо ҷомеа ва ахборотдиҳӣ ба омма муайян карда шудааст. Вобаста ба ин, дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дар қисмати “Сиёсати пулӣ” оид ба мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва раванди ноил гардидан ба он, механизм ва фишангҳои Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзӣ ва заминаи санадҳои меъёри ҳуқуқии он маълумот ҷой дода шудааст. Инчунин, бо мақсади таъмини шаффофияти раванди баровардани қарорҳо дар самти сиёсати пулию қарзӣ, шарҳи мухтасари ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, қарорҳо ва рӯнамоҳо дар зерқисми алоҳидаи бахши “Сиёсати пулию қарзӣ”-и сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон саривақт ва мунтазам нашр карда мешавад. Ҳамзамон, тавассути воситаҳои ахбори умум пайваста ба диққати омма расонидани ахбор оид ба сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, густариши ислоҳотҳои институсионалӣ, вусъатдиҳии бозори пулӣ ва баррасии дигар масъалаҳо бо иштироки мутахассисон ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Инчунин, дар нуҳ моҳи соли 2019 тавассути шабакаҳои телевизионӣ 5 гузориши телевизионӣ, 1 мизи мудаввар, 2 гузориши радиоӣ дар мавзӯъҳои марбут ба сиёсати пулию қарзӣ пахш карда шуданд. Дар баробари ин, бо мақсади возеҳ намудани мақсаду вазифаи сиёсати пулию қарзӣ ва раванди амалисозии он, ислоҳотҳои дар ин самт татбиқшуда дар вазорату идораҳо, донишкадаҳо ва бо иштироки намояндагони васоити ахбори омма рӯнамоҳо пешниҳод гардиданд.

*Ҳамоҳангии сиёсати пулию қарзӣ бо андозу буҷет.* Бо мақсади рушди бозори коғазҳои қиматнок, вусъат додани ҳамоҳангии сиёсати пулию қарзӣ Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба рушди бозори пулӣ ва молиявӣ дар

Тоҷикистон дар доираи кӯмаки техникии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд таъсис дода шуд. Айни ҳол лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва механизми барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ баррасӣ шуда истодаанд. *Идоракунии захираҳои байналмилалӣ.* Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади пешбурди сиёсати самараноки идоракунии захираҳои байналмилалӣ дар доираи барномаи РАМП (Reserve Advisory and Management Program) ҷиҳати диверсификатсия, зиёд намудани даромад ва дар сатҳи мақбул нигоҳ доштани онҳо бо Бонки Ҷаҳонӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд. Барои идоракунии хавфҳо дафтари хавфҳо таҳия шуд, ки ин яке аз воситаҳои самараноки идоракунии хавфҳо буда, ҷиҳати кам намудани ҳолати хавф, муайян намудани осебпазирии бонк ва имконияти зудтар ислоҳ намудани камбудиҳо мусоидат менамояд. Дар баробари ин, мунтазам ҷаласаҳои Кумитаи сармоягузории Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар онҳо масъалаҳои нишондиҳандаҳои асосии сармоягузории захираҳои байналмилалию дороиҳои дохилӣ, таҳлили вазъи бозори дохилию хориҷии сармоягузориҳо, таркибу сохтор ва ҳиссаи фоизии захираҳои асъору филизоти қиматбаҳо баррасӣ гардиданд.

### ◙ III. НИШОНДИҲАНДАИ МАҚСАДНОК ВА ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМУ ВОСИТАҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛИ 2020 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

*Мақсади ниҳоӣ дар давраи миёнамуҳлат.* Дар соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар доираи ваколатҳои худ мебошад, ки он тавассути истифодаи механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ барои пешгирии фишороварии омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо амалӣ мегардад.

**Вобаста ба ин, ҳадафи таваррум барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2021 ва 2022) дар доираи 6,0 фоиз (±2 б.ф.) пешбинӣ карда мешавад.** Дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, бахусус барои солҳои 2020-2022 дар асоси таҳлили сенарияҳои эҳтимолии тағйирёбии вазъи иқтисодию берунӣ, омилҳои мавсимӣ ва интизорӣ баҳогузорӣ гардида, дар нашрияҳои сиёсати монетарӣ инъикос мегардад. Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои хоси иқтисодиёт, омилҳои фундаменталию сохторӣ, таъсири омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва маъмурӣ, ки берун аз доираи назорати сиёсати пулию қарзианд, ба вазъи макроиқтисодӣ, алалхусус сатҳи таваррум таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти ин, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо эҳтимоли бавуқӯъоии хавфҳои афзояндаи берунӣ-иқтисодӣ ва дараҷаи таъсири фишорҳои мазкур ба вазъи макроиқтисодӣ, рушди иқтисодиёт ва унсури талаботи дохилӣ вобастагии зиёд дошта, Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулиро дар асоси ҳолати феълии иқтисодиёт, пешбинии нишондиҳандаҳои асосии он ва пешгирии хавфҳо дар доираи имкониятҳои мавҷуда амалӣ менамояд.

**Истифодаи реҷаи “ҳадафгирии таваррум” тавассути пулҳои захиравӣ дар соли 2020 ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ идома дода мешавад. Ҷиҳати кам намудани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо ва нигоҳдории афзоиши муътадили пешниҳоди ҳаҷми пул, вобаста ба вазъи макроиқтисодӣ иҷрои сатҳи ҷоизи нишондиҳандаҳои амалиётии миқдорӣ, пеш аз ҳама пулҳои захиравӣ ба нақша гирифта мешавад. Дар соли 2021 бо мақсади пурра гузаштан ба реҷаи сифатан нави пулию қарзӣ - “ҳадафгирии таваррум” ва гузариш аз низоми амалиётии пулию**

**қарзӣ ба низоми идоракунии меъёри фоизи кӯтоҳмуддати байнибонкӣ, ки яке аз шартҳои асосии ин реҷа мебошад, минбаъд таҳкиму тақвияти сиёсати пулию қарзӣ ва низоми молиявии кишвар идома меёбад. Вобаста ба ин Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат вазифаҳои зеринро пайгирӣ менамояд:**

*1. Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сиёсати пулию қарзӣ.* Заминаи қонунгузорӣ мутобиқ ба реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ "ҳадафгирии таваррум" таҳия шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати пулию қарзӣ таҷдид хоҳад шуд. Аз ҷумла, бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти ҳайати Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, Низомнома "Дар бораи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон" такмил дода мешавад.

Дар баробари ин, ҷиҳати мутобиқ намудани заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва таъмини шаффофият дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ таҳияи ҳуҷҷати "Асосҳои меъёри фоизӣ" ва такмили Дастурамали №194 "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" ба нақша гирифта шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки соли 2019 дар таърихи бонкдории кишвар бори нахуст бонки исломӣ ташкил гардид ва ҷиҳати татбиқ намудани фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ барои бонкҳои анъанавӣ ва бонкҳои исломӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда таҳлил ва аз нав таҳия гардида, ба рукнҳои бонкдории исломӣ мутобиқ карда мешаванд.

*2. Сиёсати фоизӣ ва фишангҳои амалиётии монетарӣ.* Сиёсати меъёри фоизии Бонки миллии Тоҷикистон пеш аз ҳама барои баланд бардоштани эътимоди агентҳои иқтисодӣ ба сиёсати пулию қарзӣ ва истифодаи меъёри бозтамвил барои муайяннамоии (ориентир)-и фоизи байнибонкии бозорӣ равона мегардад. Бо мақсади афзун намудани таъсирбахшии механизми трансмиссионии меъёри фоизӣ ва фароҳам овардани фазои пешбинишаванда дар бозори байнибонкӣ ҳудудҳои амалиётҳои монетарӣ (қарзҳо ва амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт)) бо фарохии симметрикӣ дар таносуби меъёри бозтамвил муайян гардида, идоракунии самараноки пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ ба роҳ монда мешавад.

*3. Пешбурди сиёсати пешбинишаванда (looking forward policy) ва асосноки пулию қарзӣ.* Қобили қайд аст, ки сиёсати пешбинишавандаи пулию қарзӣ барои зиёд намудани эътимоди аҳолӣ ва агентҳои иқтисодӣ ба фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат намуда, ба рафтори минбаъдаи истеъмолоту пасандозҳо ва баровардани қарори сармоягузорон таъсир мерасонад. Вобаста ба ин, меъёри бозтамвили воқеии мусбат (бо дарназардошти интизориҳои таваррум) дар соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат нигоҳ дошта мешавад.

Мукаммалсозии имкониятҳои техникии ояндабинӣ барои таҳлилу баҳодиҳии дурусти раванди пешбурд ва механизми амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ бо назардошти дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, алалхусус сатҳи таваррум ва вазъи иқтисоди ҷаҳон, таҳлили вазъи иқтисоди беруна ва хавфҳои пешбинишаванда равона шуда, мавқеи сиёсати пулию қарзӣ дар асоси ҳадафи асосӣ (нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо) дар давраи миёнамуҳлат муайян хоҳад шуд. Вобаста ба ин, барои мавқеъгирии сиёсати пулию қарзӣ бо дарназардошти дурнамои раванди рушди иқтисодиёт, тамоюли сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасони дохилӣ (сиёсати фискалӣ, татбиқи лоиҳаҳои бузурги стратегӣ дар кишвар ва

ғайра) ва омилҳои берунӣ (вазъи иқтисоди давлатҳои шариконн савдо, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ва сиёсати Бонки Захиравии Амрико ва ғайра) амалӣ мегардад.

*4. Идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ.* Бо мақсади идоракунии самараноки пардохтпазирӣ амалиётҳои монетарӣ ва фаъол гардонидани механизми таъсиррасонии (трансмиссионии) меъёри бозтамвил тавассути фишангҳои амалиётии фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, амонатҳои кӯтоҳмуддат бо пули миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) дар асоси дурнамои пардохтпазирӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳолати норасоии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ тавассути фишанги доимдастраси қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ таъмин карда мешавад. Механизм ва шарту усулҳои амалиётҳои монетарӣ (муҳлатнокӣ, ҳаҷм, меъёри фоизи амалиётҳо) бо дарназардошти вазъи пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ ва вазъи бозори байнибонкӣ таҷдиди назар карда мешавад.

*5. Идоракунии захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.* Сиёсати идоракунии захираҳои байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзии давлат мувофиқ буда, ба зиёд намудани ҳаҷм, баланд бардоштани даромаднокӣ ва нигоҳдории бехавфи онҳо нигаронида шудааст. Сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои хориҷии давлат ва фаъолияти бозори асъор, боло рафтани рейтингҳои инвеститсионии ҷумҳурӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ басо муҳим мебошад. Вобаста ба ин, бо мақсади таъмини суботи молиявӣ ва сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои иқтисодиёти беруна ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ ва идораи самараноки онҳо, Бонки миллии Тоҷикистон баҳри анҷом додани амалиётҳои хариди тилло ва асъори хориҷӣ аз бозори дохилӣ, холискории такрории тилло барои ба тиллои монетарӣ табдил додани он ва диверсификатсия сохтори он минбаъд низ чораҳои зарурӣ меандешад.

Инчунин, дар давраи миёнамуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон тибқи амалияи муосири бонкдории ҷаҳонӣ бо мақсади тадриҷан диверсификатсия намудани захираҳои байналмилалӣ бо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои асъорӣ, тағйирёбии нархи филизоти қиматбаҳо дар бозорҳои байналмилалӣ бо роҳи сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки давлатӣ фаъолона иштирок менамояд. Дар соли 2020 ва давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбии ба речаи "шинокунандаи танзимшавандаи қурби асъор" асосёфта, татбиқ карда мешавад. Дар речаи мазкур қурби пули миллӣ дар асоси таносуби талаботу пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ муқаррар мегардад ва Бонки миллии Тоҷикистон метавонад дар ҳолатҳои аз эътидол зиёд тағйир ёфтани қурб ба вазъият дахолат намояд. Таъмини муътадилӣ ва фаъолияти самараноки бозори дохилии асъор бо роҳи баланд бардоштани шаффофият ва мусоидат ба рушди бозори дохилии асъор, бартараф сохтани ҳолати номуайянӣ ва ноустувории он, маҳдуд намудани бозори ғайрирасмӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин маҳдуд намудани тағйирёбии аз эътидол зиёди қурби пули миллӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомот аз болои фаъолияти бозори нақдӣ назоратро идома дода, чораҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳиро ба аҳли ҷомеа оид ба риояи тартиби исти-

фодаи асъори хориҷӣ ва баланд бардоштани эътимоду эҳтиром ба пули миллӣ амалӣ менамояд.

*6. Татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ.* Бо мақсади татбиқи яке аз рукнҳои ҳадафгирии таваррум - таъмини шаффофият ва таҳкими канали коммуникатсионии сиёсати пулию қарзӣ дар доираи стратегияи марбута, инчунин беҳтар намудани раванди ахборотдиҳӣ, барои таъсиррасонӣ ба интизориҳои таваррумӣ, ба рафтори агентҳои иқтисодӣ механизму фишангҳои коммуникатсионӣ амалан истифода бурда мешаванд.

*7. Таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ.* Татбиқи сиёсати пулию қарзии самаранок аз вазъи солими низоми бонкӣ, рушди инфрасохтори молиявӣ ва бозори сармоя вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ба масъалаи маҳдуд намудани хавфҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани суботи низоми бонкии кишвар дар соли 2020 таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Вобаста ба ин, дар самти таҳкими назорати бонкӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, пешгирӣ намудани пайдоиши минбаъдаи чунин қарзҳо, пурзӯр намудани низоми баҳогузории хавфҳои қарзӣ ва беҳтар намудани сифати идоракунии корпоративӣ, такмилдиҳии минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи танзиму назорати бонкӣ ва суғурта, ҷорӣ намудани амалиётҳои бонкдории исломӣ ва ҷалби бештари муштариён ба низоми бонкӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Дар баробари ин, бахри вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва оммагардонии истифодаи воситаҳои электронии пардохтии муосир, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ корҳои ташвиқотию тарғиботӣ бурда шуда, барои ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ дар заминаи технологияҳои замонавии пардохтӣ ва татбиқи низоми ҳавасмандгардонии истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ ба ташкилотҳои қарзӣ мусоидат карда мешавад.

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 161 090 177 | 4 205 437 252 | -44 347 075 | -1,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 3 167 932 585 | 2 678 899 223 | 489 033 362 | 18,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 2 105 190 954 | 1 952 029 015 | 153 161 939 | 7,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 708 068 508 | 736 703 719 | -28 635 211 | -3,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 879 365 181 | 701 941 085 | 177 424 096 | 25,3% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 559 293 215 | 750 931 838 | -191 638 623 | -25,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 401 792 771 | 402 840 885 | -1 048 114 | -0,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 319 990 914 | 349 700 756 | -29 709 842 | -8,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 232 719 450 | 269 324 293 | -36 604 843 | -13,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 192 544 209 | 202 091 097 | -9 546 888 | -4,7% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 113 485 754 | 140 650 406 | -27 164 652 | -19,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 133 200 686 | 117 694 753 | 15 505 933 | 13,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 85 689 050 | 91 445 851 | -5 756 801 | -6,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 66 756 227 | 57 487 812 | 9 268 415 | 16,1% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 469 918 557 | 378 861 578 | 91 056 979 | 24,0% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 812 600 792 | 2 298 915 044 | 513 685 748 | 22,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 460 789 916 | 1 347 052 829 | 113 737 087 | 8,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 708 026 096 | 750 751 417 | -42 725 321 | -5,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 376 273 550 | 310 415 285 | 65 858 265 | 21,2% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 303 908 927 | 231 547 504 | 72 361 423 | 31,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 111 010 686 | 115 009 135 | -3 998 449 | -3,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 95 376 709 | 68 994 851 | 26 381 858 | 38,2% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 54 239 757 | 54 022 892 | 216 865 | 0,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 54 304 980 | 21 126 163 | 33 178 817 | 157,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 63 933 444 | 47 384 588 | 16 548 856 | 34,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 21 123 120 | 34 740 353 | -13 617 233 | -39,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 726 287 | 28 562 339 | -27 836 052 | -97,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 18 993 302 | 16 667 306 | 2 325 996 | 14,0% |
| ҶСП "Бонки Покистон" | 9 063 342 | 5 786 626 | 3 276 716 | 56,6% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 384 636 029 | 281 062 613 | 103 573 416 | 36,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ◘ УҲДАДОРИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 732 242 107 | 3 808 586 395 | -76 344 288 | -2,0% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 406 143 209 | 1 992 688 467 | 413 454 742 | 20,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 715 382 317 | 1 617 379 741 | 98 002 576 | 6,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 597 720 080 | 636 809 891 | -39 089 811 | -6,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 743 920 276 | 601 174 306 | 142 745 970 | 23,7% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 452 546 751 | 626 885 601 | -174 338 850 | -27,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 266 563 325 | 296 594 093 | -30 030 768 | -10,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 279 870 647 | 294 808 633 | -14 937 986 | -5,1% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 132 555 957 | 177 611 115 | -45 055 158 | -25,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 121 522 598 | 126 770 244 | -5 247 646 | -4,1% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 28 250 926 | 56 938 973 | -28 688 047 | -50,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 79 383 496 | 64 825 143 | 14 558 353 | 22,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 29 611 238 | 51 167 301 | -21 556 063 | -42,1% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 23 475 959 | 10 795 021 | 12 680 938 | 117,5% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 383 398 158 | 289 164 660 | 94 233 498 | 32,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 405 876 285 | 3 374 854 970 | 31 021 315 | 0,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 590 817 151 | 1 378 383 826 | 212 433 325 | 15,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 963 669 353 | 878 633 963 | 85 035 390 | 9,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 630 899 661 | 534 358 007 | 96 541 654 | 18,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 317 830 132 | 534 206 061 | -216 375 929 | -40,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 277 770 231 | 361 941 282 | -84 171 051 | -23,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 260 754 871 | 211 104 189 | 49 650 682 | 23,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 89 021 705 | 169 712 073 | -80 690 368 | -47,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 69 917 183 | 55 178 126 | 14 739 057 | 26,7% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 18 623 035 | 32 375 848 | -13 752 813 | -42,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 19 581 233 | 38 169 114 | -18 587 881 | -48,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 17 302 674 | 24 115 995 | -6 813 321 | -28,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 4 344 416 | 3 624 966 | 719 450 | 19,8% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 465 271 | 10 372 007 | -9 906 736 | -95,5% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 94 307 760 | 78 067 616 | 16 240 144 | 20,8% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 761 789 376 | 686 210 756 | 75 578 620 | 11,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 428 848 070 | 396 850 857 | 31 997 213 | 8,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 389 808 637 | 334 649 274 | 55 159 363 | 16,5% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 106 746 464 | 124 046 237 | -17 299 773 | -13,9% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 121 922 124 | 108 032 252 | 13 889 872 | 12,9% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 135 444 905 | 100 766 779 | 34 678 126 | 34,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 110 348 428 | 99 893 828 | 10 454 600 | 10,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 100 163 493 | 91 713 178 | 8 450 315 | 9,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 85 234 828 | 83 711 433 | 1 523 395 | 1,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 71 021 611 | 75 320 853 | -4 299 242 | -5,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 427 589 | 53 106 663 | 320 926 | 0,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 53 817 190 | 52 869 610 | 947 580 | 1,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 43 280 268 | 46 692 791 | -3 412 523 | -7,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 56 077 812 | 40 278 550 | 15 799 262 | 39,2% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 86 520 399 | 89 696 918 | -3 176 519 | -3,5% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-ДЕКАБРИ СОЛИ 2019 ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 83 646 293 | 50 510 566 | 33 135 727 | 65,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 58 949 083 | 39 006 528 | 19 942 555 | 51,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 42 047 211 | 36 200 298 | 5 846 913 | 16,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 23 908 677 | 12 049 936 | 11 858 741 | 98,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 12 950 354 | 30 306 401 | -17 356 047 | -57,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 13 889 872 | 10 226 188 | 3 663 684 | 35,8% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 8 202 314 | 7 847 479 | 354 835 | 4,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 11 319 872 | 9 575 653 | 1 744 219 | 18,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 1 348 858 | 17 426 619 | -16 077 761 | -92,3% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | -2 474 203 | 2 230 834 | -4 705 037 | -210,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 17 799 263 | -5 201 700 | 23 000 963 | 442,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -3 412 522 | 141 407 | -3 553 929 | -2513,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 320 927 | 1 401 691 | -1 080 764 | -77,1% |
| ҶСП "Бонки Покистон" | 1 749 188 | 1 570 304 | 178 884 | 11,4% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 10 150 542 | 9 925 523 | 225 019 | 2,3% |

# Технологияҳои иттилоотӣ омили муҳими пешрафти ҷомеа мебошанд




Қабл аз ҳама, имрӯз мо бояд сад дар сад мутмаин бошем, ки дар ҷаҳони муосир нақши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хеле баланд ва ҳалкунанда мебошад. Зеро бидуни шубҳа, технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама ҷодаҳои ҳаёт барои автоматикунонии равандҳо дар тамоми соҳаҳо, самаранокии меҳнатро тавассути суръатбахшии ҷараёни кор зиёд менамоянд.

> Ҳадафи асосии иттилоотонӣ, ин пеш аз ҳама, беҳтар кардани сифати зиндагии мардум тавассути афзоиши ҳосилнокӣ ва мусоидат ба шароити кории онҳо мебошад.

Бе муҳобот метавон гуфт, ки аксарияти мо акнун як рӯзро ҳам бе компютер тасаввур карда наметавонем. Технология ҳар қадар бештар рушд кунад, дастгоҳҳои гуногуни пешрафта бештар дастрас мешаванд ва дар натиҷа зиндагии мардум осону гуворотар мегардад.

Технологияҳои иттилоотӣ — ҳамчунин як омили муҳим ҷиҳати пешрафти соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мебошад, соҳае нест, ки аз ин бахши дастовардҳои илму техника ба таври ғайримустақим дар он истифода нашавад.

Илова бар ин, дар ҷомеаи имрӯза, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои автоматикунонии равандҳо дар низоми бонкӣ яке аз шартҳои асосии пешбурди соҳаи бонкӣ мебошад, зеро суръати самаранокии меҳнатро тавассути тезонидани ҷараёни кор афзоиш медиҳад. Мутаассифона, дар бисёр ҳолатҳо сохтори равандҳо дар дохили корхонаҳо бетағйир боқӣ мемонад.

Дар низоми бонкӣ автоматӣ кардани равандҳои мураккаб дар низомҳои иттилоотии марбута шаффофият ва кам намудани хавфҳо дар амалиётҳоро таъмин месозад.

Дар айни замон ҳаминро бояд дарк кард, ки рушди Низомҳои иттилоотӣ ва равандҳои соҳаи бизнес бидуни дастгирии иттилоот ғайри имкон мебошад ва дар амал татбиқ намудани онҳо танҳо бо дастгирии иттилоот таъмин мегардад.

Маълум аст, ки бизнеси муосир кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки технологияҳои иттилоотиро ба тарви пурра истифода барад. Ин кор имкон медиҳад, ки маълумоти муҳимро ҳифз ва онро самаранок идора намояд.

Бояд дар назар дошт, ки инкишофи назарраси имконятҳои технологияҳои компютерӣ, рушди шабакаҳои иттилоотӣ, эҷоди технологияҳои нави иттилоотӣ ба дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа - истеҳсолот, илм, маориф, тиб ва ғайра оварда мерасонад. Сокинони кишварҳои пешрафтаи дунё хуб дарк мекунанд, ки такмил додани технологияҳои иттилоотӣ вазифаи муҳим ва гаронарзиш аст.

Иттилоотонӣ ҷараёни мураккаби иҷтимоӣ ба шумор рафта, бо тағйироти назаррас дар тарзи ҳаёти аҳолӣ вобастагии амиқ дорад. Ин талошҳои ҷиддиро дар бисёр соҳаҳо талаб мекунад, аз ҷумла ташаккули фарҳанги истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғайра.

Ҳадафи асосии иттилоотонӣ, ин пеш аз ҳама, беҳтар кардани сифати зиндагии мардум тавассути афзоиши ҳосилнокӣ ва мусоидат ба шароити кории онҳо мебошад.



**Фарҳод Одинаев,** директори Департаменти технологияҳои иттилоотии БМТ

Одатан вирусҳо дар аввал тавассути низоми зиддивирусии прокси серверҳо, сипас дар сатҳи дувум аз ҷониби барномаҳои зиддивирусии компютерҳои истифодабарандагон безарар карда мешаванд.

Қобили қайд аст, ки технологияҳои иттилоотӣ — як омили муҳим барои пешрафти соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ба шумор меравад ва имрӯз наметавон касе ва ё соҳаеро ном бурд, ки ҳадди ақалл ба тарви ғайримустақим аз он истифода набурда бошад. Аз самтҳои баландихтисоси саноати вазнин сар карда, то шабакаҳои иҷтимоӣ — дар ҳама ҷо технологияи иттилоотӣ мустақим ё ғайримустақим татбиқ гашта истодаанд. Ҳоло ҳама гуна амалиёти баҳисобгирӣ дар ҳама гуна корхонаҳо тавассути компютер иҷро карда мешаванд. То кадом андоза самаранок кор кардан аз мавҷудияти воситаҳои техникӣ ва таъминоти барномавии он муайян карда мешавад. Аз ҷониби дигар, табиист, ки истифодаи технологияҳои муосир ва таҷҳизоти техникӣ тамо-

ми мушкилотро пурра ҳал намекунад, аммо навоварӣ метавонад кори кормандонро содда, осон ва суръат бахшад. Ин хусусан дар соҳаҳои мураккаби фаъолияти таҳлилӣ, дар ҷараёни таҳияи гузоришҳо, санадҳо ва омор ба назар мерасад.

Хулоса, метавон гуфт, ки технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти як фарди муосир ворид шудаанд ва ҳатто зиёда аз ин, муболиға нест, ки бидуни технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи муосир дар шакли ҳозира вуҷуд дошта наметавонад.

Баъди қабул гардидани як силсила асноди расмӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

"Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ"

"Дар бораи сирри давлатӣ"

"Дар бораи ҳифзи иттилоот"

"Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот"

"Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ"

"Дар бораи стандартонӣ"

"Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият"

"Дар бораи иттилоотонӣ"

"Дар бораи иттилоот"

"Дар бораи имзои электронии рақамӣ"

"Стратегияи рушди технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар ҶТ барои солҳои 2018-2020", барои воридшавӣ ва истифодаи навгониҳои технологияи иттилоотии муосир дар ҳамаи соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуданд.

Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии дохилӣ вобаста ба рушд ва танзими фаъолияти технологияҳои иттилоотӣ таҳия ва татбиқ гаштаанд.

Дар асоси барномаи "Стратегияи рушди технологияҳои иттилоотӣ – комуникатсионӣ дар ҶТ барои солҳои 2018-2020" "Стратегияи рушди технологияҳои иттилоотӣ – комуникатсионӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020" татбиқ гаштааст.

Имрӯз раванди босуръати инкишофи технологияи муосири иттилоотӣ дар соҳаи бонкдорӣ таъсири амиқ расонида, зарурати истифодаи технологияи муосир дар ин соҳа муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон, набояд аз ёд барорем, ки дар ҳар ҷое низомҳои иттилоотӣ вуҷуд дорад ва истифода мешавад, ҳифзи иттилооти дар он ҷой дошта яке аз аввалин вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

## Сарчашмаи сар задани сирояти вирус

Мутахассисон ва коршиносони соҳаи технологияи иттилоотӣ ба хубӣ медонанд, ки сарчашмаи асосии сирояти вирусҳо ин шабакаи Интернет мебошад. Яъне, истифодабарандагон ҳангоми ҷустуҷӯи маводҳои зарурӣ аз беаҳамиятӣ ё беэҳтиётӣ аз манбаҳои номаълуми Интернет истифода мекунанд ва дар натиҷа қурбони сирояти вирусҳо ё ҳуҷумҳои пайдарпай аз ҷониби суроғаи воридшудаашон мегарданд. Дар мавридҳои дигар ҳуҷумҳои сироятӣ ҳангоми истифодабарии почтаҳои электронӣ, ки яке аз хадамотҳои шабакаи Интернет мебошанд, баъди носанҷида боз кардани мактубҳои ношиносу беэътимод, ба амал меоянд. Бояд дар назар дошт, ки рӯз то рӯз модификатсия ё намудҳои мухталифи вирусҳо зиёд шуда истодаанд. То он вақте ки вируси ба тозагӣ навишташуда дар пойгоҳи додаҳои барномаҳои зиддивирусӣ ба қайд гирифта мешаванд, аллакай дар дунё ҳазорҳо компютерҳои дар шабакаи Интернетбуда ба сирояти вирусӣ дучор мешаванд. Аз тарафи дигар худи истифодабарандагон низ сабабгори сар задани чунин ҳодисаҳо мегарданд.

Дар вақти истифода аз шабакаи Интернет иттилооти воридшуда тавассути файрволҳо полоиш ёфта ба компютерҳои истифодабарандагон мегузаранд.



Одатан вирусҳо дар аввал тавассути низоми зиддивирусии прокси серверҳо, сипас дар сатҳи дувум аз ҷониби барномаҳои зиддивирусии компютерҳои истифодабарандагон безарар карда мешаванд.

Хавфи сар задани ҳодисаҳои сирояти вирусӣ дар он аст, ки агар дар компютерҳои истифодабарандагон барномаҳои филтершикан ба дигар вожа VPN насб карда шуда бошанд, пас аллакай ҳимояи файрволҳо бартараф шуда, бинобар сабаби истифодаи беэҳтиётонаи истифодабаранда эҳтимолияти дучори ҳуҷумҳои вирусӣ зиёд мегардад. Илова бар ин, аксари Интернет-серверҳо бо истифода аз протоколи бехатари HTTPS хизматрасонӣ мекунанд. Ин намуди хизматрасонӣ дар прокси-серверҳо танҳо ҳангоми пайвастшавӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар байни манбаи маълумоти беруна ва компютери истифодабаранда чӣ иттилоот интиқол мегардад, барои прокси-сервер номаълум мемонад.

Бояд таъкид намуд, ки вақтҳои охир дар шабакаи Интернет криптовирусҳо зиёд фаъол шудаанд. Хусусиятҳои ин намуди вирусҳо ба якдигар монанд мебошанд. Ҳангоми сирояти вирусӣ низоми амалиётии компютер ба кор омода намешавад. Ҳангоми рушан шудан дар экрани компютер равзанае кушода мешавад, ки дар он хабар оиди интиқоли маблағ бар ивази барқарор намудани маълумоти мавҷудбуда пайдо мегардад. Дар дигар маврид, низоми амалиётии компютер ба кор омода мешавад, вале як қатор файлҳои дар компютербуда аллакай рамздаровардашуда, кушода намешаванд. Дар ҳар маврид равзана оиди пешниҳоди барқароркунии файлҳо бар ивази маблағ пешкаш мегардад. Дар чунин ҳолатҳо истифодабаранда ба таҳлука афтида, фикри ба маъмурони низом муроҷиат карданро не, балки пардохти маблағ бар ивази барқарор кардани маълумотро аз сар мегузаронад. Вале оё пас аз пардохти маблағи дархостшуда, воқеан ҳам маълумоти зарурӣ дастрас мегардад ё не, маълум нест. Дар ҳама ҳолат, бояд ҳатман ба маъмурони низом муроҷиат кардан зарур аст.

Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба пешгирии ҳодисаҳои дар боло зикршуда, таъмини амнияти иттилоот барои ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ семинару машғулиятҳои амалӣ ташкил намуда, дар якҷоягӣ бо ширкатҳои истеҳсолкунандаи барномаҳои ҳифзи иттилоот ҳозиринро бо усулҳои муосири таъмини амнияти иттилоот шинос менамояд.

# Хатмкунандагони Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ соҳиби шаҳодатнома шуданд



**Ҷамъомади тантанавии супоридани сертификат ба иштирокдорони “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ”, ки дар доираи ҳамкории шарикии Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) амалӣ шуд, 19 феврали соли 2020 дар маҷлисгоҳи БМТ бо иштироки Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон хонум Айтен Рустамова, муовини роҳбари Барномаи дастгирии молиявии тиҷоратӣ дар кишварҳои аъзои БАТР Камола Маҳмудова ва намояндагони институтҳои молиявии кишвар баргузор гардид.**

Дар ибтидои ҷаласа Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев миннатдории худро ба меҳмонон барои нишон додани ташаббус дар чунин як барномаи бузурги онлайнии таълимӣ барои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён кард.

- Имрӯз, - гуфт Ҷамолиддин Нуралиев,- зиёда аз 200 нафар кормандони ташкилотҳои қарзӣ аз ҷумла, ҶСК "Ориёнбонк", БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСК "Тавҳидбонк", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон", ҶСП Бонки “Арванд”, ҶСП "Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон", ҶСП “Спитамен Бонк” ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" соҳиби сертификати Палатаи савдои байналмилалӣ оид ба тиҷорати байналмалалӣ (GoingGlobal) мешаванд. Бояд гуфт, ки иштирокчиёни ин барнома мутахассисони соҳаи бонкӣ дар бахши маблағгузории савдо, алоқа бо ҷомеа, ҳуқуқшинос ва мутахассиси идораи хавфҳо шуданд.

Таъкид карда шуд, ки чорабинии имрӯза қадами муҳиме дар сафарбар кардани имкониятҳои зеҳнии бахши бонкии кишвар мебошад ва он барои баҳогузории имкониятҳои татбиқ ва истифодаи маҳсулоти маблағгузории савдо ва идораи хавфҳо бо мақсади зиёд кардани имкониятҳои сармоягузории амалиёти содиротию воридотӣ дар Тоҷикистон равона карда мешавад.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон ин гуна ташаббусҳои ташкилотҳои молиявии байналхалқиро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд ва умед бар он дорад, ки БАТР дар оянда низ ташаббускори ташкили чунин барономаҳо барои бахши молиявии Тоҷикистон хоҳад буд.

Сипас, роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон хонум Айтен Рустамова ва муовини роҳбари Барномаи дастгирии молиявии тиҷоратӣ дар кишварҳои аъзои БАТР Камола Маҳмудова чунин иброз доштанд, ки соли 2019 дар курсҳои омӯзишии онлайнӣ, ки аз ҷониби “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ”-и БАТР пешниҳод гардидааст, беш аз 500 нафар мутахассисон аз низоми бонкии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд, ки 200 нафари онҳо марҳилаи якуми омӯзишро дар самти “Асосҳои маблағгузории тиҷоратӣ” ва курсҳои якҷояи БАТР бо Палатаи савдои байналмилалӣ оид ба тиҷорати байналмалалӣ (GoingGlobal) бомуваффақият ба итмом расониданд.

Онҳо ҳамзамон зикр намуданд, ки иштирокдорони



барнома дар бахшҳои маблағгузории тиҷоратӣ, робита бо ҷомеа, ҳуқуқшиносӣ, амалиёти бонкӣ, идораи хавфҳо, маблағгузории савдои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои гуногуни низоми бонкӣ дониши худро мукаммал гардониданд. Роҳандозии курсҳои омӯзишии “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ”-и БАТР имкон дод, ки иштирокдорон бо маҳсулот ва раванди маблағгузории тиҷоратӣ, аз он ҷумла тартиби мувофиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ аз наздик шинос шаванд.

Ба қавли хонум Айтен Рустамова, иштирокдорон мавзуъҳои муҳим ва зарур, аз қабили нақши бонкҳо, интиқолдиҳандагони борҳо, суғуртакунандагон, агентҳо ва намояндагони ҳавасманди тарафи муқобил дар масъалаи доду гирифти тиҷорати байналмилалиро ба таври амиқ омӯхтанд. Илова бар ин, дар ҷараёни омӯзиш ба тартиб, танзими маблағгузории тиҷоратӣ, ба монанди “UCP600”, “URDG”, “ISP98” ва “Incoterm2010” диққати махсус дода шуд.

Қобили қайд аст, ки Барномаи курсҳои омӯзишии онлайнии “Маблағгузории тиҷоратӣ” соли 2010 аз ҷониби БАТР дар ҳамбастагӣ бо Палатаи савдои байналмилалӣ созмон дода шудааст ва то имрӯз дар он беш аз 5,400 мутахассис аз 340 ташкилот ва 48 давлатҳои Аврупои Шарқӣ, Осиёи Миёна ва ҷанубу шарқи Баҳри Миёназамин ширкат варзидаанд. Хатмкунандагоне, ки курсҳои мазкурро бо нишондиҳандаҳои баланд хатм намудаанд, имконият пайдо кардаанд, ки таҷрибаомӯзии худро дар бонкҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва Палатаҳои савдои байналмилалии Аврупо гузаронанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барномаи омӯзиширо Фонди махсуси саҳҳомони БАТР маблағгузорӣ менамояд.

Донишҷӯёни иштихобгардида бо идорпулӣ таъмин гардида, баъди анҷоми 12 моҳи омӯзиши дуалӣ ба онҳо шаҳодатномаи байналмилалӣ дода мешавад.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа дар вазъияти тантанавӣ ва хотирмон ба 200 нафар намояндагони низоми бонкии ҷумҳурӣ сертификати хатми омӯзиши онлайнии “Барномаи дастгирии маблағгузории тиҷоратӣ” супорида шуд.

**Таҳияи**
**Л. Имомова,**
**“БТҶ”.**

# МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПРОТСЕССИНГИИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ВА ЗАРУРАТИ ТАЪСИСИ ОН



**Дар низоми пардохти Тоҷикистон навоварии технологие рӯйи кор омад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳаммонандӣ ё шабеҳи худро надорад**

Таври хонандаи гиромӣ огоҳӣ дорад, 3 декабри соли гузашта бо мақсади таъмини шаффофияти амалиёти молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ, ривоҷу равнақ додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ҷиҳати таъмини суботи молиявии ҷумҳурӣ ва амнияти низоми бонкӣ Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо ба фаъолият оғоз намуд. Албатта, дар робита ба ин саволе ба миён меояд, ки барои ташкил намудани Маркази мазкур чӣ зарурате пеш омада буд?

Қайд кардан зарур аст, ки тайи солҳои охир зиёд гардидани номуайяниҳо дар сиёсати иқтисодии ҷаҳон бо авҷ гирифтани низоъҳои сиёсию тиҷоратӣ ва кам гардидани ҳиссаи сармоягузориҳои глобалӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои рушдёбанда, чолишҳо ва таҳдидҳои навро ба миён оварда, ба раванди татбиқи ислоҳотҳо таъсири манфии худро расонида истодаанд.

Бинобар ин, дар ҷараёни ҳамгирой (интеграция) дар шакли ҷаҳонишавӣ (глобализация) дар назди давлатҳои осебпазир вазифаҳои нав барои давраи дарозмуддат ба миён омадааст, ки бояд дар доираи ислоҳотҳои амалишаванда, аз қабили мукаммалгардонии сохтори идоракунии давлатӣ, гузариш ва мутобиқшавӣ ба бозорҳои рақобатпазир ва таъмини рушди фарогир (инклюзивӣ) амалӣ гардонида шаванд.

Дар чунин як фазои му-

раккаб барои кишварҳои хурде, ки сиёсати дарҳои кушодаро пеш гирифтаанд, иқтисодиёти рақобатпазире зарур аст, то тавонад амнияти иқтисодии давлат, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва стратегиро бо назардошти манфиатҳои иҷтимоии ҷомеа таъмин намояд.

Қобили қайд аст, ки ҷузъи асосии низоми иқтисоди миллиро бехатарии молиявӣ ташкил медиҳад. Маҳз барои ҳамин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти низоми бонкии кишвар, дар доираи татбиқи сиёсатиислоҳотии худ иқдом гирифт, ки Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳоро бе кушодани суратҳисобҳо (ММП) таъсис диҳад.

Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо навоварии технологӣ дар низоми пардохти кишвар мебошад, ки дар бахши бонкӣ амалӣ гардида, ҳаммонанди худро дар таҷрибаи ҷаҳонӣ надорад.

Модели Маркази миллии мазкур бо назардошти тамоюли ҳамгироии технологияҳои молиявӣ бо технологияҳои танзимгари ҷаҳони муосир таҳия шуда, дар оянда ба ташаккули доираи васеи имкониятҳои технологӣ ва инноватсионӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии нав ба аҳолии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Мақсад аз таъсисдиҳии ин Маркази миллӣ, пеш аз ҳама, иборат аст, аз:

→ ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ, алалхусус дар самти амалиётҳои интиқоли маблағҳо;

→ баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва фарохгардонии доираи фарогирии молиявии аҳолӣ;

→ таҳкимбахшии стратегияи коммуникатсионӣ ва дар амал татбиқ намудани навовариҳои технологӣ дар соҳаи бонкдорӣ;

→ диверсификатсияи бозори хизматрасониҳои интиқоли маблағҳо ва роҳ надодан ба мавқеи инҳисорӣ пайдо намудани як низоми пардохтӣ;

→ осон, боэътимод ва бехатар намудани анҷомдиҳии амалиёти интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ.

Ҳамзамон, зарурати таъсисдиҳии Маркази миллии протсессингӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиётҳо ва коҳиш додани хавфҳои транзаксионӣ бо мақсади таъмин намудани устувории низоми молиявию бонкӣ дар кишвар низ ифода меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо ашхосе ёфт мешаванд, ки зимни шинос шудан ба навоварӣ ё маълумоте, онро таҳлил накарда, моҳияташро ба пуррагӣ дарк нанамуда ва манфиати онро барои ҷомеа ва мардум баҳои воқеӣ надода, фавран ба танқиди он мегузаранд.

Бо назардошти таҷрибаи солҳои тӯлонӣ, маҳз дар самти ба мушкилиҳои молиявӣ ва пардохтнопазирӣ дучор гардидани як қатор низомҳои байналмилалии интиқоли маблағҳо (Лидер ва Мигом), Бонки миллии Тоҷикистон вазъи бозори интиқоли маблағҳои пулии бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар Тоҷикистонро таҳлил кард ва дар натиҷа як қатор муаммоҳоеро ошкор намуд, ки бевосита ба устувории ташкилотҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонида, боиси коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва зиёдшавии осебпазирии ҳолати иқтисодию иҷтимоии кишвар гардидаанд.

Илова бар ин, таҷрибаи қаблан амалкунандаи интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ нишон дод, ки дар ин раванд як қатор хавфҳо ҷой доранд, ки

ба нуфузу эътибори кишвар таъсири манфӣ мерасонанд ва дар навбати худ метавонад фазои сармоягузории мамлакатро коста гардонида, амнияти иқтисодии давлатро зери хатар гузоранд, аз ҷумла:

→ мавҷуд набудани маркази ягонаи протсессингии интиқоли маблағҳо;

→ мавҷуд набудани имконияти аз ҷониби шаҳрвандон гирифтани маблағи интиқолшуда аз дилхоҳ ташкилоти қарзӣ;

→ ҷой доштан хавфи молиявӣ ба ташкилотҳои қарзии ватанӣ ҳангоми аз ҳисоби худ пардохт намудани маблағҳои интиқолшуда, ҳол он ки ин маблағҳоро аз операторони низоми пардохт баъд аз ду ва ё се рӯз дастрас менамуданд;

→ мавҷуд набудани интерфейси ягонаи кор бо низомҳои пардохтӣ;

→ мавҷуд набудани механизми мониторинг дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) оид ба воруди маблағҳо ҳамчун фишанги муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

→ мавҷуд набудани маълумоти дақиқ оид ба ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ва имконияти таҳлили хавфҳои он;

> Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти низоми бонкии кишвар, дар доираи татбиқи сиёсати ислоҳотии худ иқдом гирифт, ки Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳоро бе кушодани суратҳисобҳо (ММП) таъсис диҳад.

→ мавҷуд набудани қурби ягонаи мубодилавӣ оид ба интиқоли маблағҳо.

Маркази мазкур инчунин имкониятҳои навро бахри рушди бозори интиқолҳои пулӣ таъмин намуда, барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад, сифати хизматрасониро барои интиқолгирандагон беҳтар карда, имкони назорат дар заминаи ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатӣ ва таъминнокии молиявии ҳар як амалиёти фаромарзии интиқоли маблағҳоро таъмин менамояд.

Фаъолияти ММП якчанд бартариятҳо дорад, аз ҷумла:

→ таъмини шаффофияти амалиётҳо аз рӯи интиқолҳои пулии фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ;

→ таҳким бахшидани механизми муқовимат аз сӯиистифода намудан аз низоми интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ бо мақсади расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда;

→ тақвият бахшидани устувории низоми бонкии мамлакат аз ҳисоби паст намудани хавфҳои амалиётӣ ҳангоми муфлисшавии низомҳои пардохтии интиқолӣ;

→ аз байн бурдани ҳолатҳои ҳаннотӣ дар бозори интиқоли маблағҳо ва маҳдуд кардани омилҳои инсонӣ;

→ таъмин намудани қурби ягонаи мубодилавӣ барои интиқоли маблағҳо;

→ мавҷуд будани интерфейси ягона барои тамоми низомҳои пардохтӣ;

→ беҳтар кардани механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

→ осону бехатар гардидани интиқоли маблағҳои дохилиҷумҳуриявӣ;

→ фароҳам овардани имконияти интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои кортҳои бонкӣ ("Корти миллӣ");

→ таъсиси маҳзани



муттаҳидаи иттилоот оид ба интиқолҳои фаромарзӣ, ки боиси беҳтар гардидани сифати маълумотҳои оморӣ ва таҳлилҳо мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки барои иштирокдорони Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо ҷиҳати иштирок ва ё анҷом додани амалиёт дар доираи ММП ягон намуди маблағ барои пардохт талаб карда намешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон тамоми иштирокдорони бозори интиқоли маблағҳоро бовар мекунонад, ки дар доираи ислоҳоти ниҳодӣ оид ба таъсиси Маркази миллии протсессингӣ тамоми манфиатҳои гирандагон ва фиристандагони маблағҳои интиқолӣ ба инобат гирифта шуданд ва ММП аз ягон ҷониб барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ ҳаққи хизмат талаб наменамояд.

Ба ғайр аз ин, модели нави анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ тавассути Маркази миллии протсессингӣ кафолати пурраи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои интиқолиро ҳангоми муфлисшавии низомҳои пардохтӣ таъмин менамояд.

Бояд бигӯем, ки то ба фаъолият оғоз намудани Маркази мазкур механизми мониторинги амалиёти интиқоли маблағҳо дар реҷаи вақти воқеӣ ҳамчун фишанги муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, вуҷуд надошт. Айни замон таъсиси чунин як марказ шаффофияти амалиёт аз рӯи маблағҳои интиқолиро таъмин намуда, ба таҳким бахшидани механизми муқовимат аз сӯиистифода бо мақсади расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мусоидат менамояд.

Ва ниҳоят, ҳаминро бояд қайд намоем, ки ҳар як ислоҳот давраи гузариши худро дорад ва бо боварии комил метавон гуфт, ки давраи гузариш ба модели нави анҷомдиҳии амалиёти интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тавассути Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бомуваффақият анҷом ёфта, Маркази мазкур дар оянда муътадилии рушди низоми бонкиро нигоҳ ва таъмин хоҳад кард.

**Ҷӯраев Б.М.,**
сардори шуъбаи танзими
асъори ДИЗБ ва СҚА-и БМТ,
**Раҳмонзода Шариф,**
сардори шуъбаи назорати
асъори ДИЗБ ва СҚА-и БМТ,
**Ятимова У.С.,**
сардори шуъбаи амалиётӣ
ва идоракунии Маркази миллии
протсессингии интиқоли маблағҳои
ДИЗБ ва СҚА-и БМТ.

# Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба охири соли 2018 ба андозаи 4,8 фоиз коҳиш дода шуд



5 феврали соли равон нишасти матбуотии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо намояндагони Воситаҳои ахбори омма, ки чун ҳамеша бо иштироки теъдоди зиёди хабарнигорони дохилию хориҷӣ баргузор гардид, ба ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкии ҷумҳурӣ дар соли 2019 ва вазифаҳои он барои соли ҷорӣ бахшида шуд. Дар кори нишасти матбуотӣ мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Убайдуллоҳ Амирҷон ширкат варзид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода нахуст иброз дошт, ки татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва фаъолияти низоми бонкӣ дар соли сипаригардида барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахусус мусоидат намудан ба устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини рушди иқтисодиёт равона гардид.

## МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ АФЗУД

Қайд гардид, ки дар соли гузашта ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 77,4 млрд. сомонӣ баробар шуд. Рушди воқеии иқтисодиёти кишвар ба андозаи 7,5 фоиз таъмин гардид, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра ба рушди иқтисодиёт афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 13,6 фоиз, гардиши савдои чакана 9,6 фоиз ва кишоварзӣ 7,1 фоиз мусоидат намуданд.

## СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ

Қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар маҷмӯъ муътадил арзёбӣ гардида, қурби расмии он аз рӯйи хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ танҳо 2,7 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нисбат ба соли 2018 ба андозаи 2,9 фоиз камтар мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки гуфт дар идомаи суҳбат Ҷамшед Нумаҳмадзода, ин коҳишёбӣ асосан дар натиҷаи гузаронидани тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмӣ дар санаи 20.08.с.2019 ба андозаи 2,76 фоиз ба амал омада буд.

Айни ҳол фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби фурӯши доллари нақди ИМА ба 1,1 фоиз баробар мебошад, ҳол он, ки дар аввали соли 2019 ин фарқият 3,9 фоизро ташкил дода буд.

Бонки миллӣ ҷиҳати паст намудани хавфҳои асъорию қурбӣ, фишорҳои таваррумӣ ва фаъолгардонии бозори молиявӣ татбиқи омилҳои монетариро дар ҳамоҳангсозӣ бо фишангҳои иқтисодӣ мавриди амал қарор дод. Барои мисол, Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2019 коғазҳои қиматноки худро ба маблағи 16,2 млрд. сомонӣ ба фурӯш баровард. Илова бар ин, тавас-

сути амалиёти “овернайт” амонатҳои шабонарӯзӣ аз ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 123,2 млрд. сомонӣ ҷалб карда шуданд.

## САТҲИ ТАВАРРУМ – ДАР ДОИРАИ ДУРНАМОИ ПЕШБИНИШУДА

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон иброз намуд, ки дар соли 2019 ба таъсири омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва берунӣ нигоҳ накарда, дар натиҷаи татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ бо истифода аз фишангҳои монетарӣ ва муътадил гардонидани вазъи бозори дохилии асъор, сатҳи таваррум дар доираи дурнамои пешбинишуда (7,0 фоиз +/-2 б.ф) ҷамъбаст гардида, 8,0 фоизро ташкил намуд.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, ин пеш аз ҳама, бо сабаби таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла афзоиш ёфтани нархи як қатор маҳсулотҳои ниёзи мардуми аз хориҷи кишвар воридшаванда, ки ҳиссаи онҳо дар сатҳи таваррум 5,8 фоизро ташкил мекунад, инчунин зиёд гардидани нархи қувваи барқ ва дигар тарофаҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва коммуналӣ ба вуҷуд омад (сатҳи омилҳои монетарӣ ва қурбӣ дар таваррум 2,5 фоизро ташкил мекунанд).

Махсус таъкид карда шуд, ки сатҳи таъминокии захираҳои байналмилалӣ дар аввали соли ҷорӣ ба 5,3 моҳи воридотӣ баробар гардидааст, ҳол он ки андозаи он то моҳи июни соли 2015 танҳо 18 рӯзи воридотиро ташкил менамуд.



> Муҳимтар аз ҳама, меъёри фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар соли 2019 нисбат ба соли қаблӣ 1,4 банди фоизӣ (аз 17,2 то 15,9 фоиз) паст шуд ва меъёри фоизи қарзҳо бо пули миллӣ низ тамоюли пастравӣ дошта, нисбат ба соли 2018-ум 3,3 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст (аз 26 то 22,7 фоиз).

## НИЗОМИ БОНКӢ

### Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ бештар аз 300 млн. сомонӣ афзоиш ёфт

Дар ҷараёни нишасти матбуотӣ ба аҳли нишаст иброз карда шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ ташкилотҳои қарзӣ дар самти беҳтар намудани миёнаравии молиявӣ, таъмини рушд ва сифатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷиву дохилӣ, зиёд намудани маблағгузории иқтисодиёт, аз ҷумла ба соҳаи саноат, дастгирии соҳибкории хурду миёна, то андозае корҳои заруриро анҷом додаанд.

Аз ҷумла, соли 2019 меъёри кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ дар доираи талаботи нишондиҳандаи мақбул таъмин гардида, даромаднокии дороиҳо ва сармоя нисбат ба соли қаблӣ афзуданд. Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ дар се соли охир аз 5,5 млрд. сомонӣ ба 6,2 млрд. сомонӣ расонида шуд, ки танҳо дар



соли 2019 ҳаҷми он 5,3 фоиз ё бештар аз 300 млн. сомонӣ афзоиш ёфт.

Тавре Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, дар натиҷаи андешидани чораҳои солимгардонӣ, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба охири соли 2018 ба андозаи 4,8 фоиз коҳиш дода шуда, ба ҳолати 31 декабр 2019-ум сол 25,6 фоизи сандуқи қарзиро ташкил намуд. Қобили зикр аст, гуфт ӯ, дар се соли охир ҳаҷми қарзҳои мазкур 2,1 млрд. сомонӣ ва танҳо дар соли ҳисоботӣ 150,4 млн. сомонӣ ё 5,7 фоиз кам гардид, ки ин ба устуворӣ ва даромаднокии низоми бонкӣ таъсири мусбат расонид.

Қайд гардид, ки дар соли 2019 низоми бонкӣ фаъолияти молиявии худро бо фоида ҷамъбаст намуд. Масалан, дар се соли охир ташкилотҳои қарзӣ фоидаи худро аз 2,6 млн. сомонӣ то ба 308,8 млн. сомонӣ ё 306,2 млн. сомонӣ зиёд намуданд. Танҳо дар соли 2019 нисбат ба соли қаблӣ фоидаи бадастомадаи бонкҳо 12,5 фоиз ё 34,2 млн. сомонӣ афзудааст, ки ин ба зиёд намудани сармояи тавозунии бонкҳо мусоидат хоҳад кард. Дар натиҷа, низоми бонки мамлакат ба Буҷети давлатӣ маблаҒи 594 млн. сомонӣ андоз пардохт намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 24,2 фоиз ё 115,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Хурсандиовар аст, ки дар натиҷаи беҳтар гардидани фаъолияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин васеъ намудани фарогирӣ ва дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ, эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ беҳтар гардида истодааст.

Соли гузашта, таъкид намуд Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, дар бозори молиявӣ дар баробари ташкилотҳои қарзии амалкунанда (75 ташкилоти қарзӣ, 328 филиал, 1500 МХБ.), як бонки анъанавӣ ва як бонки исломии нав, инчунин 164 марказҳои хизматрасонии бонкӣ фаъолияти худро бо 490 ҷойҳои кории нав дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оғоз намуда, ҷойи сохторҳои бонкҳои ба муаммо дучоршударо ишғол намуданд. Имрӯз аҳолии кишвар дар ташкилотҳои қарзӣ 4 058 ҳазор суратҳисоб, аз ҷумла 2 484 ҳазор адад дорандагони кортҳои пардохтӣ ва зиёда аз 5 541 адад истифодабарандагони дигар воситаҳои электронию мобилӣ мебошанд, ки ин нисбат ба соли қаблӣ ба маротиб зиёд мебошанд.

## ПАСАНДОЗҲО 2,8 ФОИЗ ЗИЁД ШУДАНД

Дар ин давра ҳаҷми амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми бонкӣ 9,7 млрд. сомониро ташкил дода, бе дарназардошти ду бонки муаммодор (ТСБ ва АИБ дар соли 2019 ухдадориҳоро дар назди амонатдорон 215,7 млн сомонӣ кам намудаанд) нисбат ба соли қаблӣ 2,8 фоиз ё 234,1 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Теъдоди умумии амонатҳои ҷалбшуда 5’524 ҳаз. ададро (амонатҳои пасандозӣ, кортҳо ва суратҳисобҳо – 4’390 ҳаз. адад, дар хостӣ - 969 ҳаз. адад ва мӯҳлатнок – 165 ҳаз. адад) ташкил намуда, нисбат ба

ҳамин давраи соли гузашта 19,4 фоиз ё 896,4 ҳаз. адад зиёд гардиданд, ки ин афзоиши эътимоднокии аҳолиро ифода менамояд.

Ба маълумоти хабарнигорон расонида шуд, ки фоизи миёнавазни амонатҳои мухлатнок дар низоми бонкӣ бо пули миллӣ 9,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 4 фоизро ташкил доданд. Ҳамчунин гуфта шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳисоби амонатҳои гузошташудаашон 261,5 млн. сомонӣ даромад гирифта, аз он ба буҷети давлатӣ зиёда аз 32 млн. сомонӣ андоз пардохт намудаанд.

Самти дигаре, ки барои рушди иқтисодиёти кишвар муҳим ва зарур мебошад, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба шумор меравад. Дар ин робита, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2019 қарз ва сармояи хориҷӣ ба маблағи 114,1 млн. долл. ИМА ҷалб карда шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 32 фоиз ё 27,7 млн. долл. ИМА зиёд мебошад. Бақияи маблағи сармояи хориҷии истифодашудаи ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2019 ба 235,3 млн. долл. ИМА баробар мебошад.

Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзӣ аз бозори молиявии дохилӣ тавассути бароришии коғазҳои қиматноки худ 668,3 млн. сомонӣ сармоя ҷалб намудаанд, ин ҳам ба зиёд гардидани сандуқи қарзии онҳо мусоидат намуд. Дар умум ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 иқтидори қарзӣ ба маблағи 1,8 млрд. сомонӣ доранд, ки онҳо дар бозори молиявию қарзӣ ҷойгир нашудаанд.

## ТЕЪДОДИ ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА 221,3 ҲАЗОР АДАД АФЗУД

Ба диққати аҳли нишаст расонида шуд, ки ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 9,6 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли қаблӣ 25,5 фоиз ё 1 942,4 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Ба ҳолати 31 декабри соли ҳисоботӣ ҳаҷми бақияи умумии сандуқи қарзӣ 9,8 млрд. сомонӣ баробар шуда, 12 фоиз ё 1 048,1 млн. сомонӣ афзуд.

Муҳимтар аз ҳама, меъёри фоизи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар соли 2019 нисбат ба соли қаблӣ 1,4 банди фоизӣ (аз 17,2 то 15,9 фоиз) паст шуд ва меъёри фоизи қарзҳо бо пули миллӣ низ тамоюли пастравӣ дошта, нисбат ба соли 2018-ум 3,3 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст (аз 26 то 22,7 фоиз).

Тавре аз суханронии Ҷамшед Нурмаҳмадзода маълум гардид, қисми бештари қарзҳои додашуда ба саноат 21,6 фоиз, савдои хориҷӣ 14 фоиз, кишоварзӣ 13,6 фоиз, хизматрасонӣ 13 фоиз, сохтмон 7,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 29,9 фоиз ҷудо гардиданд.

Теъдоди қарзҳои умумии додашуда дар давраи ҳисоботӣ раванди мусбат дошта, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 39,2 фоиз ё 221,3 ҳаз. адад афзоиш ёфта, ба 786 ҳаз. адад баробар шуд. Миқдори умумии қарзгирони амалкунанда дар сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ ба 469 ҳазор адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли қабли 47,4 ҳазор адад ё 11,3 фоиз зиёд шудааст.

Бояд қайд кард, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 73.5 фоиз (7 025,2 млн. сомонӣ) ба соҳибкорон рост меояд, ки 20 фоиз ё 1 165,6 млн. сомонӣ нисбат ба соли гузашта зиёд мебошад. Аз ҷумла, 46,1 фоизи қарзҳои додашуда ё 4 405,7 млн. сомонии он ба соҳибкорони истеҳсолӣ равона гардидааст, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 37 фоиз ё 1 188,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар баробари ин, мухлати миёнаи қарзҳои додашуда нисбат ба соли гузашта бештар аз 3 моҳ зиёд шудааст,(ба 476 руз баробар шудааст). Мухлати миёнаи қарзҳои додашуда ба соҳибкории истеҳсолӣ бошад, зиёда аз 4 солро ташкил менамояд.

Тибқи маълумотҳои мавҷуда, аз ҳаҷми маблағи қарз-

ҳои додашуда, ба ноҳияҳои дурдаст 1290 млн. сомонӣ (аз ҷумла 989,4 млн. сомонӣ қарзҳои хурд) рост меояд, ки ин дар қиёс ба соли 2018-ум 30 фоиз ё 295,3 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Теъдоди онҳо 13 фоиз ё 14 ҳаз. адад зиёд шуда, дар соли ҳисоботӣ 120 ҳаз. адад қарзҳои додашударо ташкил намуданд.

Бо назардошти беҳтар гардидани маданияти қарздиҳӣ ва қарзадокунии мизоҷон дар соли 2019 ташкилотҳои қарзӣ, аз 100 фоизи дархостҳо барои гирифтани қарз 86,6 фоизи онҳоро қонеъ гардониданд, 3,2 фоизашон дар баррасӣ қарор дошта, боқимонда 10,2 фоизи дархостҳо бо сабаби мутобиқ набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бо меъёрҳои амалкунанда қонеъ нагардиданд.

## БА НИЗОМИ БОНКӢ БОНУВОН БЕШТАР ҶАЛБ ГАРДИДАНД

Сол то сол дар соҳаи бонкӣ шумораи хонумон ва бонувони соҳибтахассус, фаъолу кордон зиёд мегардад. Соли 2019 аз шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 6 063 нафарро бонувон (ё 35,2 фоиз) ташкил медиҳанд, ки ин дар муқоиса ба соли гузашта 599 нафар зиёд мебошад. Аз ин теъдод 3124 нафар зан ҳамчун корманди фронт офис фаъолият намуда, 641 нафар ё 21,2 фоизи онҳо вазифаҳои роҳбарикунандаро ба зимма доранд.

> Хурсандиовар аст, ки дар натиҷаи беҳтар гардидани фаъолияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин васеъ намудани фарогирӣ ва дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявӣ, эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ беҳтар гардида истодааст.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ

### Ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ 23,3 фоиз афзуд

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар идомаи вохӯрӣ бо журналистони дохилӣ ва хориҷӣ изҳор дошт, ки бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти кишвар, ки дар Паёми соли гузашта ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва инчунин кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҷорӣ намудани воситаҳои муосири электронии пардохт, коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти низоми бонкӣ ироа гардидаанд, чораҳои самаранок ва зарурӣ андешида истодаем. Аз он ҷумла, дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ тавассути низомҳои гуногуни ҳисоббаробаркунӣ зиёда аз 126,1 млн. амалиёт ба маблағи умумии 870,8 млрд. сомонӣ амалӣ гардиданд, ки нисбат ба як соли пеш теъдоди пардохтҳо 0,7 фоиз ва ҳаҷми пардохтҳо 23,3 фоиз зиёд шуданд.

Ба санаи 31 декабри соли 2019 барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмӯъ 878 адад банкомат ва 5 348 адад терминалҳои электрониро дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб намуданд, ки назар ба соли 2018 шумораи банкоматҳо 200 адад ва теъдоди терминалҳои электронӣ 849 адад зиёд шуданд. Бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 34,8 млн. адад амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 872 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 аз рӯи миқдор 28 маротиба ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда, 71 фоиз ё 362 млн.сомонӣ афзоиш ёфтаанд.

Номбурда иброз намуд, ки бо истифода аз 2 484 ҳаз. адад кортҳои пардохтӣ амалиётҳо ба маблағи 12 600 млн. сомонӣ. гузаронида шудаанд. ки ин назар ба соли гузашта 20,4 фоиз зиёд мебошад. Илова бар ин, дар соли сипаригардида 5 541 адад воситаҳои муо-

сири инфрасохторӣ барои пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла воситаҳои мобилӣ ва QR-рамзҳо (2 006 адад) дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ насб шудаанд, ки тавасути онҳо ба маблағи 102 млн. сомонӣ амалиётҳои ғайринақдӣ гузаронида шудаанд. Қобили тазаккур аст, ки ин таҷриба соли сипаригашта бори аввал дар низоми пардохтии кишвар ҷорӣ карда шуд.

## РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАВСЕА МЕЁБАНД

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2019 ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ҳамкориҳои дуҷонибаи судмандро бо Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки Осиёии рушд, Бонки исломии рушд, Бонки давлатии рушди Хитой, Бонки рушди Авруосиё, фондҳои байналмилалӣ, Бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷаи дуру наздик тақвият бахшид.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои самарабахш дар давраи ҳисоботӣ низоми бонкии кишвар маблағи 114,1 млн. долл. ИМА қарз ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҷалб намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 32,0 фоиз зиёд мебошад.

## МУШКИЛОТ ҲАСТ, ВАЛЕ ОНҲО ҲАЛШАВАНДААНД

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон қайд намуд, ки дар фаъолияти низоми бонкии кишвар ҳоло ҳам мушкилиҳои зиёд ҷой доранд ва танҳо дар натиҷаи меҳнати софдилонаю босамар онҳо бартараф карда мешаванд. Бинобар ин, бо мақсади иҷрои дастуру вазифаҳое, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мо гузошта шудаанд, тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида, масъалаи дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ бо назардошти татбиқи сиёсати устувори монетарӣ вазифаи аввалиндараҷаи худ қарор медиҳем.

Таъкид карда шуд, ки барои ҳалли муваффақона ва саривақтии ин ҳадаф вазифаҳои навбатии зерини низоми бонкӣ барои соли равон таҳия шудаанд ва тадриҷан амалӣ хоҳанд гашт:

- омода кардани шароити мусоид ҷиҳати пешгирӣ намудани хавфҳои молиявӣ ва нигоҳ доштани фаъолияти солими ташкилотҳои қарзии кишвар тавассути таъсис намудани феҳрасти қарз, таъмини рушд ва сифатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои аҳолӣ ва сармоягузории хориҷӣ, мусоидат ба афзоиши иқтидори содиротӣ;
- андешидани тадбирҳои иловагӣ барои зиёд намудани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва бехатар гардонидани ҷараёни қарздиҳӣ ва паст намудани хавфҳои қарзӣ, дастрасӣ ба қарзҳои арзон дар соҳаи саноат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва хурду миёна, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдаст;
- таъмини суботи молиявию пардохтпазирии низоми бонкии кишвар, зиёд намудани сармояи тавозунӣ ва шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ тавассути нашри ҳисоботҳои молиявии онҳо дар васоити ахбори омма баҳри фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дар ин робита баланд бардоштани сатҳи боварии аҳолӣ ба низоми молиявӣ;
- баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандони низоми бонкию суғуртавӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҷобаҷогузории онҳо, инчунин гузаронидани тренингу омузишҳои махсус ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифат ва муошırати кормандон бо мизоҷон;



- таъмини фаъолияти солим ва самараноки низоми бонкӣ бо роҳи гузаштан аз миқдор ба сифат тавассути таъсис додани бонкҳои нав ва ташкилотҳои қарзии хурди устувор барои ишғоли ҷойҳои ташкилотҳои қарзии муаммодору барҳамхурда ва дар ин робита баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ;

- ҷорӣ намудани шаклҳои нави муосири хизматрасониҳои бонкӣ баҳри васеъ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;

- дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо шариконй байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷалби бештари қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва сармоя ба иқтисодиёти кишвар.

Ин нишаст ҳам бе муболиға чун вохӯриҳои қаблӣ барои аҳли қалам, ки ба масъалаҳои низоми бонкии ҷумҳурӣ рағбати зиёд зоҳир менамоянд, ниҳоят шавқовару судманд гузашт ва қисми бештари вақти нишасти матбуотиро бахши пурсишу посух дар бар гирифт. Дар ин қисмати мулоқот ба саволҳои намояндагони воситаҳои ахбори омма дар мавриди музокироти навбатӣ бо Хазинаи байналмилалии асъор оид ба барномаи нави ҳамкорӣ, вазъи макроиқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, сатҳи таваррум,ба роҳ мондани пардохтҳои ғайринақдӣ, қарзҳои ипотекӣ, фаъолияти Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, қурби асъор ва мудохила ба бозори асъор, истеҳсол ва фурӯши сабикаҳои тиллоӣ, ҳаҷми пули дар муомилотбуда, захираҳои байналмилалӣ, дастрасии асъори хориҷӣ дар бонкҳо, бозпас гардонидани амонатҳои мардум, ғайридолларикунонӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт, фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, таъмини эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев посухҳои пурра ва мушаххас доданд.

**Таҳияи
Абдуғаффор Қурбонов,
“БТҶ”.**

**Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
“15” ноябри соли 2019, №992,
“ба қайд гирифта шудааст”**

**Бо Қарори Раёсати Бонки
миллии Тоҷикистон
аз “27” сентябри с.2019,
№ 117, “тасдиқ шудааст”**

# Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) мутобиқи қисми 2 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, қисми 9 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва қисми 4 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” таҳия гардида, тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин талаботҳои пайвастшавиро ба Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо муқаррар менамояд.**

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

*1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:*

**- интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ (минбаъд – интиқоли фаромарзӣ)** – интиқоли маблағҳое, ки ҳангоми анҷом додани он пардохткунанда ё маблағгиранда берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва/ё ҳангоми амалӣ намудани интиқоли маблағ ба пардохткунанда ё маблағгиранда бонки марказии (миллии) хориҷӣ ё бонки дигари хориҷӣ хизмат мерасонад;

**- низоми пардохтӣ** – маҷмӯи ташкилотҳое, ки бо мақсади интиқоли маблағҳо мутобиқи қоидаҳои низоми пардохтӣ якҷоя амал менамоянд ва дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд;

**- ташкилоти кафил** – бонки ғайрирезиденте, ки барои иҷро намудани уҳдадориҳои оператори низоми пардохтӣ - иштирокчии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисоби муросилотӣ кушода, дар доираи маблағҳои дар ин суратҳисоб ҷойгирнамуда анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳоро кафолат медиҳад. Оператори низоми пардохтӣ дар сурате аз кафолати ташкилоти кафил истифода бурда метавонад, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлати бақайдгирӣ (ё ҷойгиршавии маркази маъмурӣ) ҳуқуқи кушодани суратҳисоби муросилотӣ ва ё ҷой ҷойгир намудани маблағҳои пулиро дар Бонки миллии Тоҷикистон надошта бошад;

**- Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (минбаъд – Маркази миллӣ)** – маҷмааи барномавию техникии Бонки миллии Тоҷикистон, ки ҳисоббаробаркуниҳоро аз рӯи интиқолҳои фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тавассути суратҳисобҳои муросилотии Иштирокчиён ё дар доираи маблағҳои ҷойгирнамудаи ташкилоти кафил бо истифода аз воситаҳои электронии қабул, коркард, интиқол ва ҳифзи иттилоот таъмин менамояд;

**- Banknet-M** – шабакаи ҳифзшудаи коммуникатсионии Бонки миллии Тоҷикистон;

**- Бонки миллии Тоҷикистон (вобаста бо мақсадҳои Тартиби мазкур)** – бонки ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи ҳамаи амалиётҳо дар Маркази миллӣ;

**-оператори низоми пардохтӣ**– шахси ҳуқуқие, ки қоидаҳои низоми пардохтиро муайян карда, уҳдадориҳои дигарро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” иҷро менамояд;

**- Иштирокчиёни Маркази миллӣ (минбаъд – Иштирокчиён, дар алоҳидагӣ - Иштирокчӣ)** – ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва операторҳои низомҳои пардохтӣ;

**- ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ** – ҳисоббаробаркунӣ байни Иштирокчиён барои иҷрои талаботҳо ва уҳдадориҳои пулӣ аз рӯи интиқолҳои фаромарзӣ, ки муштариёни онҳо мутобиқи қоидаҳои низоми пардохтӣ анҷом додаанд ва дар доираи он интиқоли фаромарзӣ амалӣ карда мешавад;

**- суратҳисоби муросилотӣ-ҳисоббаробаркунӣ** – суратҳисоби муросилотие, ки барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар доираи амалиётҳо дар Маркази миллӣ пешбинӣ шудааст;

**- рӯзи амалиётӣ** – рӯзи корӣ, ки дар давоми он Маркази миллӣ қабул/интиқол, коркард ва иҷрои паёмҳои молиявӣ ва ғайримолиявиро анҷом медиҳад. Рӯзи амалиётии Маркази миллиро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад;

**- ҳисоботи клирингӣ** – ҳуҷҷате, ки аз тарафи Маркази миллӣ таҳия карда шуда, уҳдадориҳо ва талаботҳои Иштирокчиро аз рӯи интиқолҳои фаромарзӣ дар фосилаи вақти муайян, нишон медиҳад.

2. Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти Маркази миллиро ташкил намуда, барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои байни Иштирокчиён аз рӯи интиқолҳои фаромарзӣ хизмат мерасонад.

3. Бонки миллии Тоҷикистон барои Иштирокчиён истифодаи қоидаҳо ва меъёрҳои ягонаи техникиро дар соҳаи пешбурди суратҳисобҳои муросилотӣ, мубодила ва коркарди ҳуҷҷатҳои электронӣ таъмин менамояд.

4. Иштирокчӣ уҳдадор аст, ки ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро таъмин намояд.

5. Бонки миллии Тоҷикистон маҳфуз нигоҳ доштани иттилооти ба Маркази миллӣ воридшуда, саривақт ва дуруст гузаронидани интиқолҳои фаромарзӣ, инчунин анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳоро байни Иштирокчиён таъмин менамояд.

6. Ташкилоти кафил бояд яке аз рейтинги қарзии байналмилалии сатҳи маблағгузорӣ – на поёнтар аз дараҷаи «BBB-», агентии рейтингии Standard & Poor's (ИМА), на поёнтар аз дараҷаи «Baa3» агентии рейтингии Moody's Investors Service (ИМА), на поёнтар аз дараҷаи «BBB-» агентии рейтингии Fitch - IBCA (ИМА) ё дорои рейтинги агентиҳои рейтингии миллие, ки аз ҷониби бонки марказии (миллии) давлати бақайдгирии ташкилоти қарзӣ эътироф гаштааст ва ба дараҷаи рейтингҳои байналмилалии қайдгардида баробар аст, дошта бошад. Дар ҳолати паст шудани рейтинги қарзии байналмилалии аз дараҷаи дар боло зикргардида ва ё ошкор гардидани далелҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом аз ҷониби ташкилоти кафил, оператори низоми пардохт уҳдадор мегардад, ки дар асоси дархости Бонки миллии Тоҷикистон, бонки дигарро ба сифати кафил ҷалб намояд.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ ИНТИҚОЛҲОИ ФАРОМАРЗӢ

7. Интиқолҳои фаромарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тавассути Маркази миллӣ анҷом дода мешаванд.

8. Мақсадҳои асосии Маркази миллӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- боэътимод, фаврӣ ва бехатар анҷом додани интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар шакли ғайринақдӣ байни Иштирокчиён;
- таъмин намудани суботи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гардиши пул, коҳиш додани хавфҳо, кам кардани хароҷотҳои амалиётӣ, баланд бардоштани шаффофияти амалиётҳо;
- гузаронидани мониторинг ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом".

9. Маркази миллӣ дар асоси принсипҳои зерин фаъолият мекунад:

- шаффофият ҳангоми коркарди ҳуҷҷати пардохти электронӣ;
- равзанаи (интерфейси) ягона, ки ба Иштирокчиён барои дастрасӣ ба амалиётҳо дар низомҳои пардохтии ба Маркази миллӣ пайвастшуда, пешниҳод мегардад;
- роҳандозӣ намудани амалиётҳои марбут ба интиқоли фаромарзӣ аз ҷониби Иштирокчӣ;
- анҷом додани амалиётҳои марбут ба интиқоли фаромарзӣ дар доираи маблағҳое, ки дар суратҳисобҳои муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчиён ё маблағҳои ҷойгирнамудаи ташкилоти кафил мавҷуданд;
- дараҷаи баланди бехатарӣ, фаврият ва боэътимодӣ.

10. Амалиёти интиқоли фаромарзӣ тавассути Маркази миллӣ бо пули миллӣ - сомонӣ ва асъори хориҷӣ анҷом дода мешавад.

11. Шартҳои асосӣ барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳо ва амалиёти интиқоли фаромарзӣ дар Маркази миллӣ инҳо мебошанд:

- оғоз шудани рӯзи амалиётӣ; - ҳаҷми кофии маблағ дар суратҳисоби муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчӣ
- оператори низоми пардохтӣ ё суратҳисоби муросилотии ташкилоти кафил, ки гардиши миёнаи шабонарӯзиро аз рӯи интиқоли фаромарзии маблағҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда, бо назардошти фарқияти ҳаҷми интиқолҳои фаромарзи аз Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва ид, мепӯшонад.

12. Бо мақсади иҷро намудани фармоиши интиқолҳои фаромарзӣ ва анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиётҳо дар Маркази миллӣ, Иштирокчӣ уҳдадор аст, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисобҳои муросилотӣ ва муросилотӣ-ҳисоббаробаркунӣ кушояд ё ҷалби ташкилоти кафилро пешбинӣ намояд.

13. Тартиб ва шартҳои кушодани суратҳисобҳои бонкӣ тибқи Дастурамали №171 "Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суртаҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, №74 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2011, №545 "а"ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, муқаррар карда мешаванд.

14. Бо мақсади таъмини иҷрои уҳдадориҳои Иштирокчӣ, Бонки миллии Тоҷикистон фармоишҳои интиқолҳои фаромарзиро дар ҳаҷми маблағҳое, ки дар суратҳисобҳои муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчӣ мавҷуданд ё дар доираи маблағҳои ҷойгирнамудаи ташкилоти кафил иҷро менамояд.

15. Маркази миллӣ бо мақсади анҷом додани амалиётҳои интиқоли фаромарзӣ ҳамкории мутақобилаи иттилоотӣ ва молиявии Иштирокчиёнро таъмин менамояд.

16. Баъд аз иҷро кардани амалиёти интиқоли фаромарзӣ, Маркази миллӣ ба таври худкор (автоматикӣ) фавран иттилоотро дар бораи иҷро шудани он ба Иштирокчии дахлдор тавассути хати алоқаи мувофиқашуда ирсол менамояд.

17. Дар асоси фармоишҳои интиқоли фа-

ромарзии маблағҳои Иштирокчиён, ки дар давоми рӯзи амалиётӣ барои иҷро қабул шудаанд, Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботҳои клирингии Иштирокчиёнро таҳия менамояд.

18. Баъд аз анҷом ёфтани таҳияи ҳисоботи клирингии Иштирокчиён, Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси он аз суратҳисобҳои муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчиён маблағҳоро бидуни аксепт хориҷ ё ба суратҳисобҳои муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчиён ворид менамояд.

19. Баъди анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ байни Иштирокчиён, Бонки миллии Тоҷикистон беррунависи суратҳисоби муросилотӣ ҳисоббаробаркуниро ба Иштирокчӣ тавассути низоми SWIFT ва/ё дигар хатҳои алоқаи мувофиқашуда ирсол менамояд.

20. Бо мақсади таъмин кардани мақоми пули миллӣ ҳамчун воситаи ягонаи қонунии муомилот ва пардохт, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад тартиби бо пули миллӣ додани ин ё он асъори хориҷиро, ки шахсони воқеӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бе кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқол додаанд, муқаррар намояд.

21. Асъори аз интиқолҳои фаромарзӣ ҷамъшуда, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо пули миллӣ пардохт намудаанд, тибқи Дастурамали №180 “Оид ба тартиби кори бозори байнибонкии асъор тавассути низоми электронии савдо”, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2011, №4 тасдиқ шудааст, дар бозори байнибонкии асъор фурӯхта мешавад.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ ПАЙВАСТ НАМУДАНИ ИШТИРОКЧИЁН БА МАРКАЗИ МИЛЛӢ

22. Операторҳои низомҳои пардохтие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, барои пайваст шудан ба Маркази миллӣ ҳуҷҷатҳои зеринро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд:

- тарифҳои амалкунанда бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- ариза тибқи Замимаи Тартиби мазкур;
- рӯйхати ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо онҳо оператори низоми пардохтӣ ҳамкорӣ дорад.

23. Барои пайваст шудан ба Маркази миллӣ, ташкилотҳои қарзии молиявие, ки бо операторҳои низомҳои пардохтӣ шартнома доранд, ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- нусхаҳои тасдиқгардидаи шартномаҳо ва тарифҳои амалкунанда бо операторҳои низомҳои пардохтӣ;
- ариза тибқи Замимаи Тартиби мазкур.

24. Баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки дар бандҳои 21 ва 22 Тартиби мазкур пешбинӣ шудаанд, барои пайваст кардани Иштирокчӣ ба Маркази миллӣ, байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Иштирокчӣ шартнома баста мешавад. Дар асоси ин шартнома Бонки миллии Тоҷикистон раванди пайваст кардани Иштирокчиро ба Маркази миллӣ таъмин менамояд. Шартномаи мазкур ҳадди ақал шартҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

1) Шартномаи пайвастшавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба Маркази миллӣ:

– талаботи пайвастшавӣ ба Маркази миллӣ;
– тартиби муайян кардани масири (маршрутизатсияи) дархостҳо;
– тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ;
– механизми ба роҳ мондани алоқа, мубодилаи иттилоот ва ҳифзи иттилоот;
– ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо;
– реҷаи махфият;
– масъулияти тарафҳо;
– тартиби ҳалли баҳсҳо;
– ҳолатҳои форс-маҷорӣ;
– мухлати амал, тартиби тағйир додан ва бекор кардани шартнома.

2) Шартномаи пайвастшавии операторони низоми пардохтӣ ба Маркази миллӣ:

– талаботи пайвастшавӣ ба Маркази миллӣ;
– тартиби муайян кардани масири (маршрутизатсияи) дархостҳо, аз ҷумла тартиби сохтани дархости интиқолӣ, иҷро ва бекор

намудани он;

– тартиби амалӣ намудани клиринги пардохтӣ ва ҳисоббаробаркунӣ;

– механизми ба роҳ мондани алоқа, мубодилаи иттилоот ва ҳифзи иттилоот;

– ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо;

– реҷаи махфият;

– масъулияти тарафҳо;

– тартиби ҳалли баҳсҳо;

– қонунгузории татбиқшаванда;

– ҳолатҳои форс-маҷорӣ;

– муҳлати амал, тартиби тағйир додан ва бекор кардани шартнома.

Бо назардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти Иштирокчиён Бонки миллии Тоҷикистон, ки идоракунии Маркази миллӣ ба зиммаи он гузошта шудааст (воҳиди сохтории дахлдор), метавонад дар мувофиқа бо Иштирокчиён ба шартномаи пайвастшавӣ шартҳои иловагӣ ворид намояд. Мазмуни шартҳои ҳадди ақал аз тарафи воҳиди сохтории дахлдор дар мувофиқа бо Иштирокчиён муайян карда мешавад. Лоиҳаи шартномаи пайвастшавӣ аз тарафи воҳиди сохтории дахлдор бо назардошти муқаррароти Тартиби мазкур омода ва бо маълумотномаи асосноккунии шартҳо барои имзо ба Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

25. Барои пайвасти техникӣ ба Маркази миллӣ, оператори низоми пардохтӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти зерини техникиро пешниҳод мекунад:

– тавсифи протоколи ҳамкорӣ байни оператори низоми пардохтӣ ва Маркази миллӣ;

– тавсифи файлҳои шакли XSD барои таҳияи сохтори объектҳо, агар дар ин ҳолат татбиқпазир бошад;

– пайвасти озмоишӣ бо ҳамаи мушаххасоти зарурӣ;

– сертификатҳои рақамӣ – барои муштариён ва хизматрасонӣ, агар дар ин ҳолат татбиқпазир бошад;

– сенарияи озмоиш, барои аз ҷониби Маркази миллӣ ва оператори низоми пардохтӣ тасдиқ шудани дурустии амалишавии ҳамгирой;

– маълумот барои тамос бо мутахассиси техникӣ барои ҳалли фаврии масъалаҳое, ки ба миён меоянд.

26. Баъд аз ба роҳ мондани озмоиши ҳамгироии оператори низоми пардохтӣ ва Маркази миллӣ, аз ҷумла ҳамаи амалиётҳои интиқоли фаромарзӣ дар низоми пардохтӣ ва тасдиқ шудани анҷоми муваффақонаи он аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва оператори низоми пардохтӣ санад дар бораи омодагии Иштирокчӣ барои фаъолият дар Маркази миллӣ тартиб дода мешавад ва оператори низоми пардохтӣ ё ташкилоти кафил ҷойгирнамоии маблағҳои заруриро дар суратҳисобҳои муросилотӣ барои гузаронидани амалиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

27. Оператори низоми пардохтӣ ба ширкони худ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санаи оғози фаъолияти худ дар Маркази миллӣ, хабарномаи хаттӣ ирсол менамояд. Аз ин сана тамоми амалиётҳои интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкии ин Оператори низоми пардохтӣ танҳо ба воситаи Маркази миллӣ амалӣ карда мешаванд.

28. Оператори низоми пардохтӣ дар бораи дигар шудани қоидаҳои кори низоми пардохтӣ ва/ё тағйирот дар платформаи технологӣ бояд пешакӣ (на камтар аз як моҳ пеш аз эътибор пайдо кардани тағйирот) Бонки миллии Тоҷикистонро хаттӣ хабардор намояд.

29. Барои пайвастшавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба Маркази миллӣ, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани амалиёт дар Маркази миллӣ бо воситаҳои барномавии Иштирокчӣ ва IP - нишонӣ дар шабакаи Banknet-M тавассути WEBравзана ба онҳо бастаи API–ро пешниҳод менамояд.

30.Дар ҳолати ба талаботи Тартиби мазкур мувофиқат накардани дархости ташкилоти қарзии молиявӣ ё оператори низоми пардохтӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад пайвастшавии онҳоро ба Маркази миллӣ рад намояд.

31. Иштирокчӣ уҳдадор аст ифшо накардани сирри бонкӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ ҚАТЪ Ё БОЗДОШТ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ИШТИРОКЧӢ ДАР МАРКАЗИ МИЛЛӢ

32. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фаъолияти Иштирокчиро дар Маркази миллӣ дар ҳолатҳои зерин боз дорад:

- ҳангоми аз ҷониби Иштирокчӣ риоя нагардидани муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур;
- риоя нагардидани уҳдадориҳои Иштирокчӣ аз рӯи шартномаҳо вобаста ба иштирок дар Маркази миллӣ;
- бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзии молиявӣ ё оператори низоми пардохтӣ.

33. Дар мавриди пайваста ба миён омадани ҳолатҳои дар сархати сархати якум ва/ё дуюми банди 32 Тартиби мазкур қайдгардида, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фаъолияти Иштирокчиро дар Маркази миллӣ қатъ намояд.

34. Ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои дар бандҳои 32 ва 33 Тартиби мазкур муқарраргардида, Бонки миллии Тоҷикистон ба Иштирокчӣ тариқи роҳҳои муқарраршудаи алоқа, аз ҷумла почтаи электронӣ, хабарномаи расмӣ дар бораи қатъ ё боздоштани фаъолият дар Маркази миллӣ бо нишон додани асосҳои он, ирсол менамояд.

35. Дар сурати боздошти фаъолияти Иштирокчӣ дар Маркази миллӣ, дар хабарномаи расмии ирсолшуда муҳлат (то 30 рӯзи тақвимӣ) барои бартараф намудани камбудиҳо муқаррар карда мешавад.

36. Ҳангоми дар муҳлати тибқи банди 35 Тартиби мазкур муқарраргардида бартараф нагардидани камбудиҳо, фаъолияти Иштирокчӣ дар Маркази миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қатъ карда мешавад. Фаъолияти Иштирокчӣ дар Маркази миллӣ баъд аз бартараф намудани камбудиҳое, ки дар хабарномаи Бонки миллии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, барқарор карда мешавад.

37. Санаи қатъ гардидани фаъолияти Иштирокчӣ дар Маркази миллӣ санаи бекор кардани Шартнома эътироф карда мешавад.

38. Ҳангоми қатъ ё боздошти фаъолияти Иштирокчӣ дар Маркази миллӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад маблағҳои пулиро аз суратҳисоби муросилотӣ ҳисоббаробаркунии Иштирокчӣ ё суратҳисоби муросилотии ташкилоти кафил барои иҷрои уҳдадориҳои Иштирокчӣ дар назди дигар Иштирокчиён, ки Тартиби мазкур, шартномаҳои байни Иштирокчӣ ва Иштирокчиён ё шартномаҳои байни Иштирокчӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба интиқоли маблағҳо тавассути Маркази миллӣ муқаррар намудаанд, бо харбардор кардани Иштирокчӣ хориҷ намояд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

39. Иштирокчӣ бе розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон маълумот дар бораи мавҷудияти ва/ё нигоҳ доштани таъминоти барномавӣ, техникӣ ва/ё дигар қарорҳоро, ки барои фаъолият дар Маркази миллӣ пешбинӣ шудаанд, наметавонад ба шахсони сеюм ифшо намояд.

40. Таъмини иҷрои муқаррароти Тартиби мазкур ба зиммаи Иштирокчиён вогузор гардида, назорати риоя гардидани он аз ҷониби сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

41. Дар ҳолати аз ҷониби Иштирокчиён риоя нашудани муқаррароти Тартиби мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад мутобиқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” нисбат ба Иштирокчиён чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ татбиқ намояд.

**Замима ба Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ариза**

Хоҳишмандам________________________________________________

________________________________________________

*(номи пурраи Иштирокчӣ ва нишонии ҳуқуқӣ)*

Ба Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳои зерин:

________________________________________________

________________________________________________

пайваст намоед.

________________________ Ҷ. М. ________________

*(ному насаби роҳбар)* *(имзо)*

________________________ ________________ ________________

*(ному насаби сармуҳосиб)* *(сана)* *(имзо)*



# БМТ фаъолиятро дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ идома медиҳад

17 январи соли ҷорӣ дар маркази таълимии «Паркинг»-и шаҳри Душанбе оид ба маърифати молиявӣ дар мавзӯи «Чӣ гуна бояд орзуи худро амалӣ намуд?» аз ҷониби Шуъбаи саводнокии молиявии Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон тренинг баргузор гардид.

Маърифати молиявӣ танҳо дониш нест, мегӯянд мутахассисон. Ин қобилияти назорат кардани рафтори худ ва фаҳмиши он ки чаро мо ин корро анҷом медиҳем, мебошад. Масалан, вақте ки ба мағоза меоем ва харидҳои бидуни нақша ва ҳатто баъзан нолозими ба истилоҳ якбора мекунем, дар натиҷа ба буҷети оила зарари зиёд мерасад. Чӣ бояд кард? Чӣ гуна бояд оқилона истифода бурдани маблағҳои шахсиро омӯхт, масалан, вақте ки пули ками моҳонаи ба даст овардаи шумо то маоши оянда намерасад? Сарчашмаҳои иловагии даромадро барои амалӣ кардани орзуи худ аз куҷо пайдо бояд кард? Ин муаммоест, ки ба ҳама дахл дорад. Иштирокдорони тренинги омӯзиши маърифати молиявӣ маҳз ба саволҳои худ оид ба чи гуна барои орзуи худ маблағ андӯхтан ҷавоби аниқ пайдо карданд.

“Шумо дар зиндагӣ бештар чӣ орзу доред? Пайдо кардани кори сердаромад, сохтмони хона, хароб шудан, хониши худро беҳтар кардан. Доштани орзу ҳаёти моро солимтару самараноктар мегардонад, барои беҳтар кардани вазъи молиявии мо ва барқарор кардани тамос бо дигарон кумак мекунад. Аммо орзуҳо орзу боқӣ хоҳанд монд, агар шумо онҳоро ба ҳадаф табдил надиҳед! Имрӯз иштирокдорони тренинги мо кӯшиш карданд, ки ҳадафҳои молиявӣ, буҷети оилаи худро таҳия намоянд, камбудиҳои ҷойдоштаро ошкор ва буҷетро беҳтар намоянд, роҳҳои сарфаи хароҷоти нолозим ва ҷалби даромади иловагиро омӯхтанд",-гуфт мушовир оид ба маърифати молиявӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон Нозимҷон Раҷабов.

Раҷабов Нозимҷон маслиҳат медиҳад: «Оё шумо мехоҳед сарфа карданро омӯзед? - афзалиятҳоро дуруст муайян кунед! Даромад ва хароҷотро ба назар гиред, нақшаи пасандоз тартиб диҳед, барномаҳои ҳисобдории молиявиро барои баҳисобгирии молияи худ истифода баред. Чунин ҳисобгирӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти бештари буҷетии оиларо пайгирӣ кунед ва онро идора намоед!”

«Шахсан барои ман маслиҳатҳои муфид дар бораи банақшагирии буҷет ва роҳҳои пасандоз хеле аҷиб буд, зеро худам кайҳо мехостам, ки хароҷоти худро назорат кунам ва на ҳама вақт ин ба ман муяссар мегардид. Фикр мекунам, ки акнун бо воситаи донишҳои имрӯз пайдокарда минбаъд ба ман осон хоҳад шуд», - гуфт Раҳматуллоева Марям, иштирокдори тренинги омӯзишӣ. Чунин маслиҳатҳо оид ба идоракунии босамари буҷети оила дар давоми омӯзиш бисёр дода шуданд. Муҳим он аст, ки иштирокдорон аз ин маслиҳатҳо дуруст истифода баранд.

Шуъбаи саводнокии молиявии Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон 3 сол аст, ки бо таълими молиявии мактаббачагон ва ҷавонон машғул аст. Қадами навбатии муҳим дар ин самт оғози таҳияи Стратегияи миллии маърифати молиявӣ мебошад. Натиҷаҳои пешбинишудаи татбиқи Стратегия ноил гаштан ба ҳадафи асосӣ – фароҳам овардани шароит барои ташаккули рафтори молиявии салоҳиятдори аҳолӣ ҳамчун шарти зарурии некуаҳволии молиявии хонаводаҳо ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Ҳамзамон нақшаи чорабиниҳо таҳия шудааст, ки як қатор фаъолиятҳои таълимиро дар ҳамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илми ҶТ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дарбар мегирад.

Бояд қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон барномаи баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро пурра дастгирӣ намуда, барои баланд бардоштани дастрасӣ ва паҳн кардани маълумот дар байни истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунад.

Барои пайдо кардани маълумоти иловагӣ ва маслиҳатҳои муфид ба саҳифаҳои “Маърифати молиявӣ дар Тоҷикистон”, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ дастрасанд, муроҷиат намоед:

https://www.facebook.com//fingramtj/
https://www.instagram.com/fingramtj/
https://ok.ru/group//fingramtj/

**Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ.**

# ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ БАРОИ СОЛИ 2020

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 27 январи соли 2020 таҳти №16, дар асоси банди 16-и “Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз” “Рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ барои соли 2020”-ро тасдиқ кард (замима мегардад).

Баъди ҷамъбасти фаъолияти солонаи ташкилотҳои қарзӣ (аз 1 январ то 31 декабри соли 2019), ба рӯйхати мазкур 3 ташкилоти қарзӣ ҳамчун ташкилотҳои қарзии низомсоз ва 1 ташкилоти қарзӣ ҳамчун ташкилоти қарзии эҳтимолӣ шомил гардиданд.

Қобили қайд аст, ки “Рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ барои соли 2020” ҳар сол баъди тасдиқ шуданаш дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” нашр карда мешавад.

**Замима ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон**
**аз “27” январи с. 2020, №16**

**Рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020**

| Ташкилотҳои қарзии низомсоз | Меъёри ҷамъбастӣ |
|---|---|
| 1. БДА ҶТ «Амонатбонк» | 31,13 |
| 2. ҶСК «Ориёнбонк» | 20,54 |
| 3. ҶСК «Бонки Эсхата» | 12,43 |
| **Ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ** | |
| 1. ТАҚХ «Имон Интернешнл» | 7,22 |

** Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.*

**Маҷаллаи “БТҶ”.**



# ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ДАРХОСТҲОИ МИЗОҶОН БАРОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗ

Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ таҳлили маълумотро оид ба дархостҳои пешниҳодшуда, радшуда ё маъқулнакарда, сатҳи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷонро барои гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзии кишвар, инчунин муқоисаи раванди мазкурро бо бонкҳои Аврупо ва Ҳиндустон гузаронида, натиҷаҳои бадастовардаро дар шакли зерин пешниҳод менамояд[1].

Бояд қайд намуд, ки дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 миқдори умумии дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 439238 ададро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба миқдори 96602 адад ё 28,19% зиёд гардидааст *(Ҷадвали 1)*.

Тавре мебинем, дар давраи таҳлилӣ миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз аз тарафи мизоҷон дар бонкҳо 30433 адад ё 25,4%, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) – 64048 ё 33,26%, ташкилотҳои қарзии хурд (ТҚХ) – 2229 адад ё 9,70% зиёд гардидааст. Дар фондҳои қарзии хурд (ФҚХ) бошад, теъдоди дархостҳои пешниҳодшуда дар давраҳои муқоисашаванда ба миқдори 108 адад ё 1,11% кам гардидааст.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 ҳиссаи шумораи дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷамъи дархостҳои пешниҳодшудаи умумӣ дар бонкҳо – 33,64%, ТАҚХ – 58,42%, ТҚХ – 5,74% ва ФҚХ – 2,20% -ро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо 0,6 банди фоиз, ТҚХ – 0,97 банди фоиз ва ФҚХ – 0,64 банди фоиз кам шуда, дар ТАҚХ ба андозаи 2,21 банди фоиз зиёд шудааст.

Бо вуҷуди он ки дар давраҳои муқоисавӣ миқдори дар-

[1]Эзоҳ: Аз сомонаи интернетӣ танҳо маълумот нисбати бонкҳои калонтарини ҳамин кишварҳо вобаста ба дархостҳои қарзии мизоҷон пайдо карда шудааст.

Ҷадвали 1. **Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ-сентябри соли 2019**

| Ташкилотҳои қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ-сентябри с. 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | адад | % |
| Бонкҳо | 117329 | 147762 | 30433 | 25,94 |
| ТАҚХ | 192579 | 256627 | 64048 | 33,26 |
| ТҚХ | 22981 | 25210 | 2229 | 9,70 |
| ФҚХ | 9747 | 9639 | -108 | -1,11 |
| Ҳамагӣ: | **342636** | **439238** | **96602** | **28,19** |

хостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон ба ташкилотҳои қарзӣ барои гирифтани қарз ба андозаи 28,19% зиёд гардида бошад ҳам, вале масъалаи муҳим ин ошкор намудани миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат ба шумор меравад. Агар дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 теъдоди дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат тақрибан 63 адад (6,3%) рост ояд, пас нишондиҳандаи мазкур дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 тақрибан 80 (8,0%) ададро ташкил медиҳад. Ҳисоби зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ҳисоби миёна аз 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 танҳо 63 нафар (ё 6,3%) ва дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳамагӣ 80 нафар (ё 8,0%) барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ муроҷиат намуданд *(Ҷадвали 2)*.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар бонкҳо – 27 адад, ТАҚХ – 47 адад, ТҚХ – 5 адад ва ФҚХ – 2 адад рост меояд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар бонкҳо 6 адад, ТАҚХ – 12 адад ва ТҚХ – 4 адад зиёд гардида, дар ФҚХ бошад, бетағйир мондааст.

Бояд иброз намуд, ки дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 миқдори умумии дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 380950 ададро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 74768 адад ё 24,42% зиёд гардидааст *(Ҷадвали 3)*.

Тавре дар ҷадвали 3 дида мешавад, дар давраи таҳлилӣ теъдоди дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо - 25917 адад ё 24,91%, ТАҚХ – 47306 ё 26,70%, ТҚХ – 1553 адад ё 8,42% зиёд гардидааст. Дар ФҚХ миқдори дархостҳои қонеъшуда дар давраҳои муқоисашаванда ба миқдори 8 адад ё 0,12% кам гардидааст.

Дар давраи январ-сентябри соли 2019 ҳиссаи шумораи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷамъи дархостҳои қонеъшудаи

Ҷадвали 2. **Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ-сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, (+) – зиёдшавӣ (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 21 | 27 | 6 |
| ТАҚХ | 35 | 47 | 12 |
| ТҚХ | 4 | 5 | 1 |
| ФҚХ | 2 | 2 | 0 |
| Ҳамагӣ: | 62 | 81 | 19 |

**Ҷадвали 3. Миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои қонеъшуда, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ-сентябри с. 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | адад | % |
| Бонкҳо | 104 063 | 129980 | 25917 | 24,91 |
| ТАҚХ | 177 176 | 224 482 | 47306 | 26,70 |
| ТҚХ | 18 451 | 20 004 | 1553 | 8,42 |
| ФҚХ | 6492 | 6484 | -8 | -0,12 |
| Ҳамагӣ: | 306 182 | 380 950 | 74 768 | 24,42 |

умумӣ дар бонкҳо – 34,0%, ТАҚХ – 57,87%, ТҚХ – 6,03% ва ФҚХ – 2,12% -ро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи теъдоди дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо 0,13 банди фоиз ва ТАҚХ – 1,06 банди фоиз зиёд гардида, дар ТҚХ – 0,78 банди фоиз ва ФҚХ – 0,42 банди фоиз кам шудааст.

Маълумот доир ба миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019 дар ҷадвали 4 пешниҳод гардидааст *(Ҷадвали 4)*.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат миқдори дархостҳои қонеъшуда дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзӣ 70 адад, аз ҷумла дар бонкҳо – 24 адад, ТАҚХ – 41 адад, ТҚХ – 4 адад ва ФҚХ – 1 адад рост меояд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи дархостҳои қонеъшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзӣ 15 адад, бонкҳо – 5 адад, ТАҚХ – 9 ва ТҚХ - 1 адад зиёд шудаанд. Нишондиҳандаи мазкур дар давраҳои таҳлилшаванда дар ФҚХ бетағйир боқӣ мондааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳамин давраи соли 2019 сатҳи умумии дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон дар маҷмӯи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ 86,73% -ро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 2,63% кам шудааст *(Ҷадвали 5)*.

Дар давраи ҳисоботии соли 2019 сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо – 87,97%, ТАҚХ – 87,47%, ТҚХ – 79,35% ва ФҚХ – 67,27% -ро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо -0,72%, ТАҚХ – 4,53% ва ТҚХ – 0,94% кам шудааст. Дар ФҚХ сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 0,96% зиёд гардидааст. Чунин сатҳи баланди дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон ошкоро аз сабукгардии дастрасии мардум дар самти гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши маводҳои тадқиқотӣ ва таҳлилӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки сатҳи қонеъ гардонидани дархостҳои пешниҳодшуда дар ҳудуди аз 50 то 60

Ҷадвали 4. **Миқдори дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои қонеъшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ-сентябри с. 2018, (+) – зиёдшавӣ (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 19 | 24 | 5 |
| ТАҚХ | 32 | 41 | 9 |
| ТҚХ | 3 | 4 | 1 |
| ФҚХ | 1 | 1 | 0 |
| Ҳамагӣ: | 55 | 70 | 15 |

**Ҷадвали 5. Сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019**

| Ташкилоти қарзӣ | Сатҳии дархостҳои қонеъшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, % (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ-сентябри с. 2018 | Январ-сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 88,69 | 87,97 | -0,72 |
| ТАҚХ | 92,00 | 87,47 | -4,53 |
| ТҚХ | 80,29 | 79,35 | -0,94 |
| ФҚХ | 66,31 | 67,27 | 0,96 |
| Ҳамагӣ: | 89,36 | 86,73 | -2,63 |

фоиз дар бонкҳои Аврупо[2] муътадил шуморида мешавад. Зеро дар ин маврид дар бонкҳо имкониятҳои васеъ пайдо мешавад, то ки сабабҳои ҳама гуна эҳтимолияти калони пайдоиши хавфҳоро тадқиқ намоянд ва барои идораи оптималии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Дар бонкҳои Аврупо теъдоди зиёди (бештар аз 50% - 60%)-и ҳамон дархостҳои пешниҳодгардидае қонеъ гардонида мешаванд, ки маблағгузории қарзӣ барои пешрафти соҳибкорӣ, бизнес, рушди иқтисодиёт ва умуман ба даст овардани сатҳи баланди зиндагӣ мусоидат намоянд. Масалан, дар сатҳи минтақаи ЕВРО аз 1/3 ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна (КХМ) барои гирифтани қарз ба бонкҳо дархост пешниҳод намудаанд. Ҳиссаи 44 фоизи КХМ, биноан бо сабаби дастрасии кифоятии маблағҳои дохилӣ ба бонкҳо барои гирифтани қарз дархост пешниҳод накарданд. Аз миёни дархосткунандагони КХМ танҳо ба 74 фоизи онҳо муяссар гардид, ки соҳиби қарз гарданд.

Муқоисаи нишондиҳандаи сатҳи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон дар соли 2019 дар ҷадвали 6 пешниҳод гардидааст *(Ҷадвали 6)*.

Тавре, ки аз маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 6 аён аст, дар соли 2019 сатҳи дархостҳои қонеъгардида дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 86,7% ва дар бонкҳои калонтарини Ҳиндустон – 47,8%-ро ташкил медиҳанд. Ҳол он ки Сарвазири Ҳиндустон Нарендро Моди гирифтани “Қарз дар 59 дақиқа”–ро дар мамлакат эълон намуд ва таъкид кард, ки бояд на камтар аз 50 фоизи дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз аз бонкҳои Ҳиндустон қонеъ гардонида шаванд. Ҳатто бонки калонтарини Ҳиндустон “Бонки давлатии Ҳиндустон”аз теъдоди умумии дархостҳои пешниҳодгардида, ҳамагӣ 42,8 фоизи дархостҳо барои гирифтани қарзро қонеъ гардонида, 57,2 фоизи боқимондаи дархостҳоро бо сабабҳои мушаххас рад намуд. Дар навбати

Ҷадвали 6. **Сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ТҚ ҶТ) ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон (БКҲ) дар соли 2019***

| Нишондиҳанда | ТҚ ҶТ | БК Ҳ |
|---|---|---|
| Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | 439 238 | 45 161 |
| Миқдори дархостҳои қонеъшуда барои пешниҳоди қарз, адад | 380 950 | 21 584 |
| Миқдори дархостҳои радшуда, адад | 38358 | 23 577 |
| Миқдори дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, адад | 19930 | - |
| Сатҳи дархостҳои қонеъшуда, % | 86,7 | 47,8 |
| Сатҳи дархостҳои қонеънагардида, % | 8,7 | 52,2 |
| Ҳиссаи дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, % | 4,6 | - |

**- Маълумотҳо доир ба дархостҳо барои гирифтани қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои январ – сентябри соли 2019 ва Ҳиндустон моҳи апрели соли 2019–ро дарбар мегирад.*

[2] Дархости қарзҳои соҳибкории хурду миёна.

худ ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии дархостҳои пешниҳодгардида танҳо 8,7 фоизи онҳоро барои гирифтани қарз рад намудааст.

Албатта, рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон сабабҳои худро доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду гурӯҳи сабабҳои рад ва маъқул нашудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз вуҷуд доранд:

Якум, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз бо сабабҳои дахлдор. Агар дар давраи январ-сентябри соли 2018 ҳиссаи дархостҳои радшуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ – 6,37% -ро ташкил диҳад, дар ҳамин давраи соли 2019 нишондиҳандаи мазкур ба 8,73% баробар шуда, нисбат ба давраи муқоисавӣ 2,36% зиёд гардидааст. Таснифоти сабабҳои рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз дар ҷадвали 7 нишон дода шудааст *(Ҷадвали 7)*.

Дуюм, сабабҳои ошкоро қабул накардани шартҳои дастрасии қарз аз ҷониби муштарӣ. Асосан ин шартҳои нокифоятии дастрасии мизоҷон ба қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ, ба монанди баланд будани меъёри фоиз, кам будани ҳаҷми қарз, маъқул накардани мӯҳлати қарз, маъқул

Ҷадвали 7. **Сабабҳои рад шудани дархостҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ-сентябри соли 2019**

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаи дархостҳои радшуда аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | |
| 1.Набудани мақсадҳои аниқ, амалинашаванда, розӣ набудани оилаи мизоҷон барои қарзгирӣ, бад будани нуфӯзи мизоҷ ва додани маълумоти бардурӯғ | 0,43 | 0,33 | -0,10 |
| 2.Мутобиқ набудани бастаи ҳуҷҷатҳо, таърихи бади мизоҷ, рад намудан дар асоси баҳодиҳӣ ва пешниҳоди скоринг, мувофиқ набудани дархост ба маҳсулоти қарзӣ. | 2,42 | 2,51 | 0,09 |
| 3.Бад будани ҳолати молиявии мизоҷ, ухдадориҳои ҷорӣ доштани мизоҷ, аз рӯи таҳлили молиявӣ ҷавобгӯ набудан, надоштани сармояи кофӣ барои амалӣ намудани мақсад, мувофиқ набудани гарав. | 2,01 | 2,50 | 0,49 |
| 4.Раднамоӣ аз тарафи кумитаи қарз, пас аз гузаронидани назорат ва дигар сабабҳо | 1,51 | 3,39 | 1,88 |
| **Ҳамагӣ** | **6,37** | **8,73** | **2,36** |

накардани тартиби баргардонидани қарз, дер баррасӣ шудани дархости қарз, мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард, ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд, ба ҳисоб меравад.

Агар дар нуҳ моҳи соли 2018 ҳиссаи қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодгардида 2,25%-ро ташкил диҳад, пас дар ҳамин давраи соли 2019, нишондиҳандаи мазкур зиёд гардида, андозаи 2,33% ё нисбат ба давраи муқоисавӣ 0,08 %-ро ташкил медиҳад *(Ҷадвали 8)*.

Чуноне ки мебинем, дар моҳҳои январ-сентябри соли 2019 ҳиссаи қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда бо сабаби баланд будани меъёри фоиз – 2,33%, кам будани ҳаҷми қарз – 0,03%, қабул накардани мӯҳлати қарз – 0,08%, дер баррасӣ шудани дархости қарз – 0,07%, мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард – 0,45% ва ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд -0,10% -ро ташкил медиҳад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи

Ҷадвали 8. **Сабабҳои қабул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ-сентябри соли 2019**

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаии қабул накардани шартҳои қарз аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳода, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) –зиёдшавӣ, (-) - камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | январ-сентябри с. 2018 | январ-сентябри с. 2019 | |
| 1. Баланд будани меъёри фоиз | 0,55 | 2,33 | 1,78 |
| 2. Кам будани ҳаҷми қарз | 0,08 | 0,11 | 0,03 |
| 3. Қабул накардани муҳлати қарз | 0,10 | 0,08 | -0,02 |
| 4. Қабул накардани тартиби баргардонидани қарз | 0,72 | 0,56 | -0,16 |
| 5. Дер баррасӣ шудани дархости қарз | 0,12 | 0,07 | -0,05 |
| 6. Мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард | 0,59 | 0,45 | -0,14 |
| 7. Ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд | 0,10 | 0,10 | 0 |

қабул накардани шартҳои қарз бо сабаби баланд будани меъёри фоиз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда ба андозаи 1,78% ва кам будани ҳаҷми қарз – 0,03% зиёд гардидааст. Ҳиссаи қабул накардани муҳлати қарз – 0,02%, маъқул накардани тартиби баргардонидани қарз – 0,16%, дер баррасӣ шудани дархости қарз – 0,05% ва мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард ба андозаи 0,14 % кам шудааст.

Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз дар таҷрибаи бонкҳои дигар кишварҳо дар ҷадвали 9 нишон дода шудааст.

Дар робита ба таҳлили боло, таснифоти сабабҳои рад шудани дархостҳоро барои гирифтани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таснифоти сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардидаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон муқоиса намуда, дарёфтем, ки байни онҳо тавофути на он қадар калон ҷой дорад. Дар таҷрибаи бонкҳои калонтарини ин кишварҳо пешниҳоди қарзи шахсӣ (инфиродӣ) асосан ба қарзгироне пешниҳод карда мешавад, ки онҳо таърихи пардохтии боэътимодро дошта, дар муҳлати муқарраргардида қарзи гирифтаро бармегардонанд. Биноан рейтинги чунин шахсони қарзгир на камтар аз 750+ балл (хол) –ро ташкил дода, барои гирифтани қарз имконияти афзалиятноктар доранд.

Дар қисмати ҷамъбастии мақола қайд кардан зарур аст, ки муқоисаи натиҷаи таҳлили ҳонеъгардонии дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз ва сабабҳои радкунӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида ва дараҷаи ҳонеъгардонӣ дар бонкҳои калонтарини дигар кишварҳо аз сабукгардии шартҳои дастрасӣ ба қарзҳои ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 9. **Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз (таҷрибаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон)**

| Аврупо | Ҳиндустон |
|---|---|
| 1. Рейтинги қарзӣ < 750+ | 1. Рейтинги қарзӣ<750+ |
| 2. Даромади ҳармоҳа; Таносуби ҳармоҳаи хароҷот ва даромадҳо камтар аз 40%. | 2. Сарчашмаи даромадҳо |
| 3. Таносуби доимии ӯҳдадориҳо ва даромадҳо (FOIR) | 3. Таносубии қарз ва даромад |
| 4. Касби корфармо, таҳкимии кор ва мавқеи ҷойгиршавӣ | 4. Даромад, пардохпазирӣ, ҷой доштани хатти қарзӣ |
| | 5. Гарав |

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.**

# Шоира Содиқова: “Мушкилот ва монеаҳое, ки паси сар менамоем, моро боз ҳам қавитар мегардонанд”

Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” аз рӯйи нақша тасмим гирифт, ки дар шумораи навбатии нашрия дар бораи вазъи молиявии ҶСП Бонки “Арванд”, оид ба паҳлуҳои фаъолияти босамар ва дастовардҳои он, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мавҷуда, нақшаҳои оянда дар шароити буҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ бо Раиси раёсати ҶСП Бонки “Арванд” Шоира Содиқова мусоҳибаи ихтисосӣ омода намуда, манзури хонандагон гардонад.



**Шоира Содиқова,** *Раиси раёсати ҶСП Бонки “Арванд”*

**— Дар оғози суҳбат лутфан бигӯед, чӣ боис шуд, ки Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Арванд" ва Бонки" Аксесс-бонк Тоҷикистон" бо ҳам як шуда, Бонки"Арванд" -ро ташкил доданд?**

— Тиҷорати ҳамагуна ташкилот танҳо вақти пурра қонеъ шудани натиҷаҳои интизорбуда ва талаботи мизоҷонаш, бобарор мегардад. Таърихи 18-солаи ҶСП Бонки “Арванд” (собиқ ташкилоти маблағгузории хурд) маҳз аз рӯи ҳамин сенария инкишоф ёфта истодааст. Фаъолият аз пешниҳоди танҳо як намуди маҳсулот – қарз барои рушди соҳибкории хурд оғоз гардид ва вақте ки мизоҷони мақсаднок фаъолияташонро бо мо вусъат дода, некӯаҳволии худро баланд бардошта, аллакай дар фикри пасандознамоӣ, кушодани суратҳисобҳо ва амалиёти ғайринақдӣ шуданд, ташкилоти амонатии қарзии хурд таъсис гардид ва бо ин васила доираи намуди хизматрасонӣ васеъ карда шуд.

Бо идома додани ҳамин консепсияи рушд, барои қонеъ кардани ниёзҳои тиҷоратии мизоҷони мақсадноки худ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна ва бо назардошти иқтидори Арванд, қарори табдилдиҳӣ ба Бонк қабул карда шуд. Ва бояд махсус қайд намуд, он имконияти бебаҳои дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин, ҷалби бештари сармоя ба соҳа додашуда, ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис, ки 80 миллион сомониро ташкил медод, 50 миллион сомонӣ муқаррар гардид.

Аз ҷониби худ, бонки навтаъсис бо итминони комил кӯшиш ба харҷ хоҳад дод, ки Стратегияи миллии рушдро барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушдро барои солҳои 2016-2020 дастурамали фаъолияти худ дониста, бо мақсади пешбурди фаъолияти устувори ҷавобгӯй ба талаботи замони

муосир маҳсулоти навини бонкӣ ва хизматрасониҳои гуногуни бонкиро пешниҳод намуда, дар самти боз ҳам мукаммал гардонидани сифати идоракунии корпоративӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, инчунин, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои амалиро мунтазам роҳандозӣ намояд.

Илова бар ин, нақшаи мазкур аз доираи раванди маъмулии табдилдиҳӣ берун баромад. Имконият барои фаъолияти инқилобии оянддаи Бонк ба туфайли ба худ ҳамроҳкунии ҶСП "АксессБонк Тоҷикистон", муттаҳидсозии таҷрибаи маблағгузории хурд бо стандартҳои аврупоии бонкдорӣ ба вуҷуд омад.

Ҳамоҳангии арзишҳои асосии корпоративӣ, ба монанди шаффофият, соҳибкасбӣ ва масъулиятшиносӣ, заминаеро барои бомуваффақият татбиқ намудани раванди ҳамроҳкунӣ ва рушди пурсамар ҳамчун Бонк, ки стандартҳои идоракунии корпоративиро босифат истифода бурда, субъоти молиявӣ ва амалиётиро таъмин менамояд, фароҳам оварданд.

Ба туфайли ҳамбастагии кӯшиши ду ташкилот, мизоҷони чакана ва корпоративӣ метавонанд доираи васеъ ва такмилёфтаи хизматрасониҳо, аз ҷумла бонкдории фосилавӣ, тавақҷӯҳи афзун, имконияти бештар ва таҷрибаи ҳайати зиёдгардидаи кормандонро арзёбӣ намоянд.

> Ҳадафҳои асосии Бонк густариш додани фаъолият дар тамоми қаламрави кишвар, хусусан дар минтақаҳои ҷанубии кишвар, бештар намудани дастрасии мизоҷони мақсаднок ба хизматрасониҳои молиявӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ мебошад.

### КОРМАНД БОЯД СОҲИБИХТИСОС ВА БО КОРИ ХУД СОДИҚ БОШАД

**— Шумо дар Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин хонумоне ба ҳисоб меравед, ки раиси бонк шудаанд. Ба андешаи Шумо, иҷрои вазифаи роҳбарии бонк барои бонувон мушкил аст?**

— Нақши "Роҳбар" худ масъулияти бузургест дар назди мизоҷон, кормандону муассисон ва вазифаест заҳматталаб.

Муассисаҳои молиявӣ, пеш аз ҳама, аз соҳаи хизматрасонӣ мебошанд, ки дар он омили инсонӣ нақши муҳиме дорад. Ман борҳо дар мулоқоту вохӯриҳо қайд мекунам, ки дар муқоиса бо бахши истеҳсолӣ, мо ашёи хом, масолеҳ ва технологияҳои дидашаванда надорем. Мо дорои манобеи инсонӣ мебошем, ки натиҷаи фаъолияти он аз комилияти ҳамкории тарафайн, аз афзоиши сатҳи донишу малакаи ҳар як корманд ва ҳавасмандии он ба натиҷаи кори ташкилот вобаста аст. Аз ҳама муҳимаш, толеъ ба ман баландӣ намуд, ки бо чунин кормандони ҶСП «Бонки Арванд» кор мекунам. Зеро онҳо, пеш аз ҳама, инсонҳои соҳибихтисос, бо ман ҳамфикр ва ба кори худ содиқ мебошанд. Албатта, дар раванди идоракунӣ дурушдиҳо мешаванд, аммо ин ҳолатҳо корро боз ҳам ҷолибтар мекунанд.

Мушкилот ва монеаҳое, ки паси сар менамоем, моро боз ҳам қавитар мегардонанд.

**— Имрӯз ва минбаъд Бонки "Арванд" чӣ ҳадафҳоро пайгирӣ мекунад?**

— Аз рӯзи таъсисёбӣ дар соли 2002, дар доираи Лоиҳаи минтақавӣ оид ба маблағгузории хурд дар водии Фарғона, ки аз ҷониби Намояндагии ACDI / VOCA дар Тоҷикистон амалӣ карда шуд, бонк тамоми кӯшишҳои худро барои қонеъ кардани талабот ва тавсеаи ҳамкориҳои судманд бо мизоҷ равона мекунад. Имрӯз, ҶСП Бонки "Арванд" дар саросари ҷумҳурӣ ба беш аз 100 ҳазор мизоҷи фаъол хизматрасонии қарзию амонатӣ пешниҳод менамояд, ки хиссаи бештари он мизоҷони доимиро дарбар мегирад, амалиёти интиқоли

маблағ бошад, дар як сол ба зиёда аз 500 ҳазор мерасад.

Ҳадафҳои асосии Бонк густариш додани фаъолият дар тамоми қаламрави кишвар, хусусан дар минтақаҳои ҷанубии кишвар, бештар намудани дастрасии мизоҷони мақсаднок ба хизматрасониҳои молиявӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ мебошад. Ҳамзамон, иштироки фаъолона дар чораёни такмили маърифати молиявӣ, ки бешубҳа талаботро ба хизматрасониҳои молиявӣ беҳтар намуда, ба рақобати солим дар бахш таъсири мусбат мерасонад. Мо кӯшиш мекунем, ки ба Бонки рақобатпазир, босуръат рушдёбанда ва устувор, ки аз технологияҳои муосир истифода мебарад, баробар шавем.

ҶСП Бонки "Арванд" минбаъд низ татбиқи принсипҳои боэътимоди маблағгузории хурдро бо истифода аз таҷрибаи пешқадами байналмилалии соҳаи бонкӣ идома хоҳад дод.

## МИЗОҶ ШАРИК ВА ҲАМКОРИ БОНК АСТ

**— Тавре маълум аст, ҳар як ташкилоти қарзӣ мизоҷони худро дорад ва талош менамояд бо онҳо алоқаи зичи кориро нигоҳ дорад. Муштариёни Бонки "Арванд" бештар аз кадом қишри аҳолӣ мебошанд ва барои ҷалби бештари онҳо кадом корҳоро анҷом доданӣ ҳастед?**

— Ба гурӯҳи мақсадноки Бонки мо инҳо дохиланд:

- соҳибкорони микро, хурд ва миёна - зиёда аз 52%;
- аҳолии бо даромади камтар аз $2 то $5 дар як рӯз – 57%;
- сокинони минтақаҳои деҳот ва дурдаст – 70%;

ҶСП Бонки "Арванд" ба ҷалби занон ва ҷавонон, ки мутаносибан 43% ва 40% мизоҷонро ташкил медиҳанд, диққати махсус медиҳад.

Мо ҳар як мизоҷро шарики худ мешуморем ва Бонк фаъолияти худро тибқи 7 принсипи ҳимояи мизоҷон таҳия ва амалӣ менамояд, зеро барои мо муҳим аст, ки мизоҷ аз ҳамкорӣ бо ҶСП Бонки "Арванд" танҳо таҷрибаи мусбатро соҳиб шавад. Алалхусус, бо мақсади тасдиқи иҷроиши муносиби стандартҳои хизматрасонии мизоҷон ва дар муқоиса бо дигар ташкилотҳои молиявӣ тадқиқоти «Харидори махфӣ» ҳар сол гузаронида мешавад. Муҳимтарин стандартҳо сифати маълумотдиҳӣ оиди намудҳо ва шартҳои маҳсулоти молиявӣ, чораёни дастрас намудани он, раванди пешкаши мурочиат ва шикоятҳоро дарбар мегиранд. Дар соли 2019 тадқиқот аз тарафи АТМХТ (АМФОТ) ташкил гардид ва мувофиқи ҳисобот ҶСП Бонки "Арванд" дар байни 14 ташкилотҳои молиявӣ ҷойи якумро ишғол намуд.

Ҳамзамон, бо мақсади зиёд кардани ҷалби мизоҷон, мувофиқгардонии харҷи вақт барои муроҷиат ба Бонк ва гирифтани маълумот, оид ба истифодабарии хизматрасониҳо, беҳтар кардани сифати хизматрасонии молиявӣ ва такмил додани маҳсулот бо назардошти талаботи ҷории мизоҷон, лоиҳаҳо оид ба ҷорӣ ва такмил додани хизматрасониҳои фосилавӣ дар амал татбиқ карда мешаванд.

**— Фаъолияти имрӯзаи бонк, нишондиҳандаҳои асосии он, аз он ҷумла ҳаҷми сандуқи қарзӣ шуморо қаноатманд мекунонад?**

— Мо дар ҳама намуди хизматрасониҳои молиявии Бонк ба дастовардҳои хубе ноил гаштем. Тамоюли устувори афзоиши талаботҳои истифодабарандагони эҳтимолии хизматрасониҳо ба назар мерасад. Теъдоди муаяйни мизоҷон ба нишондиҳандаҳои накшавӣ расидаанд ва инро метавон дастоварди хубе арзёбӣ кард. Нишондиҳандаҳои сандуқи қарзӣ, хизматрасониҳои амонатӣ ва ҳаҷми интиқолҳои пул ба таври назаррас зиёд шуданд. Сарфи назар аз кори мушкили табдилёбӣ ба Бонк дар соли 2019, сандуки қарзии мо 33,3% ва сандуқи амонатгузорӣ 41% афзуд.

Ба ғайр аз қарздиҳии хурд, қарзҳо барои соҳикории хурду миёна ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва мизоҷони корпоративӣ фаъолона пеш бурда мешаванд. Ҳаҷми сандуқи қарзии фаъол зиёда аз 400 миллион сомониро ташкил дода, дар асоси

таҳлил ва пешгӯиҳои рушди иқтисодиёт дар маҷмӯъ, талабот ба хизматрасониҳои қарзии барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, оғози кор (старт-ап) ва беҳтар кардани шароити манзилӣ, афзоиш хоҳад ёфт.

**— Оё барои рушди минбаъдаи бонк мушкилоту монеъаҳо вуҷуд доранд? Агар вуҷуд дошта бошанд, Шумо онҳоро бо кадом роҳҳо ҳал мекунед?**

— Ба фикри ман, онҳоро "майдонталабӣ" (challenge) номем, беҳтар аст. Ҳар як намуди фаъолият мушкилоти ҷорӣ ва нав ба нав падидояндаи худро дорад, ки бо ташкилот "майдонталабӣ" менамояд. Маҳорати бартараф намудани онҳо бо натиҷаҳои то ҳадди ниҳоӣ самарабахш дар навбати худ чунин хусусиятҳоро ба мисли босуботии ташкилотро ташаккул медиҳад ва Бонки мо аз он истисно нест. Як зумра "майдонталабиҳо" мавҷуданд, ки ба рушди фаъолияти бонкӣ таъсири худро мерасонанд ва барои бартарафнамоӣ ва ҳалли онҳо тамоми кормандони Бонк кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Мушкилоти пайдошуда боиси тавлиди ғояҳои нав, ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриқолабӣ ва имкониятҳои алтернативӣ мегарданд, ки ба туфайли онҳо, Бонк ҳамеша фаъол буда, кормандон ҳама гуна тағйиротро ҳамчун омили рушди минбаъда ва худтатбиқкунӣ қабул мекунанд.

> Мо ҳар як мизоҷро шарики худ мешуморем ва Бонк фаъолияти худро тибқи 7 принсипи ҳимояи мизоҷон таҳия ва амалӣ менамояд, зеро барои мо муҳим аст, ки мизоҷ аз ҳамкорӣ бо ҶСП Бонки "Арванд" танҳо таҷрибаи мусбатро соҳиб шавад.

Инҷо инчунин бояд нақши шарикон - лоиҳаҳо ва барномаҳои мухталифро қайд кард, ки ба рушди техникӣ, технологӣ ва иҷтимоии бахши ягонаи мақсадноки мо нигаронида шудаанд.

Аз ин гуна "майдонталабиҳо", рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мисол шуда метавонад, ки саҳми мусбии он бар рушди иқтисодиёт дар умум, оптимизатсияи равандҳои хизматрасонӣ барои ташкилот ва кам гардидани арзиши маҳсулот барои мизоч маълум аст. Аммо самараи рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ на танҳо дар дасти бонкҳо мебошад, балки ба таври фаъол бояд аз тарафи аҳолӣ қабул ва истифода бурда шавад, бе назардошти дигар омилҳои таъсиррасонанда. Ҳама иштирокчиёни ин равия бояд дастаҷамъона ҷиҳати фаҳмонидан ва пешкаши зарурияти он ба аҳолӣ корбарӣ намоянд.

**— Имкон дорад, ки ба наздикиҳо меъёри фоизии қарзҳо дар бонки шумо коҳиш ёбад? Умуман чунин раванд ба мушоҳида мерасад?**

— ҶСП Бонки "Арванд" фаъолона меъёрҳои фоизии қарзҳоро коҳиш медиҳад, чунончӣ фоизи баъзе намудҳои қарздиҳӣ то 24%-и солона паст карда шуданд. Аз он ҷумла, бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» маҳсулоти қарзӣ бо фоизҳои паст пешниҳод карда шуд, ки танҳо самти рушди сайёҳӣ қариби 3500 мизоҷ ба маблағи 23,4 млн. сомонӣ қарз гирифтанд. Танҳо соли гузашта, меъёрҳои фоизии аксари намудҳои маҳсулоти қарзӣ якчанд маротиба паст карда шуданд. Бонк фарогирии молиявии мизоҷони мақсаднокро бо ёрии дигар механизмҳое, ки раванди ба даст овардани хизматрасониҳо ба монанди содда кардани тартиб ва талаботро осон ва арзон менамоянд, дастгирӣ мекунад.

## САРМОЯГУЗОРИ ХОРИҶӢ МЕХОҲАД, КИ САРМОЯАШ ЭМИН БОШАД

**— Бонк дар самти ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ чӣ корҳоеро анҷом медиҳад?**

— Кор бо сармоягузори хориҷӣ, пеш аз ҳама, дар заминаи боварӣ асос мeёбад. Кафолати бештари шахсиро талаб мекунад, сармоягузорон кӯшиш мекунанд, ки то ҳадди ниҳоӣ аз талафёбии сармоягузорӣ эмин бошанд.

> Аз он ҷумла, бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» маҳсулоти қарзӣ бо фоизҳои паст пешниҳод карда шуд, ки танҳо самти рушди сайёҳӣ қариби 3500 мизоҷ ба маблағи 23,4 млн. сомонӣ қарз гирифтанд. Танҳо соли гузашта, меъёрҳои фоизии аксари намудҳои маҳсулоти қарзӣ якчанд маротиба паст карда шуданд.

Натиҷаи фаъолияти пурбарорро дар самти ҷалби сармоя соли 2017 - 8 млн. доллари ИМА, соли 2018 - 9 млн. доллари ИМА ва соли 2019 ҷалби сармоя дар намуди қарзҳои дарозмуҳлат аз ташкилотҳои молиявии хориҷӣ ба маблағи беш аз 11 млн. доллари ИМА инъикос менамояд, ки зиёда аз 70 фоизи қарзҳои ҷалбшуда бо асъори миллӣ буда, бахри паст намудани хавфи асъории қарзгирандагони кишварамон, яъне соҳибкорон ва дигар мизоҷони Бонк нигаронида шудаанд.

Аз он ҷумла, сармоя аз Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) 2,5 млн. доллари ИМА, аз Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) 1 млн. доллари ИМА, аз ташкилоти молиявии Triodos 2,5 млн. доллари ИМА, аз ташкилоти молиявии Symbiotics 4 млн. доллари ИМА ва дигар ташкилотҳо ҷалб карда шуданд.

Инчунин қайд намудан зарур аст, ки бархе аз ин қарзҳо аз рӯи лоиҳаҳои алоҳида буда, барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташудаи ин лоиҳа ба соҳибкорони хурду миёна ва дигар мизоҷон пешниҳод карда мешаванд. Ин ҳам бошад, қарз аз Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) аз рӯйи лоиҳаи «Зан дар тиҷорат», қарз аз Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) аз рӯи лоиҳаи қарзҳои манзилӣ, қарз аз рӯи лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ тавассути Вазорати молия ва дигар қарзҳо.

Дар моҳи феврали соли ҷорӣ 3 млн. доллари ИМА қарзҳои дарозмуҳлат бо асъори миллӣ аз ташкилотҳои молиявии хориҷии “Blue Orchard” ва “Symbiotics” ҷалб карда шудааст.

Бонк, инчунин ба нақша гирифтааст, ки ба таври иловагӣ беш аз 20 миллион доллари ИМА захираҳои молиявӣ ҷалб кунад, ки наздики 80%-и онро маблағгузорӣ бо пули миллӣ ташкил медиҳад.

## ҚАРЗҲОИ БА ТАЪХИРАФТОДА ҲАМАГӢ 3,1 ФОИЗРО ТАШКИЛ МЕДИҲАНД

**— Яке аз масоиле, ки "Аксесс-бонк Тоҷикистон" қаблан ба он рӯ ба рӯ шуда буд, ин мушкили қарзҳои мушкилситон буд. Баъд аз ҳамроҳ шудани ҳарду ташкилоти қарзӣ дар ин самт чӣ корҳоеро анҷом дода истодаед?**

— Сифати сандуқи қарзӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими муваффақияти бонк мебошад.

Аз ҷониби ҶСП Бонки “Арванд” ҷиҳати ситониданӣ қарзҳои мушкилситон як қатор чораҳои пешгирикунанда андешида мешаванд, чунончӣ пешниҳод кардани варақаи шартҳо, ки дар асоси он мизоҷ қарор қабул мекунад. Корҳо аз тарафи дастаҳои мухталиф, вобаста ба мӯҳлати таъхир ва сатҳи мушкилот анҷом дода мешаванд. Барои коҳиш додани қарзҳои мушкилситон ба пешгӯӣ дар марҳилаҳои якум ва дуюми раванди қарздиҳӣ, яъне марҳилаҳои таҳлили дархости қарз ва иҷрои он, аз ҷумла сатҳи андозаи қарздорӣ, диққати бештар дода мешавад. Таҷриба нишонаҳоеро исбот намудааст, ки дар раванди қарздиҳӣ барои муайян кардани қарзҳои эҳтимолии мушкилситон кумак менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар Бонк қарзҳои ба таъхирафтодаи зиёда аз 30 рӯз дар охири моҳи январи соли 2020 ба 3,1% баробар мебошад ва ин ҳам бошад, бо назардошти дороиҳое, ки аз ҶСП "Аксесс-Бонк Тоҷикистон" ба ҶСП Бонки “Арванд” гузаштаанд.

**— Самтҳои стратегии рушди ташкилоти Шумо дар оянда чӣ хоҳанд буд?**

— Самтҳои асосии рушди ҶСП Бонки "Арванд" иборатанд аз:

- нигоҳдории суботи молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ;
- ҷалби мизоҷон ба намудҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла хизматрасони бонкии фосилавӣ;
- Такмил ва рушди равандҳои ҷории тиҷоратӣ.

Ҳадафи Бонк ба таъмини самарабахшии ҳадди ниҳоии фаъолият, нигоҳ доштани афзалиятҳои рақобатнокӣ ва ҳимояи манфиатҳои мизоҷон нигаронида шудааст.

## БОНКИ «АРВАНД» СИЁСАТИ ЭКОЛОГИРО ПЕШ МЕБАРАД

**— Дар гузашта, вақте, ки "Арванд", ташкилоти амонатии қарзии хурд буд, "маблағгузории сабз"-ро яке аз самтҳои фаъолияти худ қарор дода буд. Ҳоло пас аз ба бонк табдил шудан дар ин самт низ кор хоҳад кард?**

— Дар тӯли тамоми фаъолияти худ, ҶСП Бонки "Арванд" барои татбиқи вазифаҳо оид ба ҳифзи муҳити зист кӯшиш ба харҷ дода, дорои таҷрибаи ғании кор бо лоиҳаҳои экологӣ мебошад ва тибқи сиёсати экологии худ танҳо он лоиҳаҳоеро дастгирӣ мекунад, ки ба муҳити зист зарар намерасонанд, нерӯи қарзгирандагонро дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ афзун намуда, барои маблағгузории фаъолияти соҳибкории онҳо захираҳои лоиҳаҳои сабзро равона менамояд.

Танҳо дар рафти иҷроиши се лоиха:

- аз Бонки Рушди Осиё (АБР) ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси лоиҳаи Маблағгузории сабз - 28 млн. сомонӣ ба намуди қарз равона карда шудааст;
- лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи мутобиқшавӣ ва тағйирёбии иқлим ва кам кардани таъсири он ба ҳавзаи баҳри Арал" (CAMP4ASB) ба татбиқи зиёд намудани манбаъҳои барқароркунандаи энергия, махсусан дар минтақаҳои аҳолинишини дурдаст – 18 млн. сомонӣ равона карда шудааст;
- ва дар доираи лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (ЕБРР) "Климадапт" маблағи зиёда аз 8,8 млн. сомонӣ пешкаш шудааст.

> Дар моҳи феврали соли ҷорӣ 3 млн. доллари ИМА қарзҳои дарозмуҳлат бо асъори миллӣ аз ташкилотҳои молиявии хориҷии "Blue Orchard" ва "Symbiotics" ҷалб карда шудааст. Бонк, инчунин ба нақша гирифтааст, ки ба тарзи иловагӣ беш аз 20 миллион доллари ИМА захираҳои молиявӣ ҷалб кунад,

**— Бонки "Арванд" ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар амал татбиқ намудани иқтисоди рақамӣ чӣ иқдомотеро пеш гирифтааст ва барои амалӣ намудани ин мақсад аз кадом технологияҳои муосир ҳангоми пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ истифода мебарад?**

— ҶСП Бонки "Арванд" бо роҳи ҷорӣ намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ барои фароҳам овардани муҳити муносиб кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Барои мисол, аз соли 2018 бо мақсади мусоидат ба пардохтҳои ғайринақдӣ, Интернет бонкинг ва бонкдории мобилӣ, ҳамёни электронӣ ҷорӣ карда шуданд. Дар айни замон, зиёда аз 3000 истифодабарандагон мизоҷони фаъол мебошанд. Ҷиҳати ҷалби шарикони нав барои татбиқи босамари нақшаи пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани кортҳои пардохтӣ ва васеъ намудани инфрасохтори хидматрасонӣ, корҳо идома ёфта истодаанд. Стратегияи тиҷорати электронӣ қисми муҳими нақшаи амалиётии Бонк мебошад. Ин усул имкон медиҳад, ки мизоҷон аз хизматрасониҳои бонк аз фосилаи дур истифода баранд ва вақтро барои ташриф ба бонк харҷ накунанд.

**— Ба андешаи Шумо, барои рушди минбаъдаи муътадил соҳаи бонкии кишвар ба чӣ ниёз дорад ва бояд кадом корҳоро анҷом диҳад?**

— Фаъолияти бахши бонкии Тоҷикистон ба принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ асос ёфтааст ва рушди он барои истифодаи самараноки неруи кишвар равона карда шудааст. Қисмати назарраси танзими меъёрии фаъолияти бонкӣ аллакай ба равишҳои эътирофшудаи байналмилалӣ мутобиқ карда шудааст. Ҳамзамон, принсипҳои асосии рушди низоми бонкӣ инҳо мебошанд: муҳити собит ва муътадили макроиқтисодӣ, сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ ва андозу буҷа, танзими босамари фаъолияти бонкӣ ва низоми назорати бонкӣ. Бахши бонкӣ ба таври назаррас босуръат рушд менамояд.

Дар бозори хизматрасонии бонкӣ, бахусус дар чунин қисматҳо, ба монанди ҷалби амонатҳои шахсони воқеӣ ва хизматрасонии интиқоли пул, фазои рақобатнокӣ рушд мекунад. Дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзӣ босуръат меафзоянд, пойгоҳи захираҳои онҳо васеъ шуда, миқёси амалиёти бонкӣ ва татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ вусъат меёбанд.

Тадбирҳои зарурӣ аллакай дар марҳилаи татбиқ қарор доранд ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани онҳо муҳим аст. Ин худ корҳоро оид ба санадҳои меъёрӣ ва лоиҳаҳое, ки бояд ба рушди боз ҳам босамари рақамикунӣ дар кишвар мусоидат кунанд, дар бар мегирад.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, корҳо вобаста ба Стратегияи миллӣ оид ба фарогирии молиявии аҳолӣ идома дорад - ба намояндагони бахши бонкӣ ва дигар иштирокчиёни иқтисодиёт муҳим аст, ки фаъолият зоҳир намуда, таҷриба ва дурнамои худро дар раванди рушд саҳмгузорӣ намоянд.

**— Шоира Музаффаровна, лутфан бигӯед, ки барои самараноктар шудани фаъолияти Бонки «Арванд» чӣ нақшаҳоеро амалӣ карданӣ ҳастед? Умуман, Шумо дурнамои фаъолияти «Арванд»-ро чӣ гуна баҳо медиҳед ва чӣ гуна тағйирот ё ислоҳотро дар он дар назар доред?**

— Имрӯзҳо яке аз омилҳои асосии комёбии фаъолияти бонкдорӣ ин ба таври мунтазам ҷорӣ намудани навовариҳо бо истифодаи технологияи иттилоотӣ мебошад. Пешрафти илмиву техникӣ бо консепсияи равандҳои инноватсионӣ, рақобати афзоянда ва истифодаи фаъоли технологияҳои муосири иттилоотӣ бонкҳои тиҷоратиро ба тағйир додани равишҳо дар ташкил ва рушди фаъолияти онҳо водор менамояд. Ҷорикунии навовариҳои технологӣ, молиявӣ ва ташкилӣ имкон медиҳад, ки дар заминаи воқеияти босуръат тағйирёбанда рақобатпазир боқӣ монанд.

Дар айни замон, ҶСП Бонки “Арванд” ба монанди аксари ниҳодҳои молиявии пешрафта, дар содда кардани тартиби кор ва ташкили сатҳи баланди низоми хизматрасонӣ манфиатдор мебошад. Аз ин сабаб, ҷорӣ намудани баъзе навовариҳои муосири ҳам рақамӣ ва ҳам дар дигар соҳаҳо, зарур аст.

Он бозорҳое, ки дар онҳо талаботи пардохтпазирӣ аз пешниҳод ба маротиб зиёдтар аст, оянда доранд. Нақшаҳои асосииояндаи ҶСП Бонки “Арванд” аз зиёд кардани сармоя (аз ҳисоби фоида ва сармоягузории саҳмдорон), рақобатпазирӣ ва тақвият додани нуфузи худ иборат мебошад.

**Мусоҳибон:**
**Аслам Мӯминов,**
**Лоиламоҳ Имомова,**
**“БТҶ”.**

# Фарогирии молиявӣ воситаест барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ



Ҷаласаи ҷамъбастии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо раисон ва намояндагони бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба “Вазъи низоми бонкӣ дар соли 2019 ва вазифаҳо барои нимсолаи якуми соли 2020” рӯзи 27 январи соли равон баргузор шуд ва дар он масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ ва вазифаҳои соҳа баррасӣ гардиданд.

Дар ибтидои мулоқот раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор кард, ки низоми бонкӣ яке аз ҷузъҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ иброз доштанд, он бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд.

Номбурда хотиррасон намуд, ки дар соли 2019 чорабиниҳои муҳиму хотирмон дар таърихи низоми бонкӣ рух дод, ки мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо, яке аз онҳо мебошад.

Ҳамчунин ба аҳли нишаст изҳор карда шуд, ки вазъи низоми бонкӣ, масъалаҳои миёнаравии молиявӣ, дастгирии молиявии бахшҳои иқтисодӣ, ҷалби амонатҳои аҳолӣ, кам кардани хавфҳои бонкӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар низом аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ҳам ҳар мулоқот бо кормандони низоми бонкӣ, ҳам дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва ҳам дар ҷаласаи охири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардиданд.

Дар робита ба ин, Ҷамшед Нурмаҳмадзода қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як зумра тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани корҳо дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст. Аз ҷумла, пешбурди сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ тавассути фишангҳои муосир самараи худро дода исто-

даast ва нишондиҳандаҳои мусбии макроиқтисодӣ гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд.

Масалан, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2019 ба 77,4 млрд. сомонӣ баробар шуда буд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 12,5 фоиз афзоиш ёфт ва рушди воқеии он 7,5 фоизро ташкил намуд.

Сатҳи таваррум, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ ба шумор меравад, дар соли 2019 ба 8,0 фоиз баробар шуд, ки он асосан дар натиҷаи омилҳои мавсимӣ, берунӣ ва таклифотӣ ба амал омад.

Дар баробари ин, сиёсати қурбӣ ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" идома дода шуда, бо мақсади идоракунии самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва афзун намудани ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ татбиқ гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар идомаи суханрониаш изҳор намуд, ки тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2019 бар асари андешидани чораҳои зарурӣ, дар маҷмӯъ мӯътадил арзёбӣ гардида, қурби расмии он (қурби миёнавазни хариду фурӯши доллари ИМА дар бозорҳои байнибонкӣ ва дохилибонкӣ) танҳо 2,7 фоиз коҳиш ёфтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 фоиз камтар аст.



Дар соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 9,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 25,5 фоиз зиёд мебошад.

Илова бар ин, бо мақсади дар давраи ҳисоботӣ бо пули миллӣ таъмин намудани иқтисодиёт маблағи 5,5 млрд. сомонӣ ба муомилот бароварда шуд ва сатҳи монетизатсия 27,1 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра бо мақсади пешгирӣ ва паст намудани хавфҳои асъорию қурбӣ, дар сатҳи мӯътадил нигоҳ доштани таваррум ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 141 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок ба маблағи 16,2 млрд. сомонӣ гузаронида шуд. Ба ғайр аз ин, аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ амонатҳои шабонарӯзӣ ба маблағи 123,2 млрд. сомонӣ ҷалб гардиданд.

Таъкид карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо ҳамаи мақомоти дахлдор тамоми чораҳои заруриро андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоӣ




кишвар равона месозад.

Тавре Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор дошт, дар соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 9,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 25,5 фоиз зиёд мебошад. Бақияи амонатҳо бошад, дар ин давра ба 9,7 млрд. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 18,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар натиҷаи нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ татбиқ кардани чораҳои солимгардонӣ, аз ҷумла нисбат ба бонкҳои муаммодор бақияи қарзҳои ғайрифаъол дар соли 2019 маблағи 2,5 млрд. сомонӣ ё 25,6 фоизи сандуқи қарзиро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба охири соли 2018 ба андозаи 158 млн. сомонӣ ё 5,8 фоиз коҳиш ёфт. Инчунин вазни қиёсии онҳо дар таркиби сандуқи қарзӣ ба андозаи 4,8 банди фоизӣ кам шудааст.

Қайд карда шуд, ки дар маҷмӯъ, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2019 бо фоидаи 308,8 млн. сомонӣ ҷамъбаст шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 12,5 фоиз зиёд мебошад.

Сипас, дар назди иштирокчиёни ҷаласа оид ба вазъи низоми бонкии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои ноилгардида ва хавфҳою камбудиҳои ҷойдошта дар соли 2019 директори Департаменти назорати бонкии БМТ Нурмуҳаммад Шарипов суханронӣ намуд. Мавсуф зимни пешниҳоди рӯнамоии худ диққати аҳли нишастро ба бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои алоҳида, паст гардидани пардохтпазирии ташкилотҳои қарздиҳанда, бинобар афзоиш ёфтани хавфҳои қарзӣ коҳиш ёфтани раванди фаъолияти қарздиҳӣ дар кишвар, андешидани чораҳо ҷиҳати ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нав, зиёд намудани ҳаҷми

қарздиҳӣ, алалхусус ба соҳаҳои истеҳсолӣ, паст кардани фоизи қарзҳо, ки аз суханронии Пешвои миллат дар Паёми соли 2019 ва маҷлиси васеи имсолаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҷалб намуд. Ҳамзамон аз роҳбарони бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд даъват ба амал оварда шуд, ки ба масъалаҳои дуруст ба роҳ мондани аудити дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, мукаммал намудани низоми идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, риояи қоидаҳои қарздиҳӣ, яъне пешниҳоди қарзҳои калонҳаҷм бо гузаронидани таҳлили амиқ, риоя кардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, пешниҳоди саҳеҳи ҳисоботҳо, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва ғайра диққати ҷиддӣ диҳанд.

Дар идомаи ҷаласа зимни муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома роҳбарони бонкҳои кишвар оид ба ноил гаштан ба комёбиҳо дар фаъолияти корӣ, аз ҷумла кам шудани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол, паст кардани фоизи қарзҳо, зиёд намудани ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ, ҷорӣ шудани хизматрасониҳои нави бонкӣ ва афзоиши миқдори марказҳои хизматрасонии бонкӣ, ҳамзамон вуҷуд доштани баъзе монеаву проблемаҳо дар кори ҳамарӯза фикру андешаҳои мушаххасро иброз намуда, омодагии худро дар ҳаллу фасли мушкилоти номбурда дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон баён карданд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласаи васеъ раиси БМТ Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо овардани далелу маълумотҳои мушаххас дар бораи таъмини риояи талаботи сирри бонкӣ, пеш аз ҳама, аз ҷониби кормандони худи ташкилоти қарзӣ, дар амал татбиқ намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ипотека", тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ баромад намуд. Ҳамзамон ба роҳбарони ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги бонкдорӣ ва сатҳи миёнаравии молиявӣ дар иқтисодиёт, кам кардани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол ва андешидани чораҳои саривақтӣ барои пешгирии хавфи қарзӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, тахассуси кормандон, ҷобаҷогузории дурусти онҳо, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави муосири бонкӣ, андешидани тадбирҳо барои зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, диверсификатсия намудани СҚ, фаро гирифтани бахшҳои нав, аз ҷумла маблағгузорӣ намудан ба рушди деҳот, соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, мусоидат намудан ба фарогирии молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо шарикони байналмилалӣ ва маблағгузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷалби бештари қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар дастуру тавсияҳо дода шуд.

**А. Ардамеҳр, “БТҶ”.**

# ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ БЮРОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ: назария, амалия ва таҷрибаи пешрафта



Имрӯз Бюрои таърихи қарзӣ як қисми ҷудонопазири бозори қарзҳои бонкист, зеро ҳангоми қабули қарор дар бораи додан ё надодани қарз ва ё таҷдиди он, ба инобат гирифтани таърихи қарзии муштарӣ яке аз талаботи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, маълумоти мазкур аз бюро гирифта мешавад.

Агар ба амалияи ҷаҳонӣ назар андозем, бюроҳои таърихи қарзӣ ба ташкилотҳои қарзӣ одатан хизматрасониҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- гирифтани маълумот оид ба қарз дар реҷаи воқеӣ (онлайн) (то 1 дақиқа);
- додани маълумот оид ба интизоми молиявии қарзгирандагон;
- ташаккули таърихи қарз;
- пешниҳод намудани ҳисоботи қарз;
- хизматрасонӣ бо тарзи машварат, ки ба ташаккул ва ошкоркунии таърихи қарз алоқаманд мебошад;
- баҳодиҳӣ ба қобилияти қарзадокунии субъектҳои таърихи қарз дар асоси усули таҳиянамудаи онҳо;
- таҳқиқи оморӣ бе муаррифии субъектҳои таърихи қарз;
- мониторинги интизоми молиявии қарзгирандагон;
- скоринги бюро, ки мувофиқи маълумоти бюро сохта мешавад;
- “тарбияи” интизоми молиявии қарзгирандагон бо роҳи фиристодани номаҳо аз номи бюро ё бонк дар сурати риоя накардани интизоми молиявӣ ё зиёд шудани қарз;
- ҳисоботҳое, ки сандуқи қарзии бонкро тавсиф мекунанд ва сандуқи қарзии бонкро бо маълумоти бюро дар маҷмӯъ муқоиса мекунанд;
- низоми назорат ва мубориза бо қаллобӣ дар мавриди суйистифода бо фишангҳои қарзгирӣ;
- низоми коркарди дархостҳо барои гирифтани қарз ва ғ.

Қобили қайд аст, ки доираи хидматҳои бюрои таърихи қарзӣ тадриҷан васеъ гардида, онҳо рӯз аз рӯз аз вазифаҳои “калидии” анъанавии худ, яъне аз ташаккулдиҳии махзани ягонаи маълумотӣ дур гардида, бештар ба хидматҳои таҳлилию оморӣ рӯй оварда истодаанд.

Ҳамчунин зикр кардан бамаврид аст, ки дар адабиёти муосири иқтисодии ватанӣ ба масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди Бюрои таърихи қарзӣ чандон аҳамияти ҷиддӣ дода нашудааст. Яъне аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва иқтисоддонони ватанӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии аҳамияти бюрои таърихи қарз, ташаккулёбӣ ва рушди институти мазкур, муаммоҳои ҷойдошта дар фаъолияти он ва роҳҳои бартараф намудани онҳо қариб

мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода нашудаанд.

Аҳамияти фаъолияти бюроҳои таърихи қарз бениҳоят муҳим буда, сарфи назар кардани онҳо ҳангоми таҳлили бозори қарзҳои бонкӣ қобили қабул намебошад, зеро онҳо дар кам кардани хатарҳои эҳтимолии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайра) ва ғайримолиявӣ (корхонаҳо ҳангоми санҷиши номзадҳо барои ба кор гирифтан, ширкатҳои иҷоравӣ ҳангоми санҷиши мизоҷон ва ғайра) кумак менамоянд.

Бешубҳа, дар замони муосир, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ метавонад дар танзими институти бюрои таърихи қарз дар Тоҷикистон нақши назаррас дошта бошад. Илова бар ин, омӯзиши таҷрибаи рушди институтҳои таърихи қарз, таҳияи чораҳо оид ба рушди он ва муайян намудани ҷиҳатҳои мусбиаш, ки аллакай дар амалияи ҷаҳонӣ аз санҷиш гузаштаанд, вазифаи муҳими илмию амалӣ дорад.

### → ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ИНСТИТУТИ “БЮРОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ”

Намунаи аввалини бюроҳои муосири таърихи қарзӣ ширкатҳои маълумотдиҳӣ дар бораи пардохтпазирӣ (ё идораҳои қарзӣ) буданд, ки маълумоти заруриро роҷеъ ба қарзҳо ҷамъоварӣ менамуданд.

Соли 1801 дар Британияи Кабир аввалин ширкати ташаккулдиҳандаи таърихи қарзӣ бо номи - Britain's Society of Mutual Communication for the Protection of Trade (Ҷамъияти иртиботи мутақобила оид ба ҳифзи савдо дар Британиё) таъсис дода шуд, ки он 2000 аъзо дошт ва дар бораи қарзгирандагон мубодилаи иттилоот мекарданд.

Аввалин бюрои тиҷоратии "мукаммал" оид ба таърихи қарз соли 1841 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пайдо шуд. Аммо қонун дар бораи фаъолияти чунин ширкатҳо танҳо дар соли 1960 қабул карда шуд (Санади Федералии ҳисоботдиҳӣ оид ба қарз, баъдан дар соли 1997 - Санади ҳисоботдиҳӣ оид ба қарзҳои одилона). То он вақт фаъолияти онҳо бо қонунгузории умумӣ танзим мешуд.

Сарфи назар аз вазифаҳои ба ҳам монанд, зарурати ташкили институти бюрои қарзӣ дар кишварҳои мухталиф яксон нест. Масалан, дар Туркия он барои таъмини рушди иқтисодӣ тавассути додани қарзҳои истеъмолӣ ба шаҳрвандони эътимоднок (пардохтпазир) таъсис дода шуда буд. Дар Маҷористон, Лаҳистон ва Сингапур - барои кам кардани хатари қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи амнияти бонкҳо, дар Булғористон ва Ҳонконг онҳо дар натиҷаи ҷамъшавии мушкилоти зиёд дар вақти бӯҳронҳо ва ғайра таъсис дода шуда буданд.

Дар амалияи ҷаҳонӣ аз рӯи шакли ташкилӣ ду намуди бюрои қарзӣ вуҷуд дорад: давлатӣ ва хусусӣ.

Афзоиши қарзҳои истеъмолӣ дар давлатҳои пешрафта дар асри XX ба он оварда расонд, ки барои нигоҳ доштани устувории бозори молиявӣ бонкҳои марказӣ Феҳристи давлатии қарзиро таъсис доданд. Феҳристи давлатии қарзҳо дар Олмон бори аввал соли 1934, дар Фаронса соли 1946, дар Белгия соли 1957, дар Италия ва Испания соли 1962 таъсис дода шудаанд.

Айни замон фаъолияти бозори бюрои таърихи қарзӣ дар аксар кишварҳо (Ирландия, Чин, Финляндия, Фаронса) ба таври инҳисорӣ (монополӣ) ё дар баъзе давлатҳо ба таври олигополӣ (Британияи Кабир, Италия, ИМА, Ҷопон) ба роҳ монда шудааст. Тавре таҷриба нишон медиҳад, давлатҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки дар онҳо бюроҳои қарзии давлатӣ ва хусусӣ дар шафати ҳам фаъолият мекунанд (Олмон ва Белгия).

### → ТАШАККУЛЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БЮРОҲОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗИИ АВРУПО ВА АМРИКО

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико се бюрои таърихи қарзии хусусии калон фаъолият менамоянд, ки бо ҳамдигар ҳамкории зич доранд. Инҳо, ширкатҳои “Equifax”, ки соли 1899, “Trans Union” соли 1969 ва “Experian” соли 1996 таъсис дода шудаанд. Бюроҳои мазкурро дар якҷоягӣ одатан “Сегонаи бузург” мегӯянд. Бюрои таърихи қарзии бонуфузи дигар –“ Dun & Bradstreet” (D&B) низ вуҷуд дорад, ки соли 1841 таъсис ёфтааст. Фаъолияти он асосан ба муштариёни корпоративӣ равона шудааст. Қайд кар-

дан бамаврид аст, ки ба ғайр аз ширкатҳои мазкур, дар ИМА боз 300 бюрои таърихи қарзии хурд фаъолият мекунанд, ки онҳоро Ассотсиатсияи бюроҳои қарзӣ соли 1906 муттаҳид намудааст.

“Сегонаи бузург” (“Equifax”, “TransUnion”, “Experian”) ва “D&B” берун аз ҳудуди ИМА, дар зиёда аз 40 давлати дунё низ фаъолият мебаранд. Барои мисол, ширкатҳо ва шахсони воқеие, ки “Equifax” аз онҳо (ё дар бораи онҳо) маълумот ҷамъ мекунад, 800 миллион шахсони воқеӣ ва зиёда аз 88 миллион ширкатро дар саросари ҷаҳон дар бар мегиранд. Ширкати номбурда зиёда аз 9 ҳазор кормандро дар 14 давлати дунё бо кор таъмин менамояд.

Пойгоҳи иттилоотии “Experian” дар бораи зиёда аз 235 миллион шахсони воқеӣ ва 25 миллион ширкату созмонҳо маълумот дорад. Ширкат дар 37 кишвари олам тақрибан 17 ҳазор нафар корманд дорад.

Агар ба маълумоти ширкати “TransUnion” бовар кунем, пас пойгоҳи иттилоотии он дар бораи тақрибан 1 миллиард нафар одамон, ки дар беш аз 30 давлати ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, маълумот дорад. Шумораи кормандони ширкат бошад, 4 700 нафарро ташкил медиҳад.

Ва ниҳоят, пойгоҳи ширкати “D&B” зиёда аз 250 миллион таърихи қарзиро фаро мегирад.

Бояд таъкид кард, ки бюроҳои таърихи қарз дар ИМА дар баробари маълумоти мусбӣ, маълумоти манфиро низ дар бораи муштариён

**Ҷадвали 1. Хусусиятҳои фаъолияти бюрои қарзӣ дар кишварҳои Аврупо**

| | |
|---|---|
| Белгия | Бюрои қарзии хусусии “UPC-BVK Association” солҳои 1930-юм таъсис дода шуд ва пойгоҳи маълумотиаш танҳо маълумоти манфиро дар бар мегирад;<br>Маълумот аз 1 сол то 10 сол нигоҳ дошта мешавад;<br>Дар баробари ин, (аз соли 1967) ду Феҳристи давлатии қарзӣ вуҷуд доранд: якум маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, дуюм - бо шаҳрвандон кор мекунад. Вобаста ба шахсони ҳуқуқӣ маълумоти мусбӣ ва манфӣ нигоҳ медоранд, вобаста ба шаҳрвандон - танҳо маълумоти манфӣ.<br>Дар сурати пардохти қарз, маълумот пас аз 1 сол ба таври худкор нест карда мешавад ва дигар маълумот зиёда аз 10 сол нигоҳ дошта намешавад. |
| Британияи Кабир | Иштирокчиёни асосии бозор се ширкати калонтарини хусусӣ – “Equifax” (соли таъсис - 1899), “Experian” (соли таъсис - 1996) ва “CallCredit” (соли таъсис -2001) мебошанд. Ин ширкатҳо аз ташкилотҳои молиявӣ, корхонаҳои фурӯши чакана, хадамоти коммуналӣ ва манбаъҳои ҷамъиятӣ маълумот ҷамъоварӣ менамоянд. |
| Олмон | Бюрои қарзии хусусии ғайритиҷоратии “Bundes Schufa” соли 1927 таъсис ёфтааст. Бо он бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва иҷорадеҳони хонаҳо ҳамкорӣ мекунанд. Иттилооти мусбат ва манфиро ҷамъоварӣ ва таъмин мекунад.<br>Феҳристи давлатии қарзӣ соли 1934 таъсис ёфтааст ва аз ҷониби Deutsche Bundesbank идора карда мешавад. Бонкҳо вазифадоранд, ки ба он ҳар семоҳа маълумот пешниҳод намоянд. |
| Италия | Ду бюрои қарзии хусусӣ вуҷуд доранд – “CRIF” ва “Consorzio per la tutela del credito” (CTC).<br>“CRIF” созмони ғайритиҷоратиест, ки аз ҷониби як консорсиуми бонкҳои хурд ва миёна соли 1988 таъсис ёфтаст, айни замон дар зиёда аз 30давлат фаъолият менамояд. Маълумоти манфӣ ва мусбатро дар бораи муштарён таъмин мекунад.<br>Феҳристи давлатии қарзӣ соли 1964 ба кор шурӯъ кард, ки иштироки ҳама бонкҳои тиҷоратӣ дар он ҳатмист. Ба бонкҳо танҳо дар бораи қарзҳое маълумот медиҳад, ки дар давоми 12 моҳи охир дода шудаанд. |
| Фаронса | Феҳристи давлатии қарзӣ соли 1934 таъсис ёфтааст. Пас аз пардохти қарзҳо, сабтҳои таърихи қарз нест карда мешаванд. |
| Шветсия | Ду бюрои хусусӣ мавҷуданд – “Soliditet AB” ва “UC”. Ҳардуи ин бюроҳо маълумоти мусбат ва манфӣ ҷамъ мекунанд. Бюроҳои қарзӣ дар Шветсия ба маълумоти суд, бюрои омор, пойгоҳи иттилоотии марказии шаҳрвандон, раёсати миллии андоз, шӯрои миллии суғуртаи иҷтимоӣ, се дафтари марказии барасмиятдарории тартиби муфлисшавӣ ва 3500 бонкҳо дастрасӣ доранд. Маълумот барои 10 сол ё то пардохти қарз нигоҳ дошта мешавад. |

ҷамъоварӣ мекунанд.

Дар ҷадвали 1 хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти бюрои қарзӣ дар кишварҳои Аврупо ба таври мухтасар оварда шудаанд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар чанд давлати Аврупо (Белгия, Олмон, Испания, Италия, Португалия) бюроҳои таърихи қарзии хусусӣ ва давлатӣ вуҷуд доранд. Фарогирии иттилоот дар онҳо якхела нест –дар баъзе бюроҳо танҳо иттилооти манфӣ ва дар баъзеи дигараш ҳам иттилооти мусбӣ ва ҳам манфӣ нигоҳ дошта мешаванд. Муҳлати нигаҳдории маълумотҳо низ дар онҳо фарқ мекунад. Масалан, дар Шветсия ва Белгия - то 10 сол, Дания - 5 сол (аммо пас аз пардохти пурраи қарзҳо маълумот нест карда мешавад). Дар Нидерландия дар сурати напардохтани қарз иттилоот бемуҳлат нигоҳ дошта мешавад ва ҳангоми пардохт - пас аз 5 сол нест карда мешавад, дар Олмон - пас аз 3 сол. Ин маълумотҳо аз мавҷуд набудани «муносибати

ягонаи аврупоӣ» барои нигоҳ доштани интизоми қарзии муштариён (қарзгирандагон) шаҳодат медиҳад.

Баъд аз омӯзиши таърихи ташаккул, фаъолият ва хусусиятҳои хоси бюроҳои таърихи қарзии Амрико ва Аврупо гуфтан мумкин аст, ки кишварҳои мазкур таҷрибаи кофии ташаккулдиҳии таърихи қарзиро доранд ва он дар баъзе давлатҳо зиёда аз 100 солро ташкил медиҳад.

### → ТАШАККУЛЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БЮРОҲОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ ДАР КИШВАРҲОИ МИНТАҚАИ ОСИЁ ВА ҲАВЗАИ УҚЁНУСИ ОРОМ

Дар кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором масъалаи таҳқиқшаванда ба андозае фарқкунанда аст, зеро дар онҳо нақш ва таъсири бюроҳои қарзии фаромарзӣ назар ба давлатҳои Аврупо хеле баланд аст. Дар баробари ин, дараҷаи махфияти маълумоти шахсӣ одатан пасттар аст.

Дар ҷадвали 2 таърихи пайдоиш, хусусиятҳои хоси фаъолият ва намуди маълумоти бюрои қарзӣ дар кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором ба таври мухтасар оварда шудааст.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки Институти Феҳристи давлатии қарзҳо дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ фаъолият намекунад ва бюроҳои қарзии хусусӣ таҳти сарпарастии давлат қарор доранд (дар Хитой муассис Бонки Хитой дар якҷоягӣ бо “Experian”, дар Кореяи Ҷанубӣ - Вазорати Молия ва Иқтисод).

**Ҷадвали 2. Хусусиятҳои хоси фаъолияти бюрои қарзӣ дар кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором**

| | |
|---|---|
| Ҳонконг | Бо мақсади баромадан аз бӯҳрони молиявии соли 1982 “Credit Information Services Limited” таъсис дода шуд ва соли 1999 “TransUnion” онро харид. Соли 2003 бошад ширкат ба таври расмӣ “TransUnion Limited” номгузорӣ шуд. Ширкат маълумоти манфӣ ва мусбии муштариёнро ҷамъоварӣ ва нигоҳ медорад. |
| Ҳиндустон | “Credit Information Bureau (India) Ltd.” (CIBIL) (Бюрои маълумот оид ба қарз) соли 2000 таъсис ёфтаасту ба бонкҳои Ҳиндустон тааллуқ дорад ва дар платформаҳои “D&B” ва “TransUnion” амал мекунад. Аъзои CIBIL маълумоти ҳармоҳа пешниҳод мекунанд, ки барои нигоҳ доштани таърихи қарз ва ҳисоб кардани рейтингҳои қарзӣ истифода мешаванд. |
| Хитой | Соли 2005 дар платформаи техникии “Experian” таҳти сарпарастии Бонки марказии Чин бюро ба фаъолият оғоз кард. Барои таҳлил, миқдори назарраси иттилоот, аз ҷумла иттилоот аз хадамоти телекоммуникатсия ва хадамоти коммуналӣ истифода бурда мешавад (махфияти маълумоти шахсӣ афзалият надорад). |
| Сингапур | “Credit Bureau (Singapore) Pte Ltd” (CBS) (Бюрои қарзии Сингапур) соли 2002 бо мақсади баланд бардоштани сифати қарздиҳӣ дар доираи татбиқи сиёсати пулю қарзӣ таъсис дода шудааст. Соли 2003 бюрои қарзӣ – “CreditScan” (дар айни замон D&B Сингапур) таъсис дода шуд. Он маълумотро ба фурӯшандагон, беморхонаҳо, ширкатҳои коммуналӣ ва дигар ширкатҳои ғайрибонкӣ низ мефурӯшад. |
| Куриёи Ҷанубӣ | “KFB” соли 1928 ҳамчун клуби бонкдорони Kyongsong таъсис дода шуда буд. Соли 1997 Вазорати молия ва иқтисод расман “KFB”-ро ҳамчун агентии марказии қарзӣ барои ҷамъбасти иттилоот таъйин кард, ки ин қарор ба ҷамъоварӣ ва ҳифз кардани маълумоти қарзӣ аз ҳама муассисаҳои молиявӣ имконият фароҳам меорад.<br>“Korea Information Service” (KIS) (Хадамоти иттилооти Корея)- аввалин бюрои қарзии Корея, моҳи майи соли 2002 дар заминаи платформаи “TransUnion” ба фаъолият оғоз кард. “National Information & Credit Evaluation”, Inc (NICE) - аз моҳи ноябри соли 2002 дар ҳамкорӣ бо “Experian” ташкил шуд. |
| Ҷопон | Дар Ҷопон Шабакаи васеи бюроҳои қарзии зерин фаъолият менамоянд:<br>- “Japan Information Center Corporation” (JIC, или Zenjoren) (Корпоратсияи маркази иттилоотии Ҷопон) - соли 1976 таъсис ёфтааст ва 33 бюрои қарзиро дар минтақаҳои гуногуни Ҷопон муттаҳид мекунад;<br>- “Credit Information Center Corporation” (CIC) (Корпоратсияи маркази иттилооти қарзӣ) - аз ҷониби намояндагони бахши кортҳои қарзӣ соли 1984 таъсис ёфтааст;<br>- “Central Communication Bureau Corporation” (CCB) (Корпоратсияи маркази бюрои коммуникатсионӣ) - бо иштироки ширкати хориҷӣ соли 1979 ташкил шудааст;<br>- “Tera Net Corporation” - соли 1999 таъсис ёфтааст ва 33 бюрои қарзиро муттаҳид мекунад;<br>- “Japan Banking Personal Credit Information Center” (Zenginkyo) – (Маркази иттилооти шахсии қарзӣ оид ба қарзҳои бонкии Ҷопон) - ягона бюрои қарзӣ дар шакли ширкати ғайритиҷоратӣ, ки ба Ассотсиатсияи Бонкдорони Ҷопон тааллуқ дорад, соли 1988 таъсис ёфтааст. |

Дар Сингапур маълумоти бюрои қарзиро на танҳо бонкҳо, балки дигар ташкилотҳо низ метавонанд истифода баранд. Масалан, барои иҷора гирифтани хона, шумо бояд таърихи қарзии хуб дошта бошед, зеро иҷорадеҳ метавонад ба бюро дархост фиристад. Дар сурати таърихи қарзии манфӣ доштан, пардохти иҷора метавонад зиёд гардад ё дархости иҷорагирӣ тамоман рад карда шавад.

### → ТАШАККУЛЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БЮРОҲОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Дар Русия бюроҳои қарзӣ то Инқилоби Октябр ба вуҷуд омаданд (солҳои 1905-1917). Дар назди шӯроҳои

биржавӣ ва ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ дафтарҳои махсус амал мекарданд, ки ба қарздиҳандагон оид ба таърихи пардохтҳои қарзгирандагон барои кам кардани хавфҳои қарзӣ маълумот медоданд.

Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Русия бюроҳои қарзӣ мавҷуд набуданд, зеро дар шароити монополияи пурраи давлатӣ ва фаъолияти меҳнатии ҳатмӣ, эҳтиёҷот ба онҳо амалан аз байн рафта буд.

Дар айни замон, дар Русия бюроҳои таърихи қарзии хусусӣ амал мекунанд, ки онҳо аз соли 2005 пас аз эътибор пайдо кардани Қонуни федералии № 218-ФЗ "Дар бораи таърихи қарз" ба рушд кардан оғоз намуданд. Қонуни мазкур ҳамаи ташкилотҳои қарзиро вазифадор кардааст, ки ақаллан ба як бюрои таърихи қарзӣ дар бораи қарздорон маълумот фиристанд.

Аз 1 марти соли 2015, маълумот дар бораи таърихи қарз бояд ба муддати 10 сол (қаблан 15 сол) нигоҳ дошта шавад. Дар амалияи ҷаҳонӣ, ин яке аз мӯҳлатҳои дарозтарин мебошад. Маълумот дар бораи қарзгирандагони таърихи манфиро ба мӯҳлати номуайян низ нигоҳ доштан мумкин аст (ба монанди Нидерланд).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи бюроҳои таърихи қарз дар Россия солҳои охир коҳиш ёфта истодааст. Яке аз сабабҳои асосии ин, раванди муттаҳидсозии онҳо мебошад. Масалан, якҷояшавии ширкати "Инфокредит", ки ба Сбербанки Русия хизмат мекард ва ширкати "Экспириан-Интерфакс" ба ташкили Бюрои қарзии муштарак оварда расонид. Соли 2011 Бюрои миллии таърихи қарзӣ Бюрои шарқии таърихи қарзиро ба даст овард, ки пешсафи соҳа дар Сибир ва Шарқи дур буд.

Ба ҳолати моҳи ноябри соли 2019 дар Русия 11 бюрои таърихи қарз фаъолият менамоянд, ки онҳо аз ҷониби Феҳристи марказии таърихи қарз ба қайд гирифта шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки зиёда аз 95%-и таърихи қарз дар панҷ бюрои калонтарини Русия ҷамъ оварда шудааст. Пешсафони бозор Бюрои миллии таърихи қарзӣ (пойгоҳи он зиёда аз 390 миллион таърихи қарзӣ дорад), ҶДММ "Эквифакс Кредит Сервисиз"(350 миллион таърихи қарзӣ) ва Бюрои қарзии муштарак (371 миллион таърихи қарзӣ) мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва пешниҳоди иттилоот бюроҳои таърихи қарзи Русия ба монанди "Сегонаи бузург"-и ИМА бо ҳамдигар ҳамкорӣ намекунанд. Ин барои бонкҳо ҳангоми дархост кардани маълумот оид ба қарзгирон монеа эҷод мекунад, агар таърихи қарзии муштарӣ дар якчанд бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта шавад.

Соҳибони асосии ҶДММ «Equifax Credit Services» ва Бюрои қарзии муштарак ширкатҳои хориҷӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар бораи амнияти таърихи қарзҳо бо тавсеаи эҳтимолии таҳримот алайҳи Русия хавф вуҷуд дорад, зеро аз соҳибони онҳо мумкин аст талаб карда шавад, ки бозори Русияро тарк кунанд. Дар чунин ҳолат зарурияти нусхабардории маълумотҳое, ки дар бюроҳои мазкур мавҷуданд, вуҷуд дорад. Зеро зиёда аз 1 миллиард таърихи қарзӣ дар як вақт метавонад "нобуд" гардад, ки ин ба бахши молиявию бонкии Русия таъсири назарраси манфӣ хоҳад расонид.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки дар Русия нисбат ба давлатҳои Аврупо ва кишварҳои минтақаи Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором институтҳои бюрои таърихи қарз нисбатан дертар (пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ) ба фаъолият оғоз намуданд. Вале дар як муддати кӯтоҳ онҳо тавонистанд қариб тамоми таҷрибаи мусбии хориҷиро дар ин самт бомуваффақият татбиқ намоянд.

Дар ҷадвали 3 таърихи пайдоиш ва намуди маълумоти бюрои қарзӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври мухтасар оварда шудааст.

### → ТАШАККУЛЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ФАЪОЛИЯТИ БЮРОҲОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мисли Русия дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ эҳтиёҷ ба бюроҳои қарзӣ аз сабаби монополияи пурраи давлатӣ ва фаъолияти меҳнатии ҳатмӣ, амалан аз байн рафта буд.

Фаъолияти институти бюрои таърихи қарзӣ дар бозори қарзии Тоҷикистони

соҳибистиқлол каме дертар, яъне солҳои 2008-2009 шурӯъ шуд. Сабабҳои асосии дер ба фаъолият шурӯъ намудани бюрои таърихи қарз дар Тоҷикистон, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор шудани давлат, бӯҳрони шадиди сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодиву молиявии баъдиҷангӣ ва ташаккулу рушди номукаммали бозори қарзӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба шумор меравад.

Дар айни замон, дар Тоҷикистон танҳо бюроҳои қарзии хусусӣ амал мекунанд, ки онҳо аз соли 2009 пас аз эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" ба фаъолият оғоз кардаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" мафҳуми бюрои таърихи қарз чунин шарҳ дода шудааст: "бюрои таърихи қарз - шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот хизмат мерасонад".

Қонуни мазкур ҳамаи ташкилотҳои қарзиро вазифадор кардааст, ки ақалан ба як бюрои таърихи қарз дар бораи қарздорон маълумот фиристанд. Ҳамзамон, бонкҳо имконият пайдо кардан, ки дар бораи қарзгирандагони эҳтимолӣ аз онҳо маълумот дархост кунанд. Ҳисоботи қарз, ки бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон пешниҳод

**Ҷадвали 3. Таърихи пайдоиш ва намуди маълумоти бюрои қарзӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ.**

| Давлат | Соли пайдоиши бюро | Намуди маълумот B-blak(манфӣ), W-white(мусбӣ) | Давлат | Соли пайдоиши бюро | Намуди маълумот B-blak(манфӣ), W-white(мусбӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Австралия | 1930 | B | Норвегия | 1987 | B |
| Австрия | 1860 | B-W | Перу | 1995 | B-W |
| Аргентина | 1950 | B-W | Португалия | м/н | B-W |
| Белгия | 1987 | B | Сингапур | 1987 | B |
| Бразилия | 1996 | B | ИМА | 1890 | B-W |
| Британияи Кабир | 1960 | B-W | Тайван | 1975 | B-W |
| Олмон | 1927 | B-W | Уругвай | 1950 | B |
| Ҳонконг | 1982 | B | Филиппин | 1982 | B |
| Дания | 1971 | B | Финландия | 1900 | B |
| Ирландия | 1963 | B-W | Чили | 1990 | B-W |
| Испания | 1994 | B | Швейтсария | 1968 | B-W |
| Италия | 1990 | B-W | Шветсия | 1890 | B-W |
| Канада | 1919 | B-W | ҶАҶ | 1901 | B-W |
| Мексика | 1997 | м/н | Корея Ҷанубӣ | 1985 | B-W |
| Нидерланд | 1965 | B-W | Ҷопон | 1965 | B-W |

мекунанд, аз ду қисм иборат аст: қисми якум дар бораи субъекти таърихи қарз (суроға, нишонӣ, РМА, силсилаи шиноснома ва ғ.) ва қисми дуюм дар бораи "таърихи қарзӣ"-и субъект.

Мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" маълумот дар бораи таърихи қарз бояд барои 5 сол нигоҳ дошта шавад. Дар амалияи ҷаҳонӣ, ин яке аз мӯҳлатҳои кам мебошад, ки метавонад ба хавфи пешниҳоди қарз ба шахсони дорои "интизоми манфии молиявӣ" оварда расонад.

Ба ҳолати моҳи ноябри соли 2019 дар Тоҷикистон 2 бюрои таърихи қарзӣ - ҶДММ Бюрои таърихи қарзии "Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон" ва ҶДММ "Бюрои таърихи қарзии Сомониён" дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки қисми зиёди таърихи қарз дар ҶДММ бюрои таърихи қарзии "Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон"(БҚИТ) ҷамъ карда шудааст. Пойгоҳи он тибқи маълумоти сомонаи ширкат зиёда аз 2,7 миллион таърихи қарзӣ дорад.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса ба давлатҳои пешрафта ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Зеро бюро танҳо ба ҷамъ намудани маълумот ва фурӯши он ба ташкилотҳои қарзӣ машғул мебошад. Дар ҳоле, ки дар давлатҳои пешрафта (дар замони муосир) нақши бюрои таърихи қарз дар паст кардани сатҳи қарздории аҳолӣ, беҳтар намудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ ва "тарбияи молиявӣ"-и муштариён бениҳоят муҳим арзёбӣ

карда мешавад. Масалан, дар сомонаи Бюрои миллии таърихи қарзии Русия дар як сол (ноябри 2018 – ноябри 2019) 110 мақолаву маълумоти таҳлилӣ ҷойгир карда шудааст, ки ҳар моҳ, семоҳа, шашмоҳа ва солона вазъияти бозори қарзиро пурра таҳлил намуда, омилҳои монеъшавандаи рушди бозор ва сабабҳои коҳишёбии сандуқи қарзӣ ва сифати онро таҳлил карда, дар сомонаи худ ҷойгир менамоянд. Ба ғайр аз ин, дар маводу маълумоти таҳлилии худ бюрои мазкур соҳаҳои алоҳидаи бозори қарзӣ, сохтори бозор ва сатҳи қарздории аҳолиро инъикос намуда, пешкаши омма мегардонад. Маълумоти мазкур ба ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳад, ки стратегияи қарзии худро ба шароити бозор мутобиқ намуда, сандуқи қарзиашонро аз хавфҳои эҳтимолӣ эмин нигоҳ доранд. Барои олимону муҳақиқон бошад, маълумоти мазкур дар таҳияи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва пешниҳоди беҳтар намудани вазъияти бозори қарзӣ кумаки амалӣ мерасонад.

Мутаасифона, дар як соли охир (ноябри 2018 – ноябри 2019) дар сомонаи бюрои БҚИТ ҳамагӣ 14 хабари нав гузошта шудааст, ки аз он 8 хабар оид ба табрикот ба ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ буда, боқимонда 6 хабари дигар дар бораи вохӯриҳо бо ҳамкорони қаблӣ ва нав мебошанд. Тавре мебинем, дар сомонаи ширкат ягон маводи таҳлилӣ дида намешавад.

Ҳамчунин, таъкид кардан зарур аст, ки сомонаи бюрои мазкур танҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ мавод нашр менамояд ва таассуфовар аст, ки маълумот бо забони давлатӣ дар он тамоман вуҷуд надорад. Вазъ дар ин самт бояд тағйир ва ислоҳ карда шавад.

Ба сомонаи ЧДММ "Бюрои таърихи қарзии Сомониён” ворид шудан ғайриимкон аст. Ҳангоми ворид шудан дар он танҳо як маълумот аст, ки шумораи шартномаҳо то имрӯз зиёда аз 970 ҳазор адад мебошанд.

Мувофиқи маълумоти фаврӣ аз ташкилотҳои қарзӣ дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби бюрои қарзӣ маълумот сари вақт нав карда намешавад ва ё нисбати муштарӣ маълумоти хато пешниҳод мегарданд. Барои мисол, муштарӣ дар ҳолати санҷиш қарздор нест, вале бюро дар ҳисоботи қарз онро қарздор нишон медиҳад ва танҳо баъди иддаои муштарӣ ва муколамаи ташкилоти қарзӣ бо бюро маъумот нав карда мешавад.

Ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки муштарӣ дар вақти санҷиш қарздор аст, аммо маълумоти пешниҳоднамудаи бюро онро қарздор нишон намедиҳад, ки ин ҳолат ба ташкилоти қарзӣ хавфи барнагаштани қарзро ба вуҷуд меорад.

Ҳолатҳои мазкур ё бо “айби” ташкилотҳои қарзӣ, ки ба бюро маълумоти нодуруст пешниҳод мекунанд ва ё маълумотро сари вақт пешниҳод намекунанд ва ё бо “гуноҳи” бюрои таърихи қарз, ки маълумоти ташкилотҳои қарзиро ба пойгоҳи маълумотӣ ворид намекунанд ва ё сари вақт дохил намекунанд, ба вуҷуд меоянд.

Илова бар ин, бояд гуфт, ки фаъолияти молиявии бюрои таърихи қарзӣ айни замон ношаффоф аст, зеро аз ин ташкилотҳо пешниҳоди ҳисоботи оммавӣ талаб карда намешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки мутобиқи талаботи қонун ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ вазифадоранд, ки ақалан ба як бюрои таърихи қарз дар бораи қарздорон маълумот фиристанд. Ин барои бонкҳо ҳангоми дархост кардани маълумот дар бораи қарзгирон монеа эҷод мекунад, агар таърихи қарзии муштарӣ дар якчанд бюрои таърихи қарз нигоҳ дошта шавад.

Хулоса, фаъолияти институти Бюрои таърихи қарзии Тоҷикистон ҳамагӣ 10 солро ташкил медиҳад, аммо таърихи рушди ширкатҳои шабеҳ дар хориҷа давраи тӯлонитар дорад (зиёда аз 100 сол дар ИМА ва Британияи Кабир). Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, як падидаи хеле муҳимро қайд кардан зарур аст - қариб тамоми таҷрибаи мусбии хориҷӣ дар самти қонунгузорӣ дар Тоҷикистон бомуваффақият татбиқ карда мешавад. Аммо ин ҳоло ҳам нокифоя мебошад ва ба зарурати дахолат накардан ба фаъолияти институти ватании бюрои таърихи қарзӣ ишора намекунад.

### → ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ИНСТИТУТИ БЮРОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Барои рушди минбаъдаи бозори таърихи қарз, мукаммал гаштани фаъолияти бюрои таърихи қарзӣ, “тарбия” намудани муштариёни ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ пешрафти бозори қарзҳои бонкии Тоҷикистон иҷрои як қатор корҳоро қобили қабул ва саривақтӣ меҳисобем. Аз ҷумла:

- гирифтани ҳисоботи қарзӣ на танҳо барои бастани шартномаи қарз (кредит), инчунин бо мақсадҳои дигар (барои иҷораи хона, ба кор қабул шудан ва ғ.) бо розигии субъекти таърихи қарз имконпазир шавад;
- пешниҳоди ҳисоботи қарзӣ на танҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, инчунин қарзҳо аз ҳисоби хизматрасониҳои коммуналӣ, ҷаримаҳои маъмурӣ, қарзҳои иҷораи манзил ва корхона ва ғ. бо розигии субъекти таърихи қарз имконпазир шавад;
- муваззаф намудани бюрои таърихи қарз барои таҳқиқи оморӣ бе муаррифии субъектҳои таърихи қарз ва нашр намудани маълумоти таҳлилӣ ва оморӣ барои доираи васеи истифодабарандагон;
- қонунгузорӣ бояд барои хатогиҳое, ки қарзгиранда ошкор кардааст, ҷарима таъйин кунад (ҳам барои бюрои таърихи қарз ва ҳам барои ташкилоти қарзие, ки маълумоти нодуруст пешниҳод кардааст ва ё маълумоти навро ворид накардааст);
- дар бюро ҷамъ намудани маълумот вобаста ба дархостҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ рад карда шудаанд ва сабабҳои рад шудани онҳо;
- муваззаф намудани бюрои таърихи қарзӣ барои нашр намудани ҳисоботи молиявии солонаи худ;
- муваззаф намудани ташкилотҳои қарзӣ барои ба ҳамаи бюрои таърихи қарзии амалкунанда фиристодан ва гирифтани маълумот дар бораи қарздорон;
- зиёд намудани муҳлати нигоҳдории маълумот дар бораи таърихи қарз аз 5 сол ба 10 сол;
- масъалаи таҳвили ҳатмии иттилоот дар бораи таърихи қарзҳо ба Бонки миллӣ барои мониторинг ва ислоҳи сиёсати пулию қарзӣ ҳамчунон боқӣ мемонад.

Хавфҳои назарраси бонкҳо, ки боиси ноустувории бахши молиявӣ ва бонкӣ, зиёд шудани қарздории шаҳрвандон гаштаанд ва вазъи душвори иқтисодӣ дар доираи таҳримот алайҳи шарикони асосӣ, сари вақт ҷорӣ шудани ин нававвариро таъкид мекунанд.

**Ҷӯраев Б.М,**
сардори шуъбаи танзими асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ,

**Абдулқайси Саидҷаббор,**
мутахассиси пешбари шуъбаи назорати асъори идораи танзим ва назорати асъори ДИЗБ ва СҚА-и БМТ, докторанти PhD-и Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ.





# 2019–2021
## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

**Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор аст ва табиати нотакрор дорад, барои ташаккули намудҳои гуногуни сайёҳӣ, бахусус кӯҳнавардӣ ва экологӣ имкониятҳои зиёд дорад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*





# Солҳои 2020-2040

## “БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ”

**Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.**

*Эмомалӣ Раҳмон*

